ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМӢ–ТАДҚИҚОТИИ ФАРҲАНГ ВА ИТТИЛООТ

МИНИСТЕРСТВО КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
НАУЧНО–ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЙ ИНСТИТУТ
КУЛЬТУРЫ И ИНФОРМАЦИИ

MINISTRY OF CULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
RESEARCH INSTITUTE OF CULTURE AND INFORMATION

ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ

Нашрияи илмию таҳлилӣ
2024, № 1 (65)

ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ

Научно–аналитическое издание
2024, № 1 (65)

HERALD OF CULTURE

Scientific and analytical edition
2024, № 1 (65)

Душанбе – 2024

ТДУ 37 тоҷик+008+025+9 тоҷик+792 тоҷик
ТКБ – 71.0+71.4 (2 тоҷик)+63.3 (2 тоҷик)+85.313 (2 тоҷик)+78.34 (2 тоҷик)
П–14

Паёмномаи фарҳанг: нашрияи илмию таҳлилии Пажӯҳишгоҳи илмӣ- тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот / сармуҳаррир А. Аминов; муҳаррири масъул М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 1 (65). – 128 с.

МУАССИСИ МАҶАЛЛА:
Пажӯҳишгоҳи илмӣ–тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:

Аминов Абдулфаттоҳ — н.и.филология, директори ПИТФИ

ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР:

Ҷӯраев Мирзоалӣ — н.и.филология, муовини директори ПИТФИ оид ба илм

МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ:

Муродӣ Мурод — д.и.филология, профессори кафедраи матбуоти ДМТ.

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Сатториён Матлубахон — н.и.филология, Вазири фарҳанги ҶТ.

Раҳимӣ Дилшод — н.и.филология, Намояндаи доимии ҶТ дар назди ЮНЕСКО

Низомов Аслиддин — д.и.санъатшиносӣ, мудири шуъбаи санъатшиносии АМИТ

Азимов Аъзамҷон — д.и.филология, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ

Улмасов Фирӯз — д. и. санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода

Камолов Ҳамзахон — д. и. таърих, мудири шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ

Табаров Маҳмадулло — н.и.таърих, мудири шуъбаи фарҳанги рӯзномаи “Ҷумҳурият” .

Камолзода Сайфиддин — н. и. педагогӣ, муовини директори Китобхонаи миллӣ

Комилзода Шариф — н.и.педагогӣ, дотсент, ходими пешбари шуъбаи фаъолияти китобдории ПИТФИ

Маҷалла соли 2000 таъсис ёфтааст. Дар як сол 4 шумора нашр мешавад.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №274/МҶ-97 аз 29 декабри соли 2022 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.11.2020, №222 ворид гардидааст.

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 17 (ошёнаи 2). Сомонаи пажӯҳишгоҳ: www.pitfi.tj; сомонаи маҷалла: www.farhangnoma.tj; e-mail: fpayom@gmail.com; Тел.: (+992 37) 233-58-84. Индекси обуна: 77728.

Маҷалла мувофиқи шартномаи литсензионии №532–09/2013 аз 2 сентябри соли 2013 дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва мунтазам дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.
Дараҷаи илмии мавод, саҳеҳии арқом, санаду иқтибосҳо ба дӯши муаллифон аст. Нуқтаи назари муаллифон метавонад бо назари идораи маҷалла мувофиқ набошад. Бознашри мавод танҳо бо ризоияти хаттии идораи нашрия ва иқтибос ба маҷалла сурат мегирад.
Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст.

ISSN2306–6423
© ПИТФИ, 2024

УДК 37 тадж+008+025+9 тадж+792 тадж
ББК – 71.0+71.4 (2 тадж)+63.3 (2 тадж)+85.313 (2 тадж)+78.34 (2 тадж)
В–38

Вестник культуры: научно-аналитическое издание Научно-исследовательского института культуры и информации / гл. редактор А. Аминов; ответственный редактор М. Муроди. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 1 (65). – 128 с

Учредитель журнала:
Научно-исследовательский институт культуры и информации
Министерство культуры Республики Таджикистан

Аминов Абдулфаттох — **ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:** канд. филол. наук, директор НИИКИ

Джураев Мирзоали — **ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:** канд. филол. наук, заместитель директора НИИКИ по науке

Муроди Мурод — **ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР:** док. филол. наук, профессор кафедры печати ТНУ

РЕДКОЛЛЕГИЯ:

Сатториён Матлубахон — канд филол. наук, Министр культуры РТ

Рахими Дилшод — канд. филол. наук, Постояный представитель РТ при ЮНЕСКО

Низомов Аслиддин — док. искусствоведения, заведующий отделом искусствоведения НАНТ

Азимов Аъзамҷон — док. филол. наук, профессор кафедры телеведения и радиовещания ТНУ

Улмасов Фируз — док. искусствоведения, профессор кафедры истории и теории музыки ТГИКИ имени М. Турсунзаде

Камолов Хамзахон — док. истор. наук, заведующий отделом древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша НАНТ

Табаров Махмадулло — канд. истор. наук, заведующий отделом культуры газеты «Джумхурият»

Камолзода Сайфиддин — канд. пед. наук, заместитель директора Национальной библиотеки РТ

Комилзода Шариф — канд. пед. наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела библиотечное дело НИИКИ

Журнал основан в 2000 г. Выходит 4 раз в год.

Журнал снова зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №274/Ж-97 от 29 декабря 2022 г.

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных журналов (изданий) рекомендованных ВАК Республики Таджикистан от 3.11.2020, №222.

Адрес: 734018, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Н. Карабаева, 17 (2 этаж). Сайт института: www.pitfi.tj; Сайт журнала www.farhangnoma.tj; e-mail: fpayom@gmail.com; Тел.: (+992 37) 233-58-84; Индекс подписки: 77728.

Журнал, на основе лицензионного договора №532-09/2013 от 2 сентября 2013 года, включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ) и регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Авторы несут ответственность за содержание материалов. Точка зрения авторов может не совпадать с мнением редакции. Полное или частичное воспроизведение материалов, опубликованных в журнале, допускается только с письменного разрешения редакции.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещаются на официальном сайте журнала.

ISSN 2306–6423 © НИИКИ, 2024

UDC 37 Taj +008+025+9 Taj +792 Taj
LBC – 71.0+71.4 (2 Taj)+63.3 (2 Taj)+85.313 (2 Taj)+78.34 (2 Taj)
C H–11

Herald of Culture: scientific and analytic edition of the Research Institute of Culture and Information / editor in Chief A.Aminov Responsible Editor M. Murodi. – Dushanbe: Arzhang, 2024. – № 1 (65). – 128 p.

HERALD OF CULTURE
Founder of the journal
Research Institute of Culture and Information (RICI)
Ministry of culture of the Republic of Tajikistan

	EDITOR IN CHIEF :
Aminov Abdulfattoh	Candidate of philological sciences, Director of the RICI
	DEPUTY EDITOR:
Juraev Mirzoali	Candidate of philological sciences, Deputy Director of the RICI
	RESPONSIBLE EDITOR:
Murodi Murod	Doctor of philological sciences, Professor of the TNU
	EDITORIAL BOARD:
Sattoriyon Matlubakhon	Candidate of philological sciences, Minister of Culture of the Republic of Tajikistan
Rahimi Dilshod	Candidate of philological sciences, Permanent Delegate of the Republic of Tajikistan to UNESCO
Nizomov Asliddin	Doctor of art sciences, Professor of the Department of the National Academia of Scences of Tajikistan
Ulmasov Firuz	Doctor of art sciences, Professor of the Department of history and theory of the TSICA named after M. Tursunzoda
Kamolov Hamzakhon	Doctor of historical sciences, Main scientific fellow of the Ahmad Donish Institute of history, archeology and ethnography, NAST
Azimov Azamjon	Doctor of philological sciences, Professor of the Department of Television and Radio broadcasting of the TNU
Tabarov Mahmadullo	Candidate of historical sciences, Head of the Depatent of culture of the newspaper «Jumhuriyat»
Kamolzoda Sayfiddin	Candidate pedagogical sciences, Deputy Director of the National Library of the Republic of Tajikistan
Komilzoda Sharif	Candidate pedagogical sciences, Docent, Leading researcher at the Department of Library issues of the RICI.

The journal established in 2000. Issued 4 times a year.

The journal was registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan and obtained the Certificate №274/jr in December 29, 2022.

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals (publications) recommended by the Higher Attestation Commission of the Republic of Tajikistan from 3.11.2020, No. 222.

Address: 734018, Dushanbe, N. Karabaev avenue, 17 (second floor). Tel.: (+992 37) 233-58-84;

Website of organization: www.pitfi.tj; Website of the journal: www.farhangnoma.tj; e-mail: fpayom@gmail.com; Subscription index: 77728.

The journal was included under License contract №532–09/2013 since September 2, 2013, to the Russian Science Citation Index (RSCI) and regularly submits its informational metadata.

The authors are responsible for the content of the materials. The authors' point of view may not coincide with the opinion of the editorial Board. Full or partial reproduction of materials published in the journal is allowed only with the written permission of the editorial Board.

The full text versions of the published materials are available in the journal's official website.

ISSN 2306–6423 © RICI, 2024

ТДУ:9тоҷик+008+001092)+39тоҷик+37тоҷик
Шарифзода Фирдавс

БОЗТОБИ МАСЪАЛАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола инъикоси масъалаҳои ҳифзу гиромидошти мероси фарҳангии халқи тоҷик дар паёмҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи омӯзиши паёмҳои Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ ба хулосае меояд, ки дар даврони истиқлол соҳаи фарҳанг яке аз самтҳои муҳим дар сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи устуворро касб карда, таҳти роҳбарии Президенти мамлакат корҳои мондагору шоистаи таҳсин оид ба ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ ва тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик ва муаррифии шоистаи он дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ иқдомоти зиёде амалӣ гардид.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат масъалаҳои муҳими фарҳангу санъати тоҷик, аз қабили омӯзиш ва ҳифзи мероси фарҳангии моддиву маънавии халқи тоҷик, эҳё ва тармиму таҷдиди ёдгориҳои таърихиву меъморӣ, таъмиру азнавсозии мамнуъгоҳҳои таърихиву фарҳангӣ, ободсозии мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва қалъаҳои қадима, таҷлили ҷашнҳои миллии Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон, ҷашни шаҳрҳои бостонии кишвар, гиромидошти чеҳраҳои мондагори миллат, пешниҳоду сабти ном кардани ёдгориҳои таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ва мероси фарҳанги гайримоддии халқи тоҷик ба феҳристҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, густариши робитаҳои байналмилалии фарҳангӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фарҳангу санъати миллӣ пайваста мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: *Паём, Президент, Эмомалӣ Раҳмон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозтоб, мероси фарҳангӣ, мероси фарҳанги гайримоддӣ,ёдгориҳои таърихӣ, ҷашнҳои миллӣ, муассисаҳои фарҳангӣ.*

Дар даврони истиқлол соҳаи фарҳанг ҳамчун рукни муҳим ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат, мавқеи устуворро касб кард. Дар ин давраи нави таърихӣ бештари масъалаҳои марбут ба ҳифзу гиромидошти мероси фарҳангии халқи тоҷик дар паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳануз дар Паёми нахустини хеш, ки дар ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 апрели соли 2000 ироа гардид, Президенти мамлакат ба нақши барҷаставу мақоми хоси фарҳанг дар рушди ҳаёти ҷомеа, бахусус пешрафти тафаккури давлатдорӣ баҳои воқеъбинона дода, изҳор доштанд, ки «…халқи тоҷик аз қаъри асарҳо то имрӯз симои миллии худро пеш аз ҳама тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст….Имрӯз ҳам ин принсип ҷавҳари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва дар ҳалли бисёр масъалаҳо, аз ҷумла танзими масъалаҳои тараққиёти иқтисодӣ, таҳкими шуури сиёсӣ ва пешрафти тафаккури давлатдорӣ фарҳанг такягоҳи боэтимод аст» [1, с.369]. Истифода шудани фарҳанг ба ҳайси такягоҳи

боэътимод дар сиёсати давлатдорӣ ва рисолати созандагии он дар раванди давлатсозии миллӣ ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор дошт. Ба андешаи Сарвари давлат рушди фарҳанг дар Тоҷикистон ҷанбаи демократӣ дошта, ба пос доштану афзоиш додани сарватҳои маънавии миллӣ ва эҳтиромӣ арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар бобати офаридани арзишҳои маънавӣ ва истифодаи онҳо ҳуқуқҳои зиёде пешбинӣ кардаанд, манфиатҳои фарҳанги миллӣ, ҳамчунин арзишҳои тамаддуни умумибашариро ҳимоя мекунанд ва роҳ намедиҳанд, ки халқе ё миллате бо мақсадҳои бузургманишӣ ба мероси фарҳангии халқи тоҷик соҳибӣ кунад ё худ асолати онро халалдор гардонад [1, с. 369]. Дар ин робита, Президенти мамлакат таъкид карданд, ки «яке аз бузургтарин дастовардҳои давраи истиқлолият ба вуҷуд омадан ва ба қувваи пешбарандаи ҷомеа табдил ёфтани тафаккури давлатдорӣ, эътимоди умумихалқӣ оид ба пойдории давлати миллӣ, тараққиёти устувори сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар мебошад» [1, с. 370].

Дар Паём дар баробари зикри дастовардҳо ба мушкилоту камбудиҳои соҳаи фарҳанг низ изҳори назар карда шуд. Сарвари давлат ба фаъолияти осорхонаҳои мамлакат дар самти ҳифзу нигоҳдории осори муҳимми таърихиву фарҳангӣ баҳои воқеабинона дода, таъкид карданд, ки «ба сабаби номукаммалии санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифз ва содироту воридоти арзишҳои фарҳангӣ экспонатҳои ҷудогонаи осорхонаҳои мамлакат бебозгашт ғайб задаанд, ба маблаги начандон калон фурӯхта шудаанд ё бо баҳонаи гуногун ба хоҷагони хориҷии баъзе шахсони тамаъкор ҳадя гаштаанд» [1, с.372].

Барои таҳвияти фаъолияти қонунгузории соҳаи фарҳанг дар Паём зарурияти таҳия ва қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи содироту воридоти арзишҳои фарҳангӣ, доир ба кори китобдорӣ ва хадамоти иттилоотӣ, фаъолияти театриву консертӣ ва осорхона таъкид гардид. Ҳамзамон дар Паём масъалаи таҳияи нақшаи ҳаматарафа асосноксудаи ояндаи фарҳанги миллӣ ба миён гузошта шуд [1, с.372-373].

Дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 апрели соли 2007) Президенти кишвар нақши мондагори фарҳанги миллиро дар раванди давлатсозии миллӣ ва саҳми тоҷиконро дар тамаддунсозии ҷаҳонӣ бисёр нек арзёбӣ намуда, ишора карданд, ки «Тоҷикистон дар баробари ин, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон аз низому меъёрҳои умумипазируфташудаи байналмилалӣ пайравӣ мекунад, рушди минбаъдаи давлат ва пешрафти ҷомеаи кишварро дар заминаи истифодаи васеъ аз фарҳангу анъана ва суннатҳои таърихиву миллӣ таъмин менамояд» [2]. Дар баробари ин, Президенти мамлакат аҳаммияти баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва таҷлили санаҳои муҳимми таърихиро дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию худшиносии мардум шарҳу эзоҳ дода, қайд карданд, ки доир намудани чорабиниҳои бузурги фарҳангӣ «…аз як тараф арҷгузории шоиста ва ба ҷо овардани эҳтиром ба гузаштаи худамон бошад, аз тарафи дигар тарбияи эҳсоси гарми ватандориву ватандӯстӣ дар қалбҳои мардум, пеш аз ҳама ҷавонон, таҳвияти худогоҳиву худшиносӣ ва ифтихори миллии ҳар як фарди бонангу номус мебошад» [2].

Соҳибистиқлолии кишвар барои шинохту гиромидошти мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик ва ҳифзу ба манфиати ҷомеаи имрӯза истифода намудани он шароитҳои мусоидро фароҳам овард. Қабл аз ҳама,

ҳаллу фасли ин масъала дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор дошт ва маҳз ба шарофати ғамхориҳои доимии Пешвои миллат дар як муддати кӯтоҳ дар самти омӯзишу таҳқиқи мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик, маблағгузории таҳқиқотҳои бостоншиносӣ, эҳё ва тармиму таҷдиди силсилаи ёдгориҳои беназири таърихиву меъморӣ, ободсозии мақбараву қалъаҳои қадима, барқарор намудани номҳои таърихӣ ва ба номи шахсиятҳои барҷастаи миллӣ иваз кардани шаҳру ноҳияҳо ва ғайраҳо, корҳои назаррасу шоёни таҳсин иҷро шудаанд. Масалан, оид ба мубрамияти ин масъала Президенти мамлакат дар Паёми навбатӣ (аз 25 апрели соли 2008) чунин иброз намуданд: «Дар сиёсати фарҳангии кишвар муҳофизат ва барқарорсозии ёдгориву меъморихои таърихиву фарҳангӣ, ки аз аҷдодони гузаштаамон мерос мондаанд ва моро ҳамеша ба худшиносиву худогоҳии миллӣ раҳнамоӣ мекунанд, масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Солҳои охир барои таъмиру таҷдиди онҳо беш аз 18 миллион сомонӣ сарф карда шуд ва ин иқдом дар оянда низ идома хоҳад ёфт» [3]. Дар ин робита ба Вазорати фарҳанг, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва Академияи илмҳо супориш дода шуд, ки дар бораи ҳифзи боэътимоди ёдгориҳои таърихӣ, таъмиру тармими онҳо ва ҳамчун иншооти сайёҳӣ истифода намудани онҳо тадбирҳо андешанд.

Президенти мамлакат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии кишвар (аз 15 апрели соли 2009) ба нақшу мақоми фарҳанг ҳамчун интиқолдиҳандаи мероси таърихӣ ва воситаи муассиру созанда дар марҳалаи нави давлатдории миллӣ, баҳои баланд дода, қайд карданд, ки «Фарҳанг, бешубҳа, ифодагари руҳи миллӣ, расму русум, анъана ва хотираи таърихии ҳар халқу миллат мебошад. ..., сиёсати фарҳангии мо ба омӯзишу қадрдонии мероси фарзандони барӯманди халқи тоҷик, эҳё ва истифодаи арзишҳои умумибашарии онҳо ба манфиати ҷомеа нигаронида шудааст» [4].

Нақши муассири фарҳанг дар таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ва боло бурдани нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибтамаддун дар Паёми навбатии Сарвари давлат ба Парлумони кишвар (аз 24 апрели соли 2010) низ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва доир ба ин масъала Президенти мамлакат чунин иброз доштанд: «Нақши фарҳанг дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва афзудани эътибори кишварамон дар арсаи ҷаҳон ниҳоят бузург аст. Барои мо ҷойи ифтихор аст, ки тоҷикон аз ҷумлаи халқҳое мебошанд, ки дар офариниши тамаддуни башарӣ саҳми арзандаву босазо доранд» [5]. Инчунин дар Паём ба масъалаҳои ҳифзу барқарорсозии ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд ва қайд гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат – ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ мебошад. Барои ҳифзу тармими ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ҳукумати мамлакат ҳамасола маблағҳои зиёд ҷудо мекунад. Дар ин давра таъмиру азнавсозии як қатор мамнӯъгоҳу ёдгориҳои таърихӣ, аз қабили Ҳулбук ва Саразм ба анҷом расонида шуд. Вобаста ба масъалаҳои зикршуда ба Вазорати фарҳанг супориш дода шуд, ки барои нигоҳдории мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик пайваста тадбирҳо андешида, ҷиҳати ба феҳристи умумиҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО ворид намудани ёдгориҳои нодири таърихии Тоҷикистон ташаббус нишон диҳад [5].

Президенти мамлакат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии кишвар (аз 20 апрели соли 2011) нақши фарҳангро ҳамчун падидаи бузург ва арзишманду муассири ҳаёти иҷтимоӣ дар таърих ва рушди маънавии

ҷомеаи муосири Тоҷикистон бисёр муҳим ва назаррас арзёбӣ намуда, ишора карданд, ки «Дар даврони истиқлолият паҳлӯҳои гуногуни фарҳанги миллӣ таҷдиду такони тоза ёфтанд. Ба шарофати ғамхориҳои доимии ҳукумат садҳо муассисаҳои фарҳангӣ – театрҳо, толорҳои консертӣ, осорхонаву китобхонаҳо, ёдгориҳои нодири таърихӣ таъмиру азнавсозӣ гардиданд ва даҳҳо биноҳои замонавии фарҳангӣ қомат афрохтанд» [6]. Инчунин дар Паём қайд гардид, ки таҳияву ба тасвиб расидани силсилаи қонуну барномаҳои давлатӣ, асноди меъёрии ҳуқуқии вобаста ба инкишофи минбаъдаи соҳаҳои фарҳанг – театр, китобхонаву осорхона, воситаҳои ахбори омма ва ҳифзу истифодаи ёдгориҳои таърихӣ барои таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои фарҳанг, бунёди инфрасохтори муосири фарҳангӣ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конституцсионии шаҳрвандон ҷиҳати истифода аз дастовардҳои соҳаи фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат намуданд. Илова бар ин, зимни таҳлили вазъи соҳаи фарҳанг Сарвари давлат таъкид карданд, ки бо вучуди дастоварду пешравиҳои муайян дар ин соҳа, ҳанӯз як силсила масъалаҳое ҷой доранд, ки ҳаллу фасли онҳо зарур аст. Аз ҷумла, «имрӯз дар мамлакат беш аз 40 осорхонаи таърихиву кишваршиносӣ, ки дорои теъдоди зиёди бозёфтҳои нодир мебошанд, фаъолият менамоянд. Вале аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои ободонӣ, таъмиру тармим, таҳкими базаи моддиву техникии онҳо ба қадри кофӣ маблағҳо ҷудо карда намешаванд, ки дар натиҷа шумораи зиёди нигораҳои дорои арзиши баланди илмӣ ва таърихиву фарҳангӣ осеб мебинанд» [6]. Бо дарназардошти ин масъала ба Вазорати фарҳанг ва Академияи илмҳо супориш дода шуд, ки Барномаи мушаххаси таъмиру тармими ёдгориҳои таърихиро таҳия карда, ба ҳукумат пешниҳод намоянд.

Мавриди зикр аст, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи ҳифзу гиромидошт ва пешниҳоду сабти ном кардани ёдгориҳои таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ба феҳристҳои бонуфузи ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои калидӣ дар сиёсати фарҳангии Президенти мамлакат мавқеи устуворро ишғол менамояд. Дар робита ба ин масъала, Сарвари давлат бо қаноатмандӣ изҳор карданд, ки «бо ташаббуси Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар соли 2010 тибқи қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид ҷашни аҷдодиамон – Наврӯзи Аҷам мақоми байналмилалиро соҳиб гашт» [6].

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар (аз 26 апрели соли 2013) Сарвари давлат аз баланд шудани сару садоҳое, ки гуё Наврӯз барои мардуми тоҷик ойини бегона аст ва аз нигоҳи дини ислом ҷашн гирифтани он мамнӯъ мебошад, изҳори нигаронӣ карда, бо далелҳои муътамад ба исбот расониданд, ки «Наврӯз ҷашни мубораку ҳуҷастаи мо - тоҷикон ва тамоми мардуми ориёӣ буда, ниёгонамон барои ҳифзи расму русум ва ойинҳои неки он дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърихӣ истодагарӣ кардаанд.... Ин кашфиёти бузург, ки маҳсули тафаккур ва мушоҳидаҳои аҷдоди хирадманди мост, беш аз шаш ҳазор сол қабл аз ин ба вуқӯъ пайвастааст» [7]. Дар Паёми навбатии Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ (аз 23 январи соли 2015) қайд гардид, ки Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушду нумӯи соҳаҳои фарҳангу санъат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, «дар муддати даҳ соли охир танҳо барои таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ қариб 3 миллиард сомонӣ равона карда, аксари осорхонаҳо, қасру марказҳои фарҳангӣ, қалъаву шаҳрҳои бостонӣ,

мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва дигар мероси моддиву маънавии халқамонро азнавсозӣ намуд» [8].

Дар Паёми навбатии Президенти мамлакат ба Парлумони кишвар (аз 22 декабри соли 2016) дар радифи баррасии масоили гуногуни ҳаёти ҷомеа ба масъалаи фарҳанг ва ҳифзу гиромидошти он низ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Аз ҷумла Сарвари давлат таъкид намуданд, ки «...гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ,...вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ... ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд» [9].

Вобаста ба тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг, ки ба ҳайси яке аз проблемаҳои глобалии асри XXI арзёбӣ мегардад, дар Паёми навбатии Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (аз 22 декабри соли 2017) мақсаду вазифаҳои фарҳанг муайяну мушаххас карда шуданд. Дар ин бобат Президенти мамлакат чунин иброз намуданд: «Дар ин марҳалаи муҳим мақсаду вазифаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин, дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад» [10].

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 декабри соли 2018) зикр шуд, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар ба рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, ойину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ ва ташаккулдиҳандаи одобу ахлоқи ҳамида эътибори доимӣ дода шуд ва дар ин давра ойину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки дар давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо эҳё гардида, бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат қисме аз онҳо, аз ҷумла Шашмақом ва Наврӯз ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ва шаҳри қадимаи Саразм, Парки миллии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси моддии ташкилоти зикршуда ворид гардиданд. Дар ин маврид Президенти мамлакат қайд карданд, ки «Чанде пеш бо қарори Ассамблеяи генералии ЮНЕСКО боз яке аз намунаҳои беҳтарини ҳунарҳои мардумии мо – чакан ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарӣ шомил гардид» [11].

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 декабри соли 2019) Президенти мамлакат дар назди олимону донишмандони тоҷик вазифаҳои пурмасъулият гузошта, даъват ба амал оварданд, ки ҳар чи беҳтару бештар мероси таърихию маънавии миллати тоҷикро мавриди омӯзишу тарғиб қарор диҳанд. Аз ҷумла таъкид карданд, ки «Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад» [12]. Дар робита ба ин масъала, Сарвари давлат ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон»-ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намояд. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг ва Академияи илмҳо

вазифадор карда шуданд, ки китоби мазкурро ба забонҳои байналмилалӣ тарҷума ва чоп карда, нусхаи электронии онро тавассути шабакаҳои иттилоотӣ паҳн созанд.

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ (аз 26 январи соли 2021) Сарвари давлат оид ба соҳиби фарҳанги бисёр ғанӣ ва таърихи басо пурифтихори бостонӣ доштани тоҷикон ҳарф зада, ишора карданд, ки танҳо таърихи 5500 – солаи Саразм, ки аз ҷониби олимони сатҳи ҷаҳонӣ, марказҳои муътабари илмии дунё ва созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО эътирофу тасдиқ шудааст, далели раднопазир ва бебаҳси қадимӣ будани миллати тоҷик мебошад. Вобаста ба ин, Президенти мамлакат таъкид карданд, ки «Мо ба хотири ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва таъмиру нигоҳдории онҳо хеле корҳои созандаро оғоз кардаем ва кӯшиш дорем, ки тавассути созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мероси моддӣ ва ғайримоддии кишварамонро ба аҳли олам ҳарчи бештар муаррифӣ намоем» [13]. Дар баробари ин, қайд гардид дар Паём, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг ва Академияи миллии илмҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати омӯхтани таърих ва мероси маънавии халқи тоҷик тадбирҳои зарурӣ андешида, омӯзиши ҳатмии таърихи халқи тоҷик, забони давлатӣ ва ҷуғрофияи Тоҷикистонро дар муассисаҳои таълимашон ба забони ақаллиятҳои миллӣ дуруст ба роҳ монанд ва китобҳои дарсиро барои ин муассисаҳо сари вақт таҳия, тарҷума ва дастрас созанд. Ба андешаи Пешвои миллат, тоҷикон яке аз миллатҳои қадимаи дунё ва дорои таърихи беш аз 6000-сола буда, ҳанӯз аз даврахои бостонӣ соҳиби саводу қалам, девону дафтар, илмдӯсту адабпарвар, давлатсозу давлатдор, меъмору шаҳрсоз, шаҳрдору шаҳрнишин, яъне фарҳангиву тамаддунсоз ва ободкору созанда ба шумор мераванд. Ва бо ифтихормандӣ қайд намуданд, ки «Мо – тоҷикон мероси гаронбаҳову ҷовидонаи ҳанӯз беш аз ҳазор сол қабл ба ёдгор гузоштаи ниёгони худро бе ягон мушкилӣ мехонем, мефаҳмем, барои тарбияи наслҳои навраси халқамон истифода мебарем ва ба мардуми олам муаррифӣ мекунем» [13].

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки 21 декабри соли 2021 баргузор шуд, қайд гардид, ки фарҳанг ҳамчун омили асосии тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа ва муаррифгари таърих ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад ва аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ иқдомоти зиёде амалӣ гардида истодаанд. Президенти мамлакат эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзу тарғиби ёдгориҳои таърихиву фарҳангиро барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву хештаншиносии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон бисёр муҳим арзёбӣ карда, иброз доштанд, ки «Ба шарофати соҳибихтиёрӣ мо арзишҳои бостонӣ ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии ҳамватанонамон ва муаррифии шоистаи халқи куҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳон рушд дода истодаем, ки «Шашмақом», «Фалак», Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада аз ҷумлаи онҳо мебошад» [14].

Ҳамзамон, дар Паём зикр гардид, ки ҳадаф аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар бахши фарҳанг ва маориф дар ҳамкорӣ бо ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид оид ба фарҳанг, илм ва маориф (ЮНЕСКО) таҳкими раванди муколама оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, муаррифии таърихи қадимаи тоҷикон ва фарҳанги бостониву ғании миллати тоҷик мебошад.

Натиҷаи ҳамкориҳои мутақобила бо ин ниҳод имкон фароҳам овард, ки ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва намунаҳои барҷастаи унсурҳои мероси фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик ба феҳристҳои бонуфузи ҷаҳонӣ сабти ном шаванд. Дар ин робита, Пешвои миллат қайд карданд, ки «Панҷ рӯз пеш аз ҷониби ЮНЕСКО боз як намунаи мероси фарҳанги миллии мо – «Фалак» ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарият ворид карда шуд. Яъне «Фалак» мисли Наврӯз ҷаҳонӣ гардид» [14]. Инчунин, дар Паём Пешвои миллат аз натиҷаи ҳамкориҳо доир ба Рӯйхати муқаддамотии ЮНЕСКО шомил гардидани 9 мавзеи мероси таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ва пазируфта шудани пешниҳоди Тоҷикистон оид ба ворид намудани 2500-солагии шаҳраки қадимаи «Тахти Сангин» ба Рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО барои солҳои 2022-2023, ёдрас шуданд.

Боиси ифтихор аст, ки дар ҷаласаи 45-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси моддии фарҳангии ЮНЕСКО, ки рӯзи 17 сентябри соли 2023 дар шаҳри Ал-Риёзи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, дар доираи номинатсияи фаромиллии ёдгориҳои: «Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: долони Зарафшон-Қароқум» 9 ёдгории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Панҷакенти қадим, шаҳраки Санҷаршоҳ, Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро, Гардани Ҳисор, Қалъаи Муғ, Қалъаи Қум, Қалъаи Ҳисорак, Тали Хамтуда ва низоми обёрикунии Тоқсанкорез ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО шомил шуданд. Ин рӯйдоди муҳим, воқеан дастоварди муҳим ва арзишманди даврони истиқлол дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, натиҷаи назарраси татбиқи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар партави паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин, 19 сентябр дар ин ҷаласаи бонуфуз мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» дар номинатсияи «Ҷангали туғайи мамнуъгоҳи Бешаи палангон» ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шуд.

Дар радифи шомил шудани объектҳои арзишманди фарҳангию табии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ, ҳамзамон, дар ҷаласаи 18-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО, ки аз 4-ум то 9-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Касанеи Ҷумҳурии Ботсвана баргузор шуд, се унсури фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик: номинатсияҳои «Донишу таҷрибаҳои анъанавии истеҳсоли матоъҳои атласу адрас»; «Ҷашни Сада» (муштарак бо Ҷумҳурии Исломии Эрон); «Тазҳиб - санъати зарҳалкорӣ» (муштарак бо ҷумҳуриҳои Эрон, Озарбойҷон, Туркия ва Ӯзбекистон) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба Феҳристи репрезентативии ЮНЕСКО сабти ном шуданд.

Дар баробари ин, ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои олам рӯз то рӯз густариш ёфта, сатҳу сифати навро касб намудааст. Аз ҷумла бо ташаббус ва сарпарастии Пешвои миллат ташкил шудани аввалин Намоишгоҳи нигораҳои нодири Тоҷикистон таҳти унвони «Тоҷикистон – кишвари дарёҳои тиллоӣ» дар Осорхонаи миллии санъати Осиёии «Гиме»-и шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса, ки тӯли се моҳ, аз 13 октябри соли 2021 то 8 январи соли 2022 баргузор шуд, намунаи барҷастаи ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Фаронса маҳсуб меёбад. Ба ин муносибат дар Паём Президенти мамлакат ишора карданд, ки «Дар давоми се моҳ таъриху тамаддуни ғании миллати шарафманди тоҷик, мавзеъҳои таърихии сарзамини мо дар асрҳои гуногун, осори фарҳангиву ҳунармандии қадима ва санъати нотакрори халқи тоҷик ба мардуми Аврупо муаррифӣ мегардад» [14].

Президенти мамлакат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28 декабри соли 2023) бо қаноатмандӣ изҳор карданд, ки «тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд. Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид» [15]. Ҳамзамон, дар Паём бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад.

Ҳамин тавр, омӯзиши паёмҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки чунин хулосаҳо ҳосил шаванд:

1. Дар даврони истиқлол соҳаи фарҳанг яке аз самтҳои муҳим дар сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи устуворро касб кард;

2. Таҳти роҳбарии Президенти мамлакат дар даврони истиқлол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои мондагору шоёни таҳсин оид ба шинохти мероси таърихиву фарҳангӣ ва тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик ва муаррифии шоистаи он дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ иқдомоти зиёде амалӣ гардид;

3. Дар заминаи паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррарот нақша-чорабиниҳо ҷиҳати ҳалли проблемаҳои ҷойдоштаи соҳаи фарҳангу ҳунар тарҳрезӣ шуда, дар амал татбиқ шудаанд;

4. Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат масъалаҳои муҳимми фарҳангу санъати тоҷик, аз қабили омӯзиш ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангии моддиву маънавии халқи тоҷик, эҳё ва тармиму таҷдиди ёдгориҳои таърихиву меъморӣ, таъмиру азнавсозии мамнуъгоҳҳои таърихиву фарҳангӣ, ободсозии мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва қалъаҳои қадима, таҷлили санаҳои муҳимми таърихӣ, ҷашнҳои миллии Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон, ҷашни шаҳрҳои бостонии кишвар, гиромидошти ҷеҳраҳои мондагори миллат, пешниҳоду сабти ном кардани ёдгориҳои фарҳангиву табии Тоҷикистон ва мероси фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик ба феҳристҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, густариши робитаҳои байналмилалии фарҳангӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фарҳангу санъати миллӣ пайваста мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;

5. Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси олии кишвар, метавонанд ҳамчун сарчашмаи боэътимоди илмӣ ҷиҳати омӯзиши назария ва амалияи фанҳои тахассусии соҳаҳои фарҳангу санъат дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Паём дар ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 апрели соли 2000 // Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷилди 3. – С.348-375.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30.04.2007, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president. tj/node/197

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25.04.2008, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president. tj/node/195

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15.04.2009, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president. tj/node/194

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 24.04.2010, ш. Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/192

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 20.04.2011, ш. Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/193

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.04.2013, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www. president.tj/node/4318

8. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/8136

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2016, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/13739

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/16771

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/19088

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/21975

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/25005

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/27417

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191

,

Шарифзода Фирдавс

ОТРАЖЕНИЕ ВОПРОСОВ КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ В ПОСЛАНИЯХ ПРЕЗИДЕНТА СТРАНЫ ЭМОМАЛИ РАХМОНА МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье изучено отражение вопросов защиты культурного наследия таджикского народа в посланиях Президента страны Эмомали Рахмона Парламенту страны. На основе исследования Посланий Главы государства Маджлиси Оли республики автор приходит к выводу, что в период независимости сфера культуры приобрела устойчивое положение как одно из важнейших направлений социальной политики государства, и под руководством Президента страны были осуществлены множественные заслуженные работы по защите исторического и культурного наследия и цивилизации таджикского народа, а также ее достойное представление внутри страны и на международной арене.

Исследование показало, что в Посланиях Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли страны постоянно освещались такие важные вопросы таджикской культуры и искусства, как изучение и защита историко-культурного, материального и духовного наследия таджикского народа, возрождение и увековечение доброй исторической памяти, возрождение и реставрация памятников истории и архитектуры, ремонт и реконструкция историко-культурных заповедников, благоустройство усыпальниц исторических и духовных личностей и древних крепостей, празднование национальных праздников Сада, Навруз, Тиргон и Мехргон, празднование древних городов страны, дань уважения выдающимся личностям нации, внесение и регистрация памятников истории и культуры Таджикистана и нематериального культурного наследия таджикского народа в престижных мировых реестрах, расширение международных культурных связей и другие вопросы, связанные с национальной культурой и искусством.

Ключевые слова: Послание, Президент, Эмомали Рахмон, Маджлиси Оли Республики Таджикистан, отражение, культурное наследие, нематериальное культурное наследие, исторические памятники, национальные праздники, учреждения культуры.

Sharifzoda Firdavs

REFLECTION OF CULTURAL HERITAGE ISSUES IN THE MESSAGES OF THE PRESIDENT OF THE COUNTRY EMOMALI RAHMON TO MAJLISI OLI OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the reflection of issues of protecting the cultural heritage of the Tajik people in the messages of the President of the country Emomali Rahmon to the Parliament of the country. Based on a study of the Message of the Head of State to the Majlisi Oli of the Republic, the author comes to the conclusion that during the period of independence, the sphere of culture acquired a stable position as one of the most important areas of social policy of the state, and under the leadership of the President of the country, much deserved work was carried out to protect the historical and cultural heritage and

civilization of the Tajik people and its worthy representation within the country and in the international arena.

The study showed that the messages of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the country constantly covered such important issues of Tajik culture and art as the study and protection of the historical, cultural, material and spiritual heritage of the Tajik people, the revival and perpetuation of good historical memory, the revival and restoration of historical monuments and architecture, repair and reconstruction of historical and cultural reserves, improvement of tombs of historical and mystical personalities and ancient fortresses, celebration of the national holidays of Sada, Navruz, Tirgan and Mehrgon, celebration of the ancient cities of the country, tribute to outstanding personalities of the nation, inclusion and registration of historical and cultural monuments of Tajikistan and the intangible cultural heritage of the Tajik people in prestigious world registers, expansion of international cultural relations, and other issues, related to national culture and art.

Keywords: Message, President, Emomali Rahmon, Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, reflection, cultural heritage, intangible cultural heritage, historical monuments, national holidays, cultural institutions.

ТДУ: 8тоҷикф+001(092)+82тоҷик+008+39тоҷик

Раҳимӣ Дилшод

ШИНОХТИ РУБОӢ ВА РАМЗ ДАР ТАҲҚИҚОТИ АКАДЕМИК РАҶАБ АМОНОВ

Академик Раҷаб Амонов бори нахуст дар фолклоршиносии тоҷик усули рамзкушоиро дар таҳқиқи рубоиёт ва дигар анвои лирикаи халқӣ анҷом дода, дар ин замина асарҳои мондагор таълиф кардааст. Аз миёни жанрҳои манзуми фолклори тоҷик таваҷҷуҳи ӯро рубоиҳо бештар ба худ ҷалб кардааст. Аз нигоҳи Р. Амонов рубоиҳо дорои якчанд вазифаи муҳим мебошанд: 1) рубоиҳо ифодакуннадаи ҳолату вазъият ва эҳсоси қаҳрамони лирикӣ; 2) рубоӣ ҳамчун воситаи иртибот ва муносиботу муомила; 3) вазифаи тарбиявии рубоиҳо; 4) рубоиҳо инъикоскунандаи баъзе лаҳзаҳо, ҳодисаҳои таърихӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ.

Дар фолклори тоҷик рамзро баъзе муҳаққиқон санъати бадеӣ шуморидааанду бархе дигар образ. Дар таҳқиқоти Р. Амонов ҳар дуи ин шарҳ мушоҳида мешавад. Ӯ чунин нишона ва унсурҳоро ба рамзҳо хос шуморидааст: рамз – воситаи тасвири бадеӣ; рамз ифодакунандаи эҳсос ва фикри мардум; рамз маҳсули тафаккури фард буда, баъдан хусусияти ҷамъиятӣ мегирад; мундариҷаи рамз устувор буда, дар ҳама маврид як маъниро ифода мекунад; рамз вобаста ба сифат ва нишонаҳои як предмет (мавзуъ) эҷод мешавад; рамз образ аст, ки бо ҳамон мундариҷа, бо ҳамон мафҳум ва маъно дар асарҳои гуногун истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, рамз дар таҳқиқоти Раҷаб Амонов ҳамчун унсури таркибии тасвири бадеии рубоиҳо шарҳу тафсир ёфтааст.

***Калидвожаҳо**: Раҷаб Амонов, фолклори тоҷик, рубоӣ, рамз, образ, санъати бадеӣ, лирика, шакл ва мундариҷа.*

Дар арсаи илми тоҷик академик Рачаб Амонов ҳамчун фолклоршинос, адабиётшинос, этнограф ва нависандаи дорои услуби хос хидмат кардааст. Дар асарҳои илмии ӯ масъалаҳои гуногуни фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ, драмаи анъанавии халқӣ, мардумшиносӣ ва баъзе нуктаҳои санъатшиносӣ таҳқиқу тадқиқ шудаанд.

Дар риштаи фолклоршиносӣ устод Р. Амонов бештар ба пажуҳиши назарияи жанрҳои лирикӣ, бавижа рубоиёти халқӣ, анвои назми шифоҳӣ, робитаи адабиёт ва фолклор машғул шудааст.

Соли 1958 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ бо ташаббуси Р. Амонов шуъбаи фолклор таъсис ёфт ва ӯро мудири ин шуъба таъйин карданд. Баъд аз таъсиси чунин маркази илмӣ фолклоршиносии ҳирфаӣ дар Тоҷикистон рушду равнақ ёфт, ки дар пешрафти он саҳми Рачаб Амонов хеле назаррас мебошад. Бо сарварии ӯ таҳқиқоти зиёди майдонӣ, гирдоварии матнҳои фолклорӣ ва пажӯҳишҳои ҷиддие дар ин соҳа анҷом дода шуданд. Худи Р. Амонов дар сафарҳои илмиаш аз шаҳру деҳоти ноҳияҳои Кӯлоб, Сари Хосор, Регар, Панҷакент, Ашт ва ғайра маводи зиёди фолклорӣ гирдоварӣ кардааст.

Ба қавли Н. Улуғзода, “Ба иқболи ҳайати фолклоршиносони Институт, ба бахти фолклоршиносии тоҷик, дар саргаҳи ин илм шахсе омад, ки ошиқу арҷгузори эҷодиёти шифоҳии халқӣ, адиби нозукнигори асарҳои бадеӣ ва китобҳои илмӣ-оммавӣ, олими донандаи талаби замон ва самтҳои илми муосир буд... Барои ҷамъ кардану омӯхтани чунин мавод натанҳо ишқу муҳаббат лозим аст, инчунин заҳмати тоқатфарсо, фидокорӣ, пешбинӣ ва дақиққории математикӣ мебояд» [7, с. 155].

Академик Рачаб Амонов аз худ мероси гаронбаҳои илмӣ боқӣ гузоштааст. Асарҳои илмии муҳимтарини ӯ инҳоанд: «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» (1963), «Лирикаи халқии тоҷикӣ» (1968), «Эҷодиёти бадеӣ, халқ ва замон» (1970), «Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик» (китоби дарсӣ, 1980, ҳаммуаллиф В. Асрорӣ), «Адабиёт ва бачагон» (1981), «Адабиёти бачагона» (1982, қисми 1-уми ҷ. 6 аз «Таърихи адабиёти советии тоҷик»), «Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ» (1984), «Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ» (1987). Соли 2002 интишороти «Суруш»-и ҶИ Эрон китоби охирро бо унвони «Рубоиёти мардумӣ ва рамзҳои бадеӣ» ба хатти форсӣ дубора ба табъ расонид. Ҳамчунин Р. Амонов тартибдиҳандаи якчанд маҷмӯаи афсонаҳо, рубоиҳо ва дигар асарҳои фолклорӣ мебошад. Аз он ҷумла, «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» (1956, 1963), «Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон» (1960), «Фолклори диёри Рӯдакӣ» (1958, 1963), “Афсонаҳои халқи тоҷик” [1957, 1959, 1998, 2000; Москва: 1960) ва ғайра.

Рачаб Амоновро дар арсаи фолклоршиносии тоҷик ҳамчун рамзкушои рубоиёт ва дигар анвои лирикаи халқӣ меҳисобанд. Бо нашри монографияи «Лирикаи халқи тоҷик» (1968) Р. Амонов ба усули рамзкушоӣ дар фолклоршиносии тоҷик замина гузошт. Академики зиндаёд Муҳаммадҷон Шакурӣ дар як мақолааш мавқеъ ва муҳимияти кашфи рамзҳоро аз ҷониби Р. Амонов қайд карда, ӯро “рамзкушои дили халқ” номидааст. «Монографияи ӯ “Лирикаи халқии тоҷик” (1968) ҳамин ки аз чоп баромад, – навиштааст ӯ, – дафъатан диққати мутахассисони фолклор ва адабиёти тоҷикро ба худ ҷалб кард ва ин аз он сабаб буд, ки дар ин китоб маънои таҳтонии бисёре аз образҳои маъмулу ҷолиб ва машҳури фолклор шарҳ ёфта, ҳамбастагии ин образҳо бо зисту маишати халқ, бо шароити

иҷтимоию таърихӣ ва ҷуғрофии зиндагии вай нишон дода шуда буд. Ҳангоме ки бо ин тадқиқоти ҳамаҷаниба ва муътамад шинос шудем, чигунагии таҷрибаи ҳаётию эстетикии мардуми тоҷик, тасаввуроти дунёфаҳмӣ, махсусиятҳои тафаккури бадеии онҳо аз бисёр ҷиҳат ба мо равшан гардид» [8, с. 12].

Баъдтар шогирдон ва дигар муҳаққиқони тоҷик дар мавридҳои ҷудогона аз ин усул истифода кардаанд. Китоби дигари академик Р. Амонов «Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ» (1987) мебошад, ки намунаи барҷастаи пажуҳиши рамзкушоӣ дар фолклоршиносии тоҷик маҳсуб аст. Ин китоб ҳамчун як қомуси рамзҳои рубоиёти халқии тоҷикӣ роҷеъ ба бисёр вожаву истилоҳоти дар рубоиҳо зикршуда маълумоти муфассал медиҳад. Аз он ҷумла, дар ин асар оид ба рамзҳои «гул», «лола», «об», «кӯҳ», «ағба», «дарё», «бед», «чинор», «себ», «кабк», «кабӯтар» ва амсоли инҳо, ки дар рубоиҳо зиёд дучор мешавем, шарҳу тафсири ҷолиб бо зикри намунаҳои дилчасп фароҳам омадаанд.

Агар калидвожаҳои кулли таҳқиқотҳои академик Раҷаб Амоновро номбар кунем, бегумон, дар байни онҳо истилоҳоти лирикаи халқӣ, рубоӣ ва рамз мавқеи хосса доранд. Таваҷҷуҳи устод Амонов аз миёни жанрҳои лирикаи халқӣ бештар ба рубоӣ равона шудааст, зеро рубоӣ ҳам аз ҷиҳати сохтор кутоҳу ихчам, вазнаш салису равон ва ҳам фарогири масоили зиёди иҷтимоӣ мебошад. Ин сабабҳо буданд, ки Р. Амонов ба онҳо эътибори хосса зоҳир намуда, навиштааст: «Ҳеҷ як жанри дигари эҷодиёти даҳанакии халқ вобастагии гуногунҷиҳатаи инсонро бо табиат ба ин андоза васеъ, рангин, пуртаъсир намудор накардааст, ҳеҷ як жанри дигари фолклорӣ зуҳуроти таъсири ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва табиатро ба идрок ва фикру зикри инсон ба ин андоза амиқ, барҷаста ва ҷолиб инъикос нанамудааст» [4, с.3-4].

Аз нигоҳи Р. Амонов рубоиҳо дорои якчанд вазифаи муҳим мебошанд: 1) Дар рубоиҳо ҳолату вазъият ва эҳсоси қаҳрамони лирикӣ баён мешавад. Тавре ки устод қайд кардаанд: «Қаҳрамони лирикии рубоии халқӣ аксар одамони одӣ ва меҳнатпешае мебошанд, ки ба олам, табиат ва зиндагӣ аз рӯи талаби муқаррарии дил, эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии худ муносибат мекунанд ва аз ин рӯ, ҳисси пок, фикри равшан ва ҷаҳонбинии аз мавҳумоту хурофот покизае доранд» [4, с. 14].

2) Рубоӣ дар рӯзгори мардум ҳамчун воситаи иртибот, муомила, ба истилоҳи имрӯза гӯем, ҳамчун “коммуникатсия” хидмат кардааст. «Ба воситаи рубоиҳо, – қайд менамояд Р. , – одамон ҳамдигарро аз ҳоли худ огоҳ ва ба якдигар дил холӣ кардаанд, якдигарро водор намудаанд, ки ба атрофиёнашон бо эҳтиромӣ хосе муносибат кунанд...» [4, с.4].

3) Рубоиҳо вазифаи тарбиявӣ доранд. Тавассути рубоиҳо афкори ахлоқӣ, меъёрҳои рафтору гуфтор, хулқу хисоли намунавии инсонӣ тасвир мешаванд. «Рубоиҳо ба некӣ ва накукорӣ даъват мекунанд ва чунин фикрро пеш меронанд, ки одамон бояд ҳамдам, ғамхор ва дилсӯз бошанд, якдигарро эҳтиёт кунанд...» [4, с.4].

4) Рубоиҳо баъзе лаҳзаҳо, ҳодисаҳои таърихӣ ва муносибатҳои иҷтимоиро инъикос мекунанд. Масалан, як бахши рубоиҳо дар мавзӯи ғарибӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва мусофират эҷод шудаанд. Раҷаб Амонов ин силсила рубоиҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, онҳоро “ғарибӣ” номидааст: «Рубоиҳои ғарибӣ мувофиқи мазмунашон, пеш аз ҳама, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: як гурӯҳ ба тасвири ҳасби ҳоли худи мусофирон – ғарибон

бахшида шудаанд. Гурӯҳи дигар ҳолу аҳволи хешу табор ва ёру ошноҳои ғарибонро баён мекунанд» [4, с. 9]

Яке аз санъатҳои бадеии муҳими таркиби рубоиҳо рамз ба шумор меравад. «Рамз як тарзи баён мебошад, ки дар шаклҳои лафзӣ, хаттӣ, тасвирӣ, ичроӣ ва моддӣ унсурҳои асотирию эътиқодӣ ва ичтимоию фарҳангиро дар бар гирифтааст» [6, с. 93].

Дар адабиёти шифоҳии тоҷик рамз ҳамчун ҳунари тасвири бадеӣ дар офариниши образ ва тасвири вазъияту аҳволи гӯянда мақоми назаррас дорад. Баъзан гӯяндаҳо барои ниҳон доштани матлабу мақсади худ андешаҳояшонро рамзомез баён мекарданд, зеро дар муҳиту ҷомиаи онҳо рӯйирост иброз намудани фикр имкон надошт. Махсусан, духтарони маъсум ва ошиқони ноком дар асрҳои гузашта аз ҳуқуқи худ бенасиб буданд ва бар зидди зулму истибдоди қудратҳои ичтимоӣ тавассути матнҳои фолклорӣ мубориза мебурданд ва зимни эҷоду хондани рубоиҳо дарди ниҳони худро сабук мегардониданд. Аз ин хотир дар тасвири аҳволу ҳаводиси рӯзгор онҳо бисёр андешаҳои худро мармузу пардапӯш баён мекарданд.

Дар мавриди ин ки рамз санъат аст ва ё образ миёни муҳаққиқон фикру мулоҳизаҳои мухталиф баён шудаанд. Рамз аз нигоҳи Р. Амонов, пеш аз ҳама, санъати бадеӣ ва воситаи офаридани образ маънидод шудааст. Ӯ дар мақолаи “Рубоӣ ва рамз” навиштааст: «Дар рубоиҳо рамзҳо зиёд истифода мешаванд. Ин санъат дар ифодаи маъноҳои амиқ ва ҷилваҳои манзараҳои зиндагӣ ва табиат васеъ хизмат кардааст. Бе дарки маънои рамзҳо мундариҷаи аслии бисёр рубоиҳои халқӣ бо тамоми вусъат ва амиқиаш ошкор намегардад» [4, с. 17].

Ҷойи дигар ӯ таъкид кардааст, ки “Рубоӣ маҳсули назари шоиронаи халқ ба ҳаёт аст ва дар тасвир санъатҳоеро ба кор бурдааст, ки ба зуҳуроти ин назар комилан мувофиқат дорад. Ва яке аз аҷибтарин ва диққатангезтарини ин санъатҳои тасвир рамз аст” [4, с. 21].

Барои Р. Амонов тарзи эҷод муҳим аст, яъне санъати рамз – усули дар парда тасвир кардан мебошад. Чунин равиши эҷод ду арзиш дорад: якум, пардапӯш кардани матлаб ва маъниҳо, дувум – баёни зебо.

Аммо бештари муҳҳақиқон ва худи Р. Амонов ҳам дар мавридҳои дигар рамзро образ, яъне тасвир хондааст. Масалан, дар китоби “Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ” ӯ рамзро чунин муаррифӣ намудааст: «Рамз образ, санъати тасвир аст, вале он аз дигар намудҳои образ аз он ҷиҳат фарқ дорад, ки шабоҳати хусусиятҳои предметҳоро дар маркази диққат қарор надода, ба мавҷудияи як навъ маъное далолат мекунад, ки дар замири образи манзури предметӣ ниҳон аст ва вусъату амиқии образро пойдор мегардонад» [4, с 21].

Дар ин ҷо Р. Амонов моҳияти рамзро хеле хуб тавзеҳ додааст. Яъне дар раванди эҷоди рамз шоир ё эҷодкунандаи мардумӣ ба монандии зоҳирӣ ё ботинии мафҳуми рамзшаванда таваҷҷуҳ намекунад, балки дар замири образ маънии махсусе ҳаст, ки он боиси ҷалби диққат мешавад. Ин маънии таҳтониро танҳо бо зеҳну фаросат дарёфтан мумкин аст.

Баъзе муҳаққиқони рус низ ба ҳамин хулоса омадаанд, ки «мундариҷаи рамз мутаносибан бо роҳи забонӣ гуфта намешавад, балки ин мундариҷа тавассути тафаккур ва дарки маънӣ дар қиёс бо ҳамон образи ашё ошкор

мегардад. Тафовути асосии рамз аз аломат дар он аст, ки дар рамз объекти матлуб мустақиман ишора намешавад» [1, с. 978].

Рамз, як навъ образ, яъне тасвири бадеӣ аст, ки аз ду ҷавҳар: намуд (сурат, сувар) ва маънӣ иборат мебошад. Ҳар як образи рамзшаванда аломате дорад, ки боиси ҷалби шоирону эҷодкунандагони асарҳои халқӣ мешавад ва онҳо маҳз ҳамон аломатро ба назар гирифта, асар эҷод мекунанд. Аломати ашё, ин ё он ҳодиса ба сари худ ҳеҷ гоҳ рамз намешавад. Аломат ҳамон вақт рамз мешавад, ки маънои иловагии ба он нисбатдиҳанда ба истеъмоли васеи ҷамъиятӣ роҳ ёбад [4, с. 3].

Ҳамин тариқ, тасвир ва маъно ду унсури рамз буда, бе якдигар вуҷуд надоранд. Барои ҳамин ҳам рамзҳо танҳо дар натиҷаи шарҳу тафсир ошкор мешаванд, вагарна онҳо шакли муайяне надоранд.

Тасвирҳои рамзӣ дар контекстҳои мухталиф барои ифодаи робитаи ашёи воқеӣ ва маънои абстрактии он хидмат мекунанд. Барои дарки рамзи ботини байту рубоиҳо контекст ё фазоҳои ташаккули онҳоро донистан муҳим аст. Р. Амонов дар ин хусус чор замина, яъне чор контекстро муайян кардааст. «Барои ошкор кардани моҳияти рамзҳо аҳамияти муқаррар намудани омилҳо ва заминаҳои пайдоиши онҳо низ кам нест. Алалхусус:

а) хусусияти ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷамъиятии хоси таърихи халқ. Чунончи, ғарибӣ ё ҷангҳои беохири феодалӣ, ки ба пайдоиши як силсила рамзҳои бадеӣ боис гардидааст;

б) урфу одатҳо ва ақидаҳои таърихан ташаккулёфта ва силсилаи тасаввуроти ба он вобаста;

в) шароити ҷуғрофӣ ва табиӣ, ки ба тарзи зиндагии мардум таъсир гузоштааст. Масалан, «сари кӯҳи баланд», «боло», «бом» ва монанди инҳо;

г) маданият ва адабиёти миллӣ» [4, с. 40].

Рамзро фаҳмидани одамони бегона дар гумон аст. Силсилаи рамзҳо барои аъзои ҷамъияти муайян фаҳмо аст, зеро он образҳо аз ҳамон муҳиту табиат, ашёву гиёҳону ҷонварон ва ҳодисаҳои ҷамъиятӣ иборатанд. Ба ин нукта Р. Амонов низ таваҷҷуҳ кардааст: «Рамз барои гӯшрас кардани асрори зиндагӣ ва муносибатҳои инсонӣ ба одамони “худӣ” хизмат мекунад, ба онҳое, ки дилашон пур мешавад, ба онҳое, ки ҳаҷ доранд, аз ин сир огоҳ бошанд. Яъне рамз воситаест дар изҳори розҳои дарунӣ» [3, с. 27].

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқоти Р. Амонов таърифи умумии рамзро дарёфтан мумкин аст. Муҳаққиқ чунин нишона ва унсурҳоро ба рамзҳо хос шуморидааст:

– Рамз воситаи тасвири бадеӣ;

– Рамз ифодакунандаи эҳсос ва фикри мардум;

– Рамз аз доираи тасаввури фард берун шуда, хусусияти ҷамъиятӣ мегирад;

– Мундариҷаи рамз устувор буда, дар ҳама маврид як маъниро ифода мекунад;

– Рамз вобаста ба сифат ва нишонаҳои як предмет (мафҳум) эҷод мешавад;

– Ниҳоят “рамз образ аст, ки бо ҳамон мундариҷа, бо ҳамон мафҳум ва маъно дар асарҳои гуногун истифода мешавад” [3, с. 28].

Гузашта аз ин рамз як воситаи муҳим ва таркибии сохтори рубоиҳо мебошад. Тасаввур кунед, бе силсилаи рамзҳо мундариҷаи рубоиҳо чи гуна

мешуданд? Роҷеъ ба унсури муҳими рубоиҳо будани рамзҳо низ аз назари ин муҳаққиқи нуктасанҷ дур намондааст. «Рамз як ҷузъи рубоист ва рубоии халқӣ бе ин ҷузъи худ вуҷуд дошта наметавонад» [3, с. 8], – қайд кардааст ӯ.

Ҷойи дигар Р. Амонов вазифаи танзимсозии рамзҳоро дар таркиби рубоӣ таъкид намудааст: «Рамз рубоиро танзим медиҳад, муттасилии воситаҳои тасвирро таъмин мегардонад, онҳоро ба вазифаи бадеӣ ва мавзӯи рубоӣ тобеъ мегардонад» [3, с. 249].

Рамз дар таҳқиқоти Р. Амонов ҳамчун унсури таркибии тасвири бадеии рубоиҳо шарҳу тафсир ёфтааст. Раванди рамзикунонии образҳои бадеии рубоиҳо ва дигар шаклҳои назми шифоҳӣ ба тасаввуроти асотирӣ, ҷаҳонбинии эстетикӣ ва этнописхологияи халқи тоҷик марбут мебошад. Ҳар кадом рамз унсурҳои эстетикии фарҳанги мардумӣ буда, асосан ҳолати равонӣ, ниёзҳои иҷтимоӣ ва ҳаводиси рӯзгорро инъикос мекунад. Аз ин нуктаи назар, рамз дар тафаккури бадеии тоҷикон ба ҳайси “код”-и этникӣ ё худ нишонаи этнопсихологӣ зуҳур карда, хусусияти миллии лирикаи тоҷиконро таъмин кардааст.

Хулоса, саҳми Р. Амонов дар таҳқиқи назарияи рубоиҳо ва рамзҳои бадеӣ хеле бориз буда, дар фолклоршиносии тоҷик дар ин самт пояҳои устувори илмӣ гузоштааст.

Адабиёт

1. Аверинцев, С. Символ // Литературная энциклопедия терминов и понятий / под ред. А.Н. Николюкина. Москва: НПК «Интелвак», 2001. – 1600 стб.

2. Амонов, Р. Лирикаи халқи тоҷик.– Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.

3. Амонов, Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 296 с.

4. Амонов, Р. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1984. – 352 с.

5. Крошнева, М. Е. Теория литературы: учебное пособие / М. Е. Крошнева. – Ульяновск: УлГТУ, 2007. – 103 с.

6. Раҳимов, Д. Чинори пургул. – Душанбе: Фан, 2008. – 106 с.

7. Улуг-заде, Н. Академик Амонов. Штирихи к портрету // Рамзкушои фарҳанги мардум / мураттиб ва муҳаррир Р.Аҳмад,. – Душанбе, 2003. – С. 149-156.

8. Шакурӣ, М. Рамзкушои шеърияти халқ // Ёдномаи академик Раҷаб Амонов / мураттибон Р. Аҳмад, Ш. Мирзоева. – Душанбе: Бухоро, 2013. – С. 11-15.

Рахими Дилшод

ИЗУЧЕНИЕ РУБАИ И ИХ СИМВОЛЫ В ИССЛЕДОВАНИЯХ АКАДЕМИКА РАДЖАБА АМОНОВА

Академик Раджаб Амонов впервые в таджикском фольклоре применил метод расшифровки символов при исследовании рубаи (четверостишия) и других видов народной лирики и написал в этом контексте кропотливые труды. Среди поэтических жанров таджикского фольклора его больше всего интересовал рубаи. По мнению Р. Амонова, четверостишия выполняют

несколько важных функций: 1) четверостишия выражают ситуации и чувства лирического героя; 2) они являются средством общения и взаимодействия; 3) четверостишия также имеют образовательную функцию; 4) рубаи отражают отдельные моменты, исторические события и общественные отношения.

В таджикском фольклоре некоторые исследователи считают символ художественным искусством, другие – образом. В исследованиях Р. Амонова подтверждаются оба этих мнения. Характерными для символов он считал следующие знаки и элементы: символ – средство художественного изображения; символ – выражающий чувства и мысли людей; символ – продукт мышления индивида, а потом он приобретает социальный характер; содержание символа стабильно и во всех случаях выражает одно и то же значение; символ создается в зависимости от качества и признаков предмета; и наконец, символ – это образ, который используется с одним и тем же содержанием, с одним и тем же понятием и значением в разных произведениях.

Так, в исследованиях Раджаба Амонова символ объясняется и интерпретируется как составной элемент художественного образа четверостишия.

Ключевые слова: Раджаб Амонов, таджикский фольклор, рубаи – четверостишие, символ, образ, художественное искусство, лирика, форма и содержание.

Rahimi Dilshod

STUDYING THE RUBAI AND THEIR SYMBOLS IN RESEARCHES OF ACADEMICIAN RAJAB AMONOV

Academician Rajab Amonov was the first Tajik folklorist, who used the method of interpreting symbols in the study of rubai (quatrains) and other types of folk lyrics and wrote scrupulous works in this context. Among the poetic genres of Tajik folklore, he was most interested in rubai. According to R. Amonov, quatrains perform several important functions: 1) quatrains express the situations and feelings of the lyrical hero; 2) they are a means of communication and interaction; 3) quatrains also have an educational function; 4) rubai reflect single moments, historical events and social relations.

In Tajik folklore, some researchers consider a symbol as an artistic tool, others - an image. Researches of R. Amonov confirms both of these opinions. He considered the following specifities and elements to be characteristic of symbols: symbol is a means of artistic representation; symbol express the feelings and thoughts of people; symbol is a product of an individual's thinking, and then it acquires a social character; the content of the symbol is stable and in all cases expresses the same meaning; the symbol is created depending on the quality and characteristics of the object; and finally, a symbol is an image that is used with the same content, with the same concept and meaning in different works.

Thus, in the studies of Rajab Amonov, the symbol is explained and interpreted as an essential element of the artistic image of the quatrain.

Keywords: Rajab Amonov, Tajik folklore, rubai - quatrain, symbol, image, art, deciphering symbols, lyrics, form and content.

ТДУ: 008+37тоҷик+341+81тоҷик+8тоҷик
Назаров Холназар,
Раҳимов Баҳодур

ҶАНБАЪҲОИ АХЛОҚӢ ВА ТАРБИЯВИИ ҲАМОСАИ «ГӮРҒУЛӢ»

Дар мақола, моҳияти ҳамосаи «Гӯргулӣ», ки саросар тарбиявӣ-ахлоқӣ аст, мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Фарҳанги тарбия ва ахлоқ маҳаки асосии асарро ташкил медиҳад ва барои насли наврас ва ҷавон пураҳамият аст.

Муаллифони мақола андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ: Р. Амонов, Б. Раҳимов, Д. Раҳимӣ, Ҷ. Асрориён, К.Д. Ушинский, И.С. Брагинский ва дигаронро вобаста ба ҷанбаҳои тарбиявӣ-ахлоқии ҳамосаи "Гӯрғӯлӣ" пайгирӣ намуда, фикру ақидаҳои худро баён намудааст.

Арзишҳои тарбиявии ҳамосаи «Гӯргулӣ», ҳамчун фарҳанги суннатии тарбия дар замири хонандагон як қатор таассуротро бедор менамояд. Дар баробари ин, он пуртаъсир буда, дар ҳама давру замон ба воситаи образҳои мусбати худ, ки дорои ҷанбаҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва қаҳрамонӣ мебошанд, ба ҷомеаи инсонӣ неруи тоза мебахшад. Дар «Гӯргулӣ» ҳамчун маҳсули эҷодиёти безаволи халқ арзишҳои маънавии тоҷикон инъикос ёфтааст.

Дар идомаи мақола, сухан дар боби моҳияти таъсиргузории ҳамосаи «Гӯргулӣ» меравад, ки асрҳо боз дар миёни мардуми Осиёи Марказӣ ва ашхоси бомаҳорату соҳибзавқ садо медиҳад ва аҳамияти бузурги тарбиявӣ-ахлоқиро молик аст. Сабтҳои он дар Хазинаи тиллоии Радиои тоҷик маҳфуз буда, достонҳои беҳтаринаш тариқи садо ва симо пахш мешаванд.

Мазмун ва муҳтавои ин ҳамосаро, пеш аз ҳама, ватандӯстӣ, ҳифзи марзу буми меҳан, қаҳрамонӣ, чусту чолокӣ, зиракӣ, нотарсиву далерӣ, хирадмандӣ дар муборизa бо истилогарони аҷнабӣ ташкил медиҳад.

Калидвожаҳо: *ҳамоса, «Гӯргулӣ», педагогика, суннат, фарҳанг, қаҳрамонӣ, тарбия, забон, ахлоқ, мерос.*

Ҳамосаи «Гӯрғулӣ» яке аз бузургтарин осори шифоҳии халқи тоҷик мебошад, ки таҷрибаи бойи фарҳангӣ, педагогӣ ва ахлоқии миллати тоҷикро тӯли асрҳои зиёд дар бар гирифтааст. Арзиши ин асар дар он аст, ки мавқеи тарбияро аз нигоҳи педагогӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ васеъ ифода мекунад. Бо вуҷуди он ки тамоми асарҳои бузурги эпикӣ ба андозае гузаштаи таърихии халқи тоҷик, соҳаҳои гуногуни ҳаёти моддӣ, маишӣ ва маънавии халқ, психология, ҷаҳонбинӣ, орзую омол, анъанаву устураҳои онро дар бар гирифтаанд, ин асар низ ҳақиқати таърихиро тариқи хаёлот инъикос намудааст. Жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик, ки дар асар таҷассум ёфтаанд, дорои панду андарзҳои ахлоқӣ мебошанд. Аз ин бармеояд, ки эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик яке аз шаклҳои беҳтарини тарбияи ахлоқӣ мебошад. Ин нуктаро муаллифи "Ҳамосаи "Гӯрғулӣ" ва шинохти он" – Дилшод Раҳимӣ низ таъкид кардааст: "Эпоси қаҳрамонии

халқи тоҷик «Гӯрғулӣ» маҳсули тафаккури бадеӣ – ҳунарии мардуми тоҷик буда, фарогири орзуву ормонҳо, васфи корнамоиҳои паҳлавонон, ҳифзи Ватан ва муҳаббат ба зиндагии солими инсонҳост” [8, с.42].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо иброз менамояд, ки осори шифоҳии миллати тоҷик арзиши баланди тарбиявиро доро буда, шахсияти ватандӯстро бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ ташаккул медиҳад. Аз ин ҷост, ки бо баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” хондан ва аз бар намудани осори шифоҳии миллати тоҷик ба номинаи адабиёти муосир ворид карда шуд.

Ҳамосаи «Гӯрғулӣ» ҳамчун осори шифоҳӣ, аз ҷасурӣ, диловарӣ, фаросати ҷангӣ, мардонагӣ дар муҳорибаҳо ва аломатҳои асосии қаҳрамонҳо огоҳӣ медиҳад. Образҳое, ки дар ҳамоса тасвир ёфтаанд, таҷассуми фикру ақида ва эҳсосоти гуногуни инсонӣ, аломатҳои муқаррарии ҷомеаи гузаштаи халқ мебошанд. Дар он таҷрибаи ҳаёт, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва анъанаҳои гуногуни тарбия ва ахлоқ ба таври васеъ тасвир гардидаанд, ки ба ҳамосаи «Гӯрғулӣ» арзиши педагогӣ-ахлоқӣ мебахшанд.

Шарқшиноси рус И.С. Брагинский чунин гуфтааст: “Махсусияти ҳамосаи тоҷикӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки асоси онро на ривоят дар бораи Гӯрғулӣ, балки тасвири шоирона дар шароити ривояти қадимаи асримиёнагӣ вобаста ба «макони орзу» бахти деҳқонӣ ташкил медиҳад. Чунин макон дар ҳамоса «Чамбули муъҷизанок» тасвир мегардад ва баҳодурони он бо роҳбарии Аваз Ватанро аз аҷнабиён ва дигар халқҳо ҳимоя мекунанд” [5, с. 17].

Дар ҳақиқат, агар ба ҳамосаи «Гӯрғулӣ» нигарем, эҷодкорони он, асосан деҳқонон буданд. Бинобар ин, дар ҳамоса дар навбати аввал орзую омоли халқи одӣ – ҳаёти озоди накӯкорона, корномаҳо дар ҷанг бо душмани истилогар, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, тавсифи одамони озоду ҷасур ва муборизa барои ҳифзи тартиботи шоҳӣ инъикос гардидааст. Чунин аст, ду зуҳуроти асосии ҳамосаи «Гӯрғулӣ», ки моҳият ва мазмуни онро дучанд намудааст.

Дар ҳамосаи халқӣ рафтори одилона ва дӯстонаи баъзе халқҳои ба ҳам наздик нақши худро доранд. Дар байни халқҳои гуногун паҳншавии ин ҳамоса омили муҳиме мебошад, ки мавҷудияти байни онҳо муносибати дӯстона ва фарҳангиро, ки решаҳои таърихӣ доранд, тасдиқ мекунад. “Дӯстии халқҳо дар ҳамосаи тоҷикӣ дар он ифода меёбад, ки дар достонҳои ҳамосаи «Гӯрғулӣ» дар қатори тоҷикон, халқҳои дигар низ таҷассум ёфтаанд. Худи Гӯрғулӣ низ барои озодии халқҳои дигар муборизa мебарад ва аҳолии давлатҳои ҳамсоя нисбати Гӯрғулӣ ва зодгоҳи афсонавии ӯ – Чамбули Мастон меҳру муҳаббати беандоза доранд” [3, с. 52].

Ҳамосаи «Гӯрғулӣ» аз 34 достони халқӣ иборат буда, дар достони «Авазхон ва Райҳонараб» кишвари афсонавии Чамбули Мастон чунин тавсиф ёфтааст:

Ин достони Гӯрғулӣ, рафиқон,
Дар даври куҳна, эй дӯстон.
Гузаштааст дар хоки тоҷикон,
Номи шаҳруш Чамбули Мастон…. [6, с. 130].

Зимни таҳлили ҳамоса, ки эҷоди достонҳои сершуморро дар бар мегирад, дар аксар маврид тимсолҳои таърихии қаҳрамонони марказии ҳамосаро ёфтан мумкин аст. Қаҳрамони ҳамоса маҳакест, ки дар атрофаш ривоятҳо чарх мезананд ва ҳаёту фаъолияти ӯ хатти асосии сужетро ташкил медиҳад ва ин қаҳрамон дар аксар маврид образи бадеии шахси воқеӣ аст.

Аз мундариҷаи асосии ҳамосаи халқӣ, инчунин аз ҳодисаҳои сершумори сужетӣ ва самти умумии ғоявӣ, ки дар байни халқ машҳуранд, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳамоса тамоюли халқии тарбия ва ахлоқ афзалият дорад. Ҳамосаи «Гӯрғулӣ» достони калонҳаҷмест, дар бораи қаҳрамони халқӣ аз табақаи поёнии ҷомеа, ки барои некӯаҳволии халқ ба муқобили зулму истибдод мубориза мебарад. Гӯрғулӣ таҷассуми қаҳрамони устуравист, ки бо қувваҳои табиат, пеш аз ҳама, офтоб алоқаманд аст. Ғояи ҳамоса бо ақидаҳои ахлоқӣ – этикии оммаи халқ, бо ақоиди халқи одӣ дар барои некӣ ва бадӣ алоқаи зич дорад.

Аз мазмуни ҳамосаи «Гӯрғулӣ» бармеояд, ки аз қадимулайём халқи тоҷик дар бораи некӣ ва бадӣ фикри муайяне доштааст. Некӣ он чизест, ки барои халқи худ аст – меҳнат, қаноатмандӣ, дастгирии ҳамдигар дар ҳолатҳои мушкил, истироҳат ва дилхӯшӣ баъд аз меҳнати пурмашаққат, тақсимоти одилонаи неъматҳо – ба ҳар кас ҳиссаи ӯ дода мешавад. Ин ақидаҳо, ки ҳанӯз дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба вуҷуд омадаанд, дар шароити муборизаи синфӣ рушд ёфтанд. Бадӣ он чизест, ки барои халқ зишт аст – истилои ғоратгарони молумулки бо меҳнати зиёд андохташуда, азобдиҳӣ ва зӯроварии хону феодалҳо, истилои аҷнабиён. Халқ дар ҷараёни рушди таърихии худ бадиро дарк намуда, муносибати муайяни манфиро ба ин бадӣ муқаррар кард.

Некӣ ва бадии ҷамъиятӣ бо некӣ ва бадии қувваҳои табиат алоқаи зич дорад. Некӣ ин офтоб, рӯшноӣ, борони файзбор мебошад, ки ҳосилро зиёд, меҳнатро осон мекунанд, боигариро афзун месозанд. Бадӣ –ин торикӣ, бемориҳо, хушксолӣ, гуруснагӣ, ки ба истифодабарӣ аз натиҷаҳои меҳнат имкон намедиҳанд, ба дуздон дар ғорат кардани мардум ва золимону истилогарон дар истисмори мардум кӯмак расонанд.

Чунин тасаввуроти одиро дар бораи некӣ ва бадӣ халқи тоҷик дар образҳои ҳамоса ба шакли гуногун таҷассум сохтааст.

Қаҳрамонҳои ҳамосаи мазкур Гӯрғулӣ, Аваз, Нуралӣ, Шералӣ, Гуланор ва дигарон дар сарзамини худ барои ҳимояи Ватан, сулҳу субот ва оромии Чамбули Мастон, ки “гулҳавзи диёр” аст, ҷонсупорӣ кардаанд. Дар ҳар образи бадеии қаҳрамонҳои ин асар маданият, ахлоқ ва тарбия дар шакли аёнят тасвир ёфтааст. Аз ҷумла, Авази тоҷикон, ба таъбири фарҳангшиноси маъруф Д. Раҳимӣ “як симои паҳлавонии романтикии ҳамсони Рустаму Сухроб, Исфандиёр, Хуршедшоҳу Фаррухрӯз, Ромин, Абумуслим ва ғайра мебошад. Ӯ таҷассуми орзуву ормонҳои мардуми ҷафокаш буда, дар симои ӯ халқ ҳомӣ ва муҳофизатгари Ватанро тасвир кардааст” [8, с. 68].

Дар ҳамосаи «Гӯрғулӣ одобу ахлоқи қаҳрамонон такмил меёбад. Такомули одобу ахлоқ ба одобу ахлоқи қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шабоҳат дорад, зеро дар ҳарду ҳамоса унсурҳои афсона, қиссаҳо ва ривоятҳои қаҳрамонӣ вуҷуд дорад. Таърихи воқеаҳои ҳамосаи «Гӯрғулӣ» таърихи миллат аст, ки мартабаи одобу ахлоқ дорад.

Дар афкори педагогии халқи тоҷик ҳамосаи «Гӯрғулӣ» зуҳуроти арзандаи дорои тарбиявӣ аст. Қаҳрамонони он зидди ҷаҳолат ва зӯроварианд. Дар ҳамоса анъанаҳо ва расму маросимҳои мардумӣ, аз ҷумла меҳмондорӣ, эҳтироми калонсолон бисёр ба назар мерасад. Аз рӯйи мазмуни ҳамоса ҷаҳони ботинии инсон дарк карда мешавад. Дар ҳамоса руҳияи озодӣ ва ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, инсондӯстӣ тараннум гардидааст, ки ҳамеша намунаи аслии такомул ва зебоию покизагии ахлоқ аст:

Гӯрғулӣ аслоҳ кард, савор шуд таллон,
Табли ҷанг зад, ларзид замину садо дод осмон.
Найзабозӣ карданд дар майдон,
Шикаст ёфт хунхор, қафо гашт гурезон.
Аваза Гӯрғулӣ бурд ба Чамбули Мастон,
АҒоюнусу Ширмо парвариш карданд Аваза аз дилу ҷон… [6, с. 60].

Муносибатҳои неки инсонӣ дар ҳамоса то имрӯз омӯхташавандаанд ва аҳамияти ахлоқии худро гум накардаанд. Гӯрғулӣ ҳамеша ифшогари беадолатӣ ва зулм аст. Ӯ образи халқӣ аст ва бузургии маънавӣ ва ахлоқии ӯ низ аз халқ аст. Қуввати сухани ӯ, аз рӯйи мазмун мактаби бузурги тарбиявӣ аст. Дар образи ӯ маънавиёт ва ахлоқ тарбия карда мешавад.

Гӯрғулӣ инъикоси мураккаби шароитҳои сиёсӣ, анъанаҳои таърихӣ аст, ки тарбияи ватандӯстиро ба миён мегузорад. Образи Гӯрғулӣ барои наврасон ва ҷавонон як навъи аёнияти дар тарбия аст. Ин образи бадеӣ онҳоро дар партави таърих, фарҳанг, мактабу маориф ва давлату давлатдорӣ тарбия менамояд, ки дар шароити истиқлоли миллӣ мавқеи он меафзояд.

Образи Гӯрғулӣ барои наврасон ва ҷавонон шароити бо ҳам алоқамандии ахлоқ ва тарбияро ба муҳити иҷтимоӣ муҳайё месозад. Гӯрғулӣ чунин образе мебошад, ки хусусиятҳои муҳим ва воқеии тарбиядиҳанда ва тарбияшавандаҳоро васеъ инъикос мекунад. Маҳз, мазмун ва мундариҷаи тарбиявӣ-ахлоқии ҳамоса дар тасвири бадеии қаҳрамонҳо, аз ҷумла Гӯрғулӣ аст, ки дар арсаи таҷдиди кишвар (Чамбули мастон) саҳмгузорӣ кардааст:

Фармонд Гӯрғулӣ, харҷ кард Аҳмадхон,
Бино монд Чамбули Мастон.
Чил газ арк шуд дар осмон,
Ҳар кунгураи тилло овезон.
Ҳаждаҳ майхона сохтанд бари дар бар,
Чил тахт шинонданд аз зар [6, с. 56].

Анъанаҳои тарбия дар бино намудани кишвар (Чамбули Мастон), санъати сухан, муошират, муколамаи мардуми Чамбули Мастон, дар санъат, суруд, эҷоди қиссаҳо ва қаҳрамониҳо ифода гардидааст. Нақши Гӯрғулӣ образе мебошад, ки марҳилаи тарбияи ватандӯстиро таҷассум менамояд. Ӯ манфиати мардумро ҳимоя намуда, баҳри ҳифзи он қаҳрамониҳо мекунад. Аз ин рӯ, ҳамосаи «Гӯрғулӣ» асарест, ки дар як марҳилаи иҷтимоӣ-таърихӣ, дар шакли низомӣ-фидокорӣ, муҳаббат ба ватанро дар қалби кас тарбия менамояд.

Асоси ҳамосаи «Гӯрғулӣ»-ро, мисли дигар достони халқӣ, муҳорибаҳо ва корномаҳои баҳодуронаи ҳамроҳони Гӯрғулӣ, дар навбати аввал Аваз ва писарони ӯ – Нуралӣ ва Шералӣ ба муқобили подшоҳ ва қушунҳои истилогарон ташкил медиҳанд. То андозае эпизодҳои якхелаи ҷангҳо – муборизаҳои тан ба тани қаҳромонон-баҳодурони алоҳида бо қушунҳои сершумор сужети аксари достонҳои «Гӯрғулӣ»-ро муайян менамоянд. Ҷасурӣ, диловарӣ, фаросати ҷангӣ, мардонагӣ дар муҳорибаҳо аломатҳои асосии қаҳрамонҳои ҳамоса мебошад. “Образҳое, ки дар ҳамоса тасвир ёфтаанд, таҷассуми фикру эҳсосоти гуногуни инсонӣ, аломатҳои муқаррарии ҷамъияти гузашта мебошад. Дар он таҷрибаи ҳаёти коллектив, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва анъанаҳои гуногуни халқ ба таври васеъ инъикос меёбад. Ҳамаи ин ба «Гӯрғулӣ» арзиши муҳими тарбиявӣ медиҳанд” [2, с. 84].

Ҳамосаи «Гӯрғулӣ» асари назмии асотирӣ аст, ки одоб мисли қисми аввали «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тавзеҳ дода мешавад. Ин ҳамосаи паҳлавонӣ, ки ҷанбаи асотирӣ ҳам дорад, дар зиндагии Гӯрғулӣ ҷанбаҳои гуногуни таърихиро васеъ инъикос намудааст. Дар он амалу рафтори шахсиятҳо дар набарди қаҳрамониҳо бо душман, рафтан ба сафарҳои дур, ки баъди якчанд рӯз бармегаштанд, бо усулҳои гуногун, муҳаббат ба ватан, вафодорӣ ва сидқу сафо ба халқи хеш суруда мешавад.

Муҳтавои ҳамосаи «Гӯрғулӣ» бо замону макон мураттаб аст. Ҳамоса дар замон ва дар макони муайян суруда мешавад, ки «Чамбули мастон» ном дорад ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Турон, Самангон, Мозандарон аст. Аммо амалу рафтори қаҳрамонони ҳамосаи «Гӯрғулӣ» дар набардҳои тан ба тан баҳри ҳимояи Ватан мантиқи тарбиявии ин ҳамоса аст:

Гӯрғулӣ ба дилаш кард ормон:
«Бино монӣ, мешавад ҷои хубон».
Фикраша пеш кард, бо гиряю фиғон,
Меҳнат кард, иморат сохт чил газ ба осмон.
Чил тахт шинонд аз зар,
Ном монд ба он ҷо Чамбули хайбар [6, с. 56].

Дар ҳамоса сокинони “замини бузург”, ки бо истилоҳи Чамбули мастон манзур аст, аз мардуме мебошанд, ки дар озодӣ ва тавонгарӣ мезистанд ба таърих ва фарҳанги тоҷик лоиқ буданд. Мардуми ин мулк дар пайи эҳёи дубораи расму оинҳои қабл аз ислом буданд ва худро масъул медонистанд, ки таърих ва фарҳанги худро эҳё кунанд. Ин аст, ки дар сурудҳои ҳамоса достонҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ бо мақсади муттаҳид гардидани қавм баҳри озодӣ ва истиқлолият гирд оварда шудаанд. Дар ин маврид, манбаи аслии ҳамосаи «Гӯрғулӣ» пандҳои тарбиявии китоби «Авесто» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст, ки сухан аз Яздон ва Аҳриман, ривоятҳо роҷеъ ба Зардушт, достонҳои офариниш ва ҳикоятҳои пандомези Каюмарс ва дигар қиссаи мардумӣ меравад. “Баъзе достонҳои ҳамоса ба достонҳои «Шоҳнома» инчунин, афсонаҳои қадим монандӣ дорад. Мисли достони Зол, Исфандиёр, достони Ҳафтхон, ки ба афсонаҳои ахлоқӣ-тарбиявии ҷаҳон муштарак аст, қиссаҳое монанди достони “Рустам ва Суҳроб” дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва монанди инҳо гирифта шудааст. Ин матлаб дар ҳамосаи «Гӯрғулӣ» бо мақсади дарёфти ҳадафҳои тарбия пешниҳод гардидааст” [3, с. 125].

Вожаҳои тарбиявӣ-ахлоқии ҳамоса, дар ҳавзаи ҷанг тасвирҳои қаҳрамонон аст. Тасвир ва тахайюл низ мавҷуд аст, ки дар ташбеҳи қаҳрамонҳо хусусияти хос дорад. Нуқтаи авҷ байни ду қувва – А ва Б аст. Б намехоҳад ба А таслим шавад. Ҷангу набард байни ин ду қувва ҳатмӣ аст. А медонад ҳар касе, ки Б-ро бикушад дар ин дунё беранҷ аст ва дар ин дунё мукофот мегирад ва агар таслим шавад, ёди тамоми зиндагии паҳлавонии гузаштаро барбод медиҳад. Бархурдории онҳо, дарвоқеъ бархурдории озодӣ ва асорат, пириву ҷавонӣ, куҳна ва нав, сарнавишт ва ирода аст. Б. вақте ки А-ро дар байни ин ду роҳ қарор медиҳад, банд ва оромиш ё озодӣ ва марг – авҷи ҳамосаро ташкил медиҳад. А дар ҳайрати азим фурӯ меравад, ки ҳатто нерӯи паҳлавонони ӯро Б медонад. Б. ночор ба ҷодугарӣ, ҳилаву найранг даст мезанад. Замоне, ки А аз пояш дармеоварад, чашмони Б кушода мешавад, ҳамаи қаҳрамониҳои худро ночиз медонад.

Муборизаи некӣ ва бадӣ боз ҳам мушаххастару воқеитар дар муборизаи Гӯрғулӣ бо Райҳонараб, ки яке аз лаҳзаҳои асосии ҳамосаи «Гӯрғулӣ» мебошад, ифода меёбад. Райҳонараб дорои тамоми аломатҳои воқеии хоин, бойи ҷабркунанда, муфтхӯр мебошад. Ӯ модари Гурғулиро зада маъюб ва ғорат мекунад. Вақте ки Гӯрғулӣ мамлакатро тарк намуд, Райҳонараб душманонро ба меҳмонӣ даъват карда барои истилогарони ачнабӣ дарвозаро кушод. Гӯё Гӯрғулӣ намояндаи неки заминӣ ва Райҳонараб намояндаи мушаххаси қувваи бадӣ дар рӯйи замин аст:

Аҳмад кард дастурхон…
«Пурсидан айбе нест, - гуфт, - меҳмонон,
Ҳафтодта паҳлавон, ба чӣ ҳастед саргардон…?»
«Мора Райҳонараб кард равон,
Элчием – гуфт, - ба ту Аҳмадхон,
Ту бахшӣ Ҳилол ба Райҳон...[6, с. 48].

Халқ некбини бузург аст, бинобар ин дар ҳамосаи «Гӯрғулӣ» дар интиҳо некӣ ғолиб меояд. Ғалабаи некӣ ба бадӣ ғояи асосии «Гӯрғулӣ» аст.

Ҳамин тариқ, маҳаки асосии ҳамосаи «Гӯрғулӣ»-ро тарбия, ахлоқ ва фарҳанг ташкил медиҳад, ки дар баланд бардоштани маънавиёти наврасону ҷавонон аҳамияти басо муҳим дорад.

Адабиёт

1. Амонов, Р. Аҳамияти ватандӯстии эпоси қаҳрамонии халқи тоҷик / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш,1978. – 22 с.
2. Амонов, Р. Аз паи ҳикмати халқ / Р. Амонов. – Душанбе, 1963. – 104 с.
3. Асрориён, Ҷ. Гӯрғулӣ (Гузориш ва нигориш) / Ҷ. Асрориён. – Душанбе, 2010. – 180 с.
4. Раҳимов, Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик / Б. Раҳимов, А. Нуров – Душанбе: 2008. –118 с.
5. Брагинский. И.С. Заметки о таджикском эпосе «Гуругли» / И.С. Брагинский // Краткие сообщ. Института востоковедения СССР. Т. 9. – 1953.
6. Гургули. Таджикский народный эпос / Гургули. – М.: Наука, 1987. – 463 с.

7. «Гуругли». Девять сказаний о подвигах Гуругли и Аваза – богатыря; пер. с таджикского Т. Стрешневой и д. Виноградова. – Душанбе, 1983. – 160 с.

8. Раҳимӣ. Д. Ҳамосаи «Гӯрғулӣ» ва шинохти он / Раҳимӣ Д. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 144 с.

9. Раҳимов, К.С. таджикский эпос “Гуруглӣ” в традициях исполнительской школы Хикмата Ризо / К.С. Раҳимов. – Душанбе, 2019. – 256 с.

10. Ушинский, К.Д. Педагогические сочинения [Текст]: в 6 т. / К.Д., Ушинский 1988. – Москва: Педагогика. – Т. 5. – 411 с.

11. Шадриков, В.Д. Народная школа // Высшее образование в России. В.Д. Шадриков– 1993. – № 2. – С. 41-48.

Назаров Холназар,
Рахимов Баходур

НРАВСТВЕННЫЕ И ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ЭПОСА «ГУРУГЛИ»

В статье рассматривается воспитательная ценность таджикского эпоса «Гуругли», как традиционной культуры воспитания. Рассматривается взаимосвязь национальной и человеческой ценностей в эпосе «Гуругли». Исходя из огромного эстетического, героического, патриотического значения эпоса «Гуругли», следует его включить в эпическое творчество кружков и в программу внекласного чтения средних школ. Эпос «Гуругли» является тем творением могучего народного творчества, которым веками питается духовная культура таджиков.

В данной статье автор анализирует эпос «Гуругли», который в течение веков сохраняется в фонде культурного наследия и является уникальным достоянием таджикского народа. Известно, что жанр фольклора является источником воспитания подрастающего поколения у каждого народа. Эпос «Гуругли» также имеет огромное нравственное значение и выражает любовь к Родине. Этот эпос информирует о мужестве, ловкости, зоркости, тактике ведения боя и т.д.

В статье также приводятся цитаты знаменитых востоковедов, как И.С. Брагинский, таджикского учёного фольклориста Д. Рахими и других, которые выражают свое мнение о месте и роли эпоса «Гуругли» в таджикском фольклоре и его воспитательном значении.

Автор доказывает, что основными ценностями и содержанием этого эпоса выступают воспитание, а также нравственные и культурные ценности таджикского народа.

Статья имеет огромное значение для духовного становления и самопожертвования ради защиты Родины, ненависти к иноземным оккупантам и захватчикам.

Ключевые слова: эпос, «Гуругли», педагогика, традиция, культура, героизм, духовность, воспитание, язык, нравственность, наследие.

Nazarov Kholnazar,
Rahimov Bahodur

MORAL AND EDUCATIONAL ASPECTS THE EPIC "GURUGLI"

The article examines the educational value of the Tajik epic "Gurughli" as a traditional culture of education. The relationship between national and human values in the epic "Gurughli" is considered. Based on the enormous aesthetic, heroic, patriotic significance of the epic "Gurughli", it should be held in clubs and extracurricular readings in secondary schools. The epic "Gurughli" is the creation of the mighty folk art of which the spiritual culture of Tajiks has been nourished for centuries.

In this article, the author analyzes the epic "Gurughli", which has been preserved for centuries as a fund of cultural heritage and unique property of the Tajik people. It is known that folklore genres in every nation are a source of education for the younger generation. The poem "Gurughli" also has great moral significance and love for one's native land. This poem informs about courage, dexterity, vigilance, battle tactics, etc.

The author also discusses the related works of famous scholars such I.S. Braginsky, F. Murodov, D. Rahimi and others who express their opinions about the place and role of the poem "Gurughli" in Tajik folklore and its educational significance.

The author proves that the main value and content of this poem is the education, moral and cultural values of the Tajik people.

The article is of great importance for courage and defense of the homeland and hatred of foreign occupiers and invaders.

Keywords: epic, "Gurughli", pedagogy, tradition, culture, heroism, spirituality, education, language, morality, heritage.

ТДУ: 9тоҷик+39тоҷик+008+37тоҷик+902/904

Саидзода Савриддин

ЭЛЕМЕНТҲОИ МУДОФИАВИИ ЁДГОРИҲОИ КУШОНИИ ТОҶИКИСТОН

Шаҳрҳо ва шаҳракҳои замони Кушониён дар қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон зиёд кашф гардидаанд, ки муҳимтарини онҳо шаҳрҳои қадимаи Шаҳринав, Чимқурғон, Ҳалқаҷар, Сайёд, Теппаи Шоҳ ва ғайраҳо мебошанд. Дар шаҳрҳои ин давра ҳунармандӣ такомул ёфта, тиҷорат равнақ дошт. Аз ин лиҳоз меъморон ва шаҳрсозон ба сохтори ҳимоявии шаҳрҳо диққати махсус равона мекарданд, то дар замони таҳдиди хатар мудофиаи шаҳр осонтар бошад.

Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳамин бахши шаҳрсозӣ, яъне элементҳои мудофиавии шаҳрҳо бахшида шудааст. Дар замони мавҷудияти империяи Кушониён, шаҳрҳо андозаи гуногун дошта, вусъати онҳо то 350 га мерасид. Новобаста аз ин барои ҳимояи шаҳр, атрофи он пурра бо девори

мустаҳками мудофиавӣ иҳота карда мешуд. Девори мудофиавиро бо тиркашҳо ва бурҷҳо муҷаҳҳаз мекарданд. Тиркашҳо дар ин айём асосан, шакли росткунҷа ва тирмонанд буданд. Баъзан, дар деворҳои мудофиавии шаҳр тиркашҳои дуруғин барои найранг ва фиреби душман сохта мешуданд. Ҳама деворҳои мудофиавӣ дорои бурҷҳо буданд. Дар ин даврон шаҳрҳо, асосан бурҷҳои росткунҷашакл доштанд, аммо баъзе шаҳрҳо ва деҳкадаҳо низ вуҷуд доштанд, ки дорои бурҷҳои мудаввар буданд. Чунин бурҷҳо асосан дар қалъаҳои Бадахшон ва ёдгории Теппаи Шоҳ кашф гардидаанд. Омили муҳими дигар, ки ба он диққати хос дода мешуд, ин интихоби макон барои сохтани шаҳрҳо буд. Одатан шаҳрҳоро дар маконҳои қуллай ва баландтар месохтанд, ки мавқеи ҷойгиршавии онҳо барои ҳамлаи душман мушкили эҷод мекард.

Дар шаҳрҳои замони Кушониён, ҷойи шоҳнишин ҳамеша дар сатҳи баландтар аз шаҳристон сохта шуда, атрофи он бо девори мудофиавӣ иҳота карда мешуд. Масолеҳи сохтмонӣ, асосан хиштҳои хоми андозаашон 38х38х12 буданд ва аҳёнан похса низ истифода мекарданд.

Калидвожаҳо: *шаҳр, деҳкада, ҳафриёт, бурҷ, пайконмонанд, мудаввар, росткунҷашакл, ёдгорӣ, бостоншинос, хишт, мудофиавӣ, бозёфт, кашф, кушонӣ, Чимқурғон, Шаҳринав, Тоҷикистон.*

Аҷдодони тоҷикон тамаддунофар буда, дар ташаккули тамаддуни башарӣ нақши бориз гузоштаанд. Онҳо ҳануз дар ҳазораи IV – III пеш аз мелод ба офаридани шаҳрҳо оғоз карда будаанд, ки дар ин бора боқимондаҳои нахустшаҳр – Саразм шаҳодат медиҳад. Гарчанде Саразм шаҳри ташаккулёфта набуд, аммо нишонаҳои пайдоиши шаҳрро бо доштани бинои ҷамъиятӣ, маъбад ва мавҷудияти ҳунарҳои гуногуни пешрафта, таҷассум мекард. Бо гузашти айём ҳунари шаҳрсозӣ равнақ ёфта, шаҳрҳои калон ва пешрафта ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо ҳунармандон молу маҳсулоти гуногун истеҳсол намуда, тиҷоратро равнақ медоданд. Махсусан, рушди тиҷорат ва санъати шаҳрсозиро метавон дар замони мавҷудияти империяи бузурги Кушониён (асрҳои IIт.м – IVм) мушоҳида намуд. Дар тули 400 соли ҳукмронии бемайлони Кушониён деҳкадаҳо рушд намуда, ба шаҳракҳо табдил ёфтанд, шаҳрҳо ва кушкҳои нав ба вуҷуд омаданд. Шаҳрҳои калонтарини ин давра то 350 га масоҳат доштанд. Мисоли равшани ин харобаҳои шаҳрҳои Балх, Тирмиз, Шаҳринав ва амсоли инҳо буданд. Тиҷорат то ба ҳадде рушд намуд, ки тоҷирони тоҷик молҳои худро ба Чину Ҳиндустон, Рим ва Мисру Порт интиқол медоданд. Тиҷорат дар ҳудуди ин давлатҳо тавассути роҳи бузурги Абрешим анҷом мепазируфт. Дар тиҷорати байни ин давлатҳо Кушониён нақши калидӣ дошта, пайвандгари Ҳинду Чин бо Риму Миср ва Порт ба ҳисоб мерафт.

Чи гунае ки дар боло зикр намудем, дар ин айём шарҳсозиву шаҳрдорӣ хеле рушд намуда буд. Ҳудуди имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он давра қисмати Бохтари шимолиро ташкил медод, ки дар ин ҷо низ шумораи зиёди шаҳраку деҳкадаҳо ва шаҳрҳои калон вуҷуд доштанд. То имрӯз харобаҳои чанде аз ин бостоншаҳрҳои кушонӣ аз ҷониби бостоншиносон омӯхта шудаанд, ки машҳуртарини онҳо Шаҳринав, Чимқурғон, Тепаи Шоҳ, Ғарвқалъа, Ҳалқаҷар, Сайёд дар Тоҷикистон, Тирмиз, Кампирқалъа, Дилбарзинтеппа, Холчиён дар водии Сурхандарёи Узбекистон, Сурхкутал, Ой-Хонум, Багром, Дилбарҷин дар Афғонистон, Пешовар, Таксила ва дигар шаҳрҳои Гандҳара дар Ҳиндустон мебошанд.

Албатта, бостоншаҳрҳои кӯшонӣ ба бахшҳо тақсим мешуданд, ки асоси онҳоро диж – ҷойи нишасти шоҳ, шаҳристон – ҷои нишасти шаҳриён, ташкил менамуд. Дар шаҳрҳои бузурги тиҷоратӣ работ ва қабристон дар беруни девори шаҳр ҷойгир буданд.

Мо дар ин мақола на дар бораи сохтор ва шакли шаҳрҳои кушонӣ, балкӣ дар бораи сохтор ва омилҳои мудофиавии онҳо ҳарф мезанем. Ин хусусиятҳоро ба таври возеҳ метавон дар девори ҳимоявии Шаҳринав мушоҳида намуд. Шаҳринав ёдгории замони Кушониён буда, дар ноҳияи Шаҳринави имрӯза, начандон дуртар аз ёдгории дигари ин давра бо номи Чимқурғон воқеъ гардидааст. Шаҳринав дар замони Кушониён яке аз шаҳрҳои калонтарин маҳсуб мегардид ва он ҳудуди 350 га масоҳатро дар бар мегирифт.

Замони шуравӣ ин бостоншаҳр 4 маротиба мавриди ковишҳои бостоншиносӣ қарор мегирад [1, с. 76], [4, с. 66], [5, с. 139], [6, с. 173], ки маротибаи аввал соли 1955 таҳти сарварии Е.А. Давидович ҳафриёт доир гардидааст. Ин гурӯҳи бостоншиносон дар бораи сохтори мудофиавии шаҳр маълумот надодаанд, аммо аз ҳисоботҳои онҳо маълум мешавад, ки ин гуруҳ 5 бурҷи мудофиавии ин шаҳрро кушодааст. Бино ба қайди ин гурӯҳ: “Дар соли 1955 хиштҳо аз 5 бурҷи мудофиавӣ андозагирӣ мешаванд, ки ҳамаи онҳо андозаи якхелаи 36х36х12-14см доштанд” [1, с .77]. Е.А. Давидович ин навъи хиштҳоро – «хиштҳои бохтарӣ” ном мебарад. Агар мо ба дигар бостоншаҳрҳои замони кушонӣ назар афканем, мушоҳида менамоем, ки хиштҳои 36х36х12-14см ё 38х38х12-14 хоси давраи Кушониён мебошанд. Пас маълум мешавад, ки Е.А. Давидович “хиштҳои бохтарӣ” гуфта, хиштҳои кушониро дар назар дорад. Ҳамзамон маълум мешавад, ки мақсади экспедитсия муайян намудани давраи пайдоиши шаҳр будааст, зеро онҳо дар бораи сохт ва аҳамияти ҳимоявии бурҷҳо маълумот надодаанд.

Ҳафриётҳои соли 1976 бо сарварии Е.В. Зеймал боқимондаҳои девори мудофиавиро таҳқиқ мекунанд, ки 3,4 м паҳной дошта, аз хиштҳои андозаашон 34х34х10см сохта шудаанд. Дар маркази ин девор боқимондаҳои бурҷи мудофиавӣ мавҷуд буд. Ин бурҷ тарҳи росткунҷа дошта, бо тиркашҳо муҷаҳҳаз гардидааст. Дар ин бурҷ 7 тиркаши пайконмонанд мавҷуд буд, ки 3-тои он барои тир андохтан ва боқимонда барои найранг сохта шуда буданд. Дар дохили бурҷ хонаҳо низ, мавҷуд буданд ва роҳрав ба дохили онҳо хеле борик сохта шуда буд, ки паҳноии он 0,65м – ро ташкил менамуд. Е.В. Зеймал қайд мекунад, ки дар қадим девори шаҳр дорои 280 бурҷи мудофиавӣ будааст. Бурҷҳо аз якдигар дар масофаи якхела, дар фосилаи ҳар 25м сохта шуда буданд [4, с. 68].

Аз ин бармеояд, ки бостоншаҳри Шаҳринав аз рӯи нақшаи пешакӣ сохта шудааст ва ба сохтори мудофиавии он диққати махсус зоҳир намудаанд, зеро атрофи онро девори ниҳоят қавӣ, ки 3,4 м паҳной дошт, иҳота намудааст. Меъморон ба ин иктифо накарда, дар фосилаи хеле наздик (25м) ба якдигар бурҷҳои мудофиавӣ сохта, онҳоро бо тиркашҳо муҷаҳҳаз кардаанд. Меъморон ба сохти тиркашҳо низ, диққати махсус дода, онҳоро дар ду навъ сохтаанд. Яке тиркашҳои дурӯғин ва дигар тиркашҳои ҳақиқӣ. Ин тартиб ба мудофиагарони шаҳр сабукӣ ва ба кори душман мушкилӣ эҷод менамояд. Ҳамаи ин далолат бар он мекунанд, ки Шаҳринав

дар он давра шаҳри одӣ набудааст ва он шояд марказӣ водии Ҳисор будааст.

Бурҷи дигари ин бостоншаҳрро бостоншиносон дар соли 1978 кашф карданд, ки он тарҳи росткунҷа дошта, то баландии 5,20м боқӣ мондааст. Дарозии бурҷ 9,40м ва бараш 5,40м андоза дошт. Дар ин бурҷ хусусиятҳои мудофиавии шаҳри кушонии Шаҳринав хеле равшан ва возеҳ маълум мешавад. Яке аз хусусиятҳои ҷолиби ин бурҷ дар он аст, ки он аз тарафи бар 2 тиркаш ва аз тарафи пеш 3 тиркаши ҳақиқӣ дошта, боқимонда ҳама тиркашҳо барои фиреби душман сохта шудаанд. Дар дохили бурҷ хонаҳо ба андозаи 2,7х2 м мавҷуд буда, роҳрави онҳо хеле борик ва баланд сохта шудааст, ки 65 см паҳнои ва 2,15 м баландӣ дорад. Ин роҳрав пушиши равоқӣ дорад. Дар роҳрав боқимондаи зинаҳо мавҷуд аст, ки ба самти боло равона аст ва эҳтимолан роҳро ба сӯи болои деворҳои мудофиавӣ мебарад. Бояд қайд намуд, ки деворҳои байни ду бурҷ (куртин) низ, бо тиркашҳо муҷаҳҳаз гардида буданд. Маълум мешавад, ки дар онҳо якчанд қабат тиркаш мавҷуд буд ва қабати поёнтарини он дар баландии 80 см воқеъ гардида буд. Вале бештарини ин тиркашҳо дуруғин буда, барои фиреби душман сохта шудаанд. Дар ин ҷо тиркашҳои пайконмонанди дуруғин, тиркашҳои пайконмонанди ҳақиқӣ ва тиркашҳои одии росткунҷашакл мавҷуд будаанд [5, с.141].

Новобаста аз он ки Шаҳринав бо чунин девори мустаҳками мудофиавӣ ҳифз мешуд, атрофи дижи онро девори мудофиавии алоҳида иҳота карда буд. Ҳатто меъморони шаҳр барои бехатарии ҳоким, ҷойи муносиб интихоб намуда, дижро дар ҷои аз сатҳи шаҳристон баландтар сохтаанд ва атрофи онро бо девори муҳофизатӣ ҷудогона намудаанд, ки ин тарҳ, омили мудофиавии дижро дучанд мегардонад. Чуноне ки натиҷаи ковишҳои бостонӣ нишон медиҳанд, паҳноии девори мудофиавии диж дар поён ба 3,15м баробар буда, дар баландии 3м паҳноӣ ба 2,8м ва дар баландии 4,5м он ба 2,5м баробар мешавад. Яъне,



девор дар болои таҳкурсии паҳни мустаҳкам сохта шуда, моилан ба боло борик мешавад, ки ин хосияти мустаҳкамии деворро дучанд мекард. Дар девори мудофиавии диж низ, тиркашҳо мавҷуданд, ки айнан монанди тиркашҳои девори мудофиавии умумишаҳрӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ тиркашҳои дар девор ва бурҷҳои мудофиавии Шаҳринав истифодашударо метавон ба се намуд ҷудо кард.

1. Аз таҳкурсии девор дар баландии 3,15м - 3,20м воқеъ буда, шакли пайконмонанд дорад ва қисмати пайконмонанд дуруғин буда, танҳо дар чуқурии 25-30см дар девор ҷой гирифтаанд.

2. Тиркашҳои кушода (одӣ ва росткунҷа), ки қисмати пайконмонанд надоранд.

3. Тиркашҳои пайконмонанди дуруғин, ки ҳамагӣ дар чуқурии 25-35см дар дохили девор ҷойгир шудаанд.

Махсусияти умумии ҳама намуди ин тиркашҳо дар андозаи онҳо зоҳир мегардад, ки ҳамагӣ 10-15см паҳноӣ ва 1м баландӣ доранд.

Ба таври хулосавӣ оид ба сохтори мудофиавии Шаҳринав месазад қайд кард, ки бошандагони шаҳр аввал мавқеи муносиб барои сохтмони шаҳр интихоб намуда, атрофи онро бо девори ҳимоявӣ мустаҳкам намудаанд. Аммо онҳо ба мустаҳкамии девори ҳимоявӣ иктифо накарда, онро бо бурҷ ва тиркашҳо муҷаҳҳаз сохтаанд. Чунин шакли тиркашҳо, ки дар боло зикр намудем, барои дифои шаҳр хеле мусоид буда, ба душман имкон намедод, то муҳофизатгарон ва сарбозони шаҳррро маҷруҳ намояд ва ё бикушад. Зеро аз берун ҳама тиркашҳо ба таври аслӣ намоён мешуданд ва аз кадом тиркаш тир паронидани муҳофизатгаронро душман эҳсос намекард. Ҳамзамон сарбозони шаҳр метавонистанд тавассути роҳравҳо мавқеи худро иваз намоянд. Биноҳои дохили бурҷ, эҳтимолан ҳамчун иқоматгоҳи посбонон муқарар гардида буданд ва дар ҳолатҳои таҳдиди хатар дохили ин биноҳо бо лавозимоти ҷангӣ, об ва сарбзони эҳтиётӣ пур карда мешуд.

Дар ёдгории бостонии Чимқурғон низ сохтори мудофиавии ёдгориҳои кушонӣ намоён аст. Ин ёдгорӣ дар наздикии бостоншаҳри Шаҳринав воқеъ гардида, аз ҷиҳати ҳаҷм аз Шаҳринав хеле хурд мебошад. Чимқурғон дар болои чор теппаи дар шакли наъл ҷойгиршуда қарор дорад (Расми 1). Замини атрофи он ҳамвор аст. Ковишҳо дар ин ёдгорӣ ҳанӯз аз солҳои 1976-77 оғоз гардидааст. Гарчанде дар байн танафусҳо вуҷуд доштанд, аммо то ҳол дар Чимқурғон ковишҳои бостонӣ идома доранд. Ковишҳои бостонӣ нишон медиҳанд, ки Чимқурғон низ бо девори *Расми 1. Нақшаи топографии* мудофиавӣ иҳота шуда, бурҷу иркашҳо *Чимқурғон* муҷаҳҳаз гардида буд.

Бо вуҷуди он ки бостоншиносон бештар ба қабатҳои стратеграфии ин ёдгорӣ таваҷҷуҳ намудаанд, аммо баъзе маълумотро доир ба сохти бурҷҳо ва тиркашҳои он пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, аз ҳафриёти соли 1977 маълум мегардад, ки бурҷҳои Чимқурғон монанди бурҷҳои Шаҳринав росткунҷа будаанд. Аммо ин бурҷҳо на дар фосилаи якхела ва ба таври мунтазам, балки вобаста ба релефи ёдгорӣ сохта шудаанд. Фарқи дигари бурҷҳои Чимқурғон аз Шаҳринав дар андозаи онҳо зоҳир мегардад. Андозаи бурҷҳои Чимқурғон нисбатан хурдтар будаанд. Масалан, “бурҷи давраи сеюми сохтмонӣ, ки аз хиштҳои 37х37х10-12 см сохта шудааст, 5,8 м дарозӣ дорад ва бурҷи давраи сохтмонии дуюм бошад аз хиштҳои андозаашон 34х34х8-10 см сохта шуда, дарозиаш ба 7,2 м баробар аст” [7, с. 80]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки бурҷҳои Чимқурғон нисбат ба бурҷҳои Шаҳринав қариб 2 м хурд мебошад.

Бурҷҳои Чимқурғон низ бо тиркашҳо муҷаҳҳаз гардидаанд. Аммо, аз ҳисоботи бостоншиносон мо танҳо дар бораи мавҷудияти як намуди тиркашҳо маълумот пайдо карда метавонем. Ин ҳам бошад, ҳамон навъи тиркашҳои пайконмонанд мебошанд [ниг. 8, с.150]. Дар баробари он ки бурҷҳои Чимқурғон аз бурҷҳои Шаҳринав аз рӯи андоза хурдтаранд, аммо тиркашҳои онҳо қариб якхел аст. Яъне, чуқурии қисмати пайконмонанди тиркашҳои Чимқурғон ба 24 см баробар аст. Ин қисмати тиркашҳои Шаҳринав 25-30 см мебошад. Паҳноии тиркашҳо дар Чимқурғон ба 12 см ва дар Шаҳринав ба 10-15 см баробар аст. Баландии тиркашҳо дар ҳарду ёдгорӣ аз 1 то 1,1 м мерасад. Яъне, умумиятҳои тиркашҳо ниҳоят зиёд аст.

Аз таҳқиқи тиркашҳои Чимқурғон ва Шаҳринав маълум мегардад, ки тиркашҳои пайконмонанд дар давраи Кушониён хеле маъмул гардида будаанд. Ковишҳои бостонӣ дар ёдгории дигари замони Кушониён Тали Хамтуда ин гуфтаҳоро тақвият мебахшанд.

Тали Хамтуда дар ноҳияи имрӯзаи Панҷакент қарор дорад. Ин ёдгорӣ соли 1985 аз ҷониби бостоншинос А. Исҳоқов кашф гардида, дар солҳои 1988, 1990 ва 1991 аз ҷониби бостоншиносони тоҷик ҳаффорӣ шудааст. Дар натиҷаи ин ковишҳо боқимондаи якчанд биноҳо ва бурҷҳо кушода шуданд. Бурҷҳои ин қалъа низ бо тиркашҳо муҷаҳҳаз гардида будаанд. Тиркашҳои он шакли пайконмонанд дошта, қисмати пайконмонанди онҳо аз 2 хишти андозаашон 40х40х10 см сохта шудааст ва чуқурии ин қисмат 30-40 см-ро ташкил медиҳад. Паҳноии тиркашҳо дар ин ёдгорӣ 0,16-0,20 см мебошад. Тиркашҳо дар масофаи якхела ҷойгир буда, фосилаи байни онҳо 1,6 м аст [Ниг 10, с. 72]. Аз ҷиҳати шакл тиркашҳои Тали Хамтуда ба тиркашҳои Чимқурғон ва Шаҳринав монанд мебошанд, аммо аз лиҳози андоза тиркашҳои Тали Хамтуда андаке калонтар сохта шудаанд. Ҷолибияти дигари тиркашҳои Тали Хамтуда дар масофаи байни онҳо зоҳир мегардад. Мутаасифона, дар бораи масофаи байни тиркашҳои Чимқурғон ва Шаҳринав мо то ҳол маълумоте надорем. Аммо, агар шумораи тиркашҳои бурҷҳои Шаҳринавро ба андозаи бурҷ тақсим намоем, масофаи байни онҳо тахминан ба 1,2 м баробар мешавад. Пас, эҳтимоли дар масофаи якхела ҷой доштани тиркашҳои бурҷҳо дар Шаҳринав низ вуҷуд дорад.

Гарчанде байни водии Ҳисор ва Тали Хамтуда масофаи калон аст ва дар замони Кушониён эҳтимолан, ҳамчун минтақаи сарҳадӣ ба ҳисоб мерафт, аммо умумиятҳои сохтмонӣ ба назар мерасанд. Ин гувоҳи он аст, ки дар асрҳои I-III мелодӣ бо тиркашҳои пайконмонанд муҷаҳҳаз кардани девори ҳимоявӣ ва бурҷҳо хеле маъмул будааст. Ин навъи тиркашҳоро на танҳо дар ёдгориҳои Бохтари Шимолӣ ва Суғд, балки дар ёдгориҳои қисмати Бадахшони имрӯза ва ҳатто ёдгориҳои Туркманистон дидан мумкин аст.

Масалан, дар қисмати ҷанубу шарқи қалъаи Қаҳқаҳа (II т.м –VIII м), ки дар водии Вахон ҷойгир аст, бостоншиносон боқимондаҳои бурҷеро кашф карданд, ки он шакли мудаввар дошта, дар баландии 6 м боқӣ мондааст. (Расми 2). Бостоншиносон зикр намудаанд, ки “бурҷ бо тиркашҳои пайконмонанд муҷаҳҳаз гардидааст, ки баландии онҳо ба 60 см, паҳноӣ дар поён ба 20 см ва дар боло ба 15 см баробар аст. Бурҷ дар болои бунёди мустаҳками сангӣ бо хиштҳои андозаашон 27х27х5 см сохта шудаст” [9, с. 26].

Ҳамчунин бурҷи дигар бо тиркашҳои пайконмонанд дар тарафи ҷанубии қалъаи Қаҳқаҳа кашф гардид, ки он ҳам бо тиркаши пайконмонанд муҷаҳҳаз гардида буд. (Расми 3)

Чи тавре дар боло зикр намудем, тиркашҳои пайконмонанд дар ёдгориҳои Туркманистон низ мавҷуданд, ки ин ёдгориҳо ба асрҳои I-III м нисбат доранд. Тадқиқотҳои Г.А. Пугаченкова дар харобаҳои қалъаи Дурнали собит намуданд, ки “бурҷҳо ва деворҳои мудофиавии ин ёдгорӣ бо ду қабат тиркашҳои пайконмонанд,





Рас. 2. Боқимондаҳои бурҷ бо тиркашҳои пайконмонанд.

Рас. 3. Боқимондаҳои бурҷ бо тиркашҳои пайконмонанд. (Бадахшон)

ки то 2 м баландӣ доштанд, муҷаҳҳаз гардида буданд” [12, с. 49]. (Расми 6).

Дар ёдгории Нисои куҳна бошад, қабатии болоии девори мудофиавӣ бо тиркашҳои пайконмонанди дуруғин муҷаҳҳаз гардида буд (Расми 4).



Рас. 4. Маъбади Нисои куҳна бо тиркашҳои пайконмонанд

Истифодаи тиркашҳои пайконмонанд, ғайр аз ёдгориҳои Дурнали ва Нисои куҳна дар Ғаюрқалъа ва Чилбурҷ низ дида мешаванд. Ба қавли Г. А. Пугаченкова «тиркашҳои пайконмонанд дар баробари ҷузъи мудофиавии қалъаву шаҳрҳо буданашон, боз дар санъати ороишии меъмории ашконӣ, ба таври васеъ истифода мешуданд» [13. с. 217]. (Расми 5)



Рас. 5. Ҷузъи меъморӣ.



Рас. 6. Дурнали. Шакли барқароршуда.

Ин ҳама монандиҳои ёдгориҳои Туркманистону Тоҷикистони имрӯза, ки дар он давра ба ҳудудҳои Бохтар ва Хоразм дохил буданд, гувоҳи он аст, ки дар асрҳои I-III мелодӣ новобаста аз мавҷудияти сарҳадҳо, империяҳо ва мавқеи ҷуғрофӣ таъсири, мутақобилаи фарҳангҳо ва маданиятҳо хосатан санъати меъморӣ мавҷуд буд. Инчунин, эҳтимоли кироя кардани меъморони чирадаст аз ин ё он минтақа вуҷуд дошт. Шояд яке аз сабабҳои монандии тиркашҳо, бурҷҳо ва дигар услубҳои меъморӣ, равнақи муносибатҳои фарҳангиву тиҷоратии ду империяи бузури тоҷикон – Кушониён ва Ашкониён бошад.

Хусусияти дигари мудофиавии шаҳрҳои кушонӣ дар мавқеи ҷуғрофии онҳо инъикос гардидааст. Ба таври мисол метавон шаҳраки Сайёдро зикр кард. Шаҳраки Сайёд дар ноҳияи имрӯзаи Абдураҳмони Ҷомӣ воқеъ гардидааст. Месазад қайд намуд, ки дар давраи Шуравӣ фақат як маротиба ковишҳои санҷишӣ дар ин ёдгорӣ гузаронида шудаасту халос. Ин ёдгориро метавон кашфи замони истиқлол ҳисобид, ки 3 маротиба экспедитсияҳои омӯзиши аз ҷониби Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар он роҳандозӣ шудааст. Дар натиҷаи ин ковишҳо оид ба қабатҳои маданӣ, санагузории онҳо, бозёфтҳо ва дигар ҷанбаҳои шаҳри Сайёд маълумот ҳосил шудааст. Аммо, мутаасифона, дар бораи девори мудофиавии ин шаҳр маълумоте ба назар намерасад. Эҳтимолан, он то имрӯз кашф

нагардидааст ва ё боқӣ намондааст. Дар масъалаи сохтори мудофиавии ин шаҳр танҳо мавқеи ҷойгиршавии онро метавон гуфт, ки онро бостоншиносон чунин арзёбӣ намудаанд: «Қисмати шимолу шарқии шаҳрак дар масоҳати 42х53 м нисбат ба қисмати ҷанубу ғарбиаш баландтар мебошад ва он бо эҳтимоли зиёд диж, яъне ҷои ҳокимнишин аст. Қисмати пасттари он шаҳристон, яъне ҷои зисти сокинони шаҳрак будааст. Мавзеи бостонӣ аз се тараф бо ҷариҳои чуқуриашон 11-15 м ва аз тарафи шимолу шарқӣ 4-5 м иҳота шудааст. Ин ҷариҳои табии вазифаи дифоиро иҷро мекарданд» [2, с. 9].

Ёдгории дигари замони Кушониён Ҳалқаҷар мебошад, ки ин шаҳр ҳам хеле кам омӯзиш шудааст. Ғайр аз ин, ёдгорӣ дар натиҷаи кишту кор ва сохтмони каналҳову офатҳои табии ниҳоят зарари ҷиддӣ дидааст. Агар ба сохтори мудофиавии ин шаҳр назар афканем, он ҳам дар баландии теппа ҷойгир буда, бо девори ҳимоявӣ ва бурҷҳо иҳота шудааст. Оид ба бурҷҳои мудофиавии ин шаҳр, бостоншиносони шуравӣ чунин маълумот додаанд: “Бурҷи мудофиавии Ҳалқаҷар шакли росткунҷаро доро буда, аз хиштҳои хоми андозаашон 39х39х10-12 см ва 40х40х10-12 см сохта шудаанд” [14, с. 299]. Паҳноии бурҷ то девори ҳимоявӣ 3,6 м мебошад ва ин андоза қариб ба бурҷҳои Чимқурғон баробар буда аз бурҷҳои Шаҳринав хурдтар аст. Девори ҳимоявии он бошад 1,8 м паҳной дорад, ки дар муқоиса бо деворҳои Шаҳринав ва Чимқурғон хеле борик аст. Як хусусияти ҷолиби мудофиавии Ҳалқаҷар дар он аст, ки нишебиҳои теппа сараввал бо пахса ва санг мустаҳкамкорӣ шуда, сипас дар болои ҳамворӣ якчанд метр дуртар аз ҷарӣ девори ҳимоявӣ сохта шудааст. Мутаасифона, оид ба шакл, намуд ва андозаи тиркашҳо маълумоте нест.

Теппаи Шоҳ ёдгории дигари замони Кушониён дар ҷануби Тоҷикистон аст. Ин ёдгорӣ, асосан аз ҷониби бостоншинос Б.А. Литвинский таҳқиқ гардидааст [11, с. 19]. Як хусусияти фарққунандаи омилҳои мудофиавии Теппаи Шоҳ аз дигар ёдгориҳои кушонии ҷануби Тоҷикистон дар он аст, ки бурҷҳои он шакли мудаввар доранд. Дар натиҷаи ковишҳои бостонӣ, боқимондаҳои як бурҷи кунҷӣ ва як бурҷи марказӣ кашф гардидаанд, ки онҳо то баландии 50-60 см боқӣ мондаанд. Бурҷи мудофиавӣ дар давраи якуми сохтмонӣ шакли мудаввар дошта, аз хиштҳои андозаашон 40х40 см сохта шудааст.



Рас. 7. Бурҷи кунҷи ва қисми девори шимолу шарқ ва шимолу ғарб. Теппаи Шоҳ.

Бурҷҳо дар давраи дуюми сохтмони бо қабати девори иловагӣ иҳота шудаанд. Ин қабати девор аз похсаҳои 35-40х70 см сохта шудааст. Дар натиҷа қисмати берунии бурҷи мудофиавӣ шакли росткунҷаро ба худ касб мекунад. Махсусияти дигари ин бурҷҳо дар он аст, ки хиштҳои онҳо ба якдигар пайваст нашудаанд ва фосилаи байни онҳо бо қабати ғафси лой ва хиштпораҳои шикаста пур шудааст. Мутаасифона, бинобар сабаби бокӣ намондани бурҷҳо ва девори ҳимоявӣ то ҷойи тиркашҳо, мо дар бораи тиркашҳои ин шаҳр низ маълумоте пайдо карда наметавонем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ёдгориҳои кушонӣ дар ҷануби Тоҷикистон ба ҷуз Теппаи Шоҳ бурҷҳои росткунҷашакл доранд. Ҳамчунин, бурҷҳои росткунҷашакл дар ёдгориҳои ҳаминдавраинаи Туркманистон низ бештаранд. Аммо бурҷҳои қалъаҳои Вахон асосан мудаввар мебошанд, ки аксарияти онҳо дар замони Кушониён барои ҳимояи сарҳад ва гузаргоҳи Роҳи Абрешим сохта шудаанд.

Дар бораи пайдошавии бурҷҳои мудаввар, дар минтақаи Осиёи Миёна маълумотҳо гуногунанд. Масалан, С.П. Толстов чунин қайд мекунад, ки «бурҷҳои мудаввар ва ё дарозрӯя дар Хоразм танҳо дар давраи охири Кушониён асрҳои IV-V м ба вуҷуд омадаанд» [15, с. 195]. Дар Эрон бурҷҳои мудаввар дар асри III м ба вуҷуд омада, ҷои бурҷҳои мураббаъро иваз намуданд. Р. Гришман менависад, ки «мудаввар дар Таксила дар замони ҳукмронии Канишка бахши асосӣ ва ҷудонопазри мустаҳкамнамоии шаҳру қалъаҳо буд» [17, с. 39].

Агар мо ба сохти мудофиавӣ дар давраи атиқа ва қабл аз он назар афканем, мебинем, ки онҳо аксаран аз техникаи эмпликтионӣ истифода мекардаанд. Бостоншиносон чунин навъи сохти мудофиавиро дар ёдгории Тахти Сангин кашф намудаанд. Чунончи, «Дар зери тудаҳои хок девори мудофиавӣ бо ғафсии 2,2 м пайдо шудааст. Девор бо усули сохтмонии атиқаи “ҷавшанӣ” сохта шудааст, яъне ду қатори деворҳои борик (дар масофаи якчанд метр аз якдигар) аз шикастапораҳои сангҳои калон 50-70х30-40 см бо маҳлули гилӣ омехташуда сохта шуда, фазои байни онҳо бо сангҳои майда, хок ё лой пур мешавад» [16, с. 39]. Дар давраи Кушониён бошад, ба ҷои чунин техника, девори ягонаи ниҳоят паҳн, ҳатто то 3,4 м пайдо мешавад ва деворҳо одатан аз хишт сохта мешуданд. Агар ба давраи баъди Кушониён, яъне асрҳои миёна назар афканем, бештар истифода похсаро мушоҳида мекунем.

Хулоса дар даврони Кушониён ба сохтори мудофиавии шаҳрҳо ва сарҳади давлат диққати махсус дода мешуд. Дар маҷмуъ омилҳои асосии мудофиавии ёдгориҳоро дар замони Кушониён метавон ба таври зайл шарҳ дод:

1. Дар ҷои муносиб бино намудани шаҳр, шаҳрак ва деҳкадаҳо, ки бо монеаҳои табии иҳота гардида бошанд.

2. Аз сатҳи шаҳристон баландтар сохтани диж ва иҳота кардани он бо девори алоҳидаи мудофиавӣ.

3. Иҳота намудани шаҳр бо девори ғафси яклухти баланд, ки одатан қисмати бунёди онҳо паҳн сохта мешуданд ва ба таври моил ба боло борик мешуданд.

4. Муҷаҳҳаз кардани девори ҳимоявӣ бо бурҷҳои росткунҷашакл ва мудаввар дар фосилаи наздик ва ё мутобиқ ба релефи замини ёдгорӣ.

5. Ғайр аз тиркашҳои одии росткунҷа ва тиркашҳои пайконмонанди ҳақиқӣ, истифода кардани тиркашҳои дуруғин барои фиреб.

6. Тавассути сангу хишт мустаҳкам намудани теппа ва баландие, ки дар он ёдгорӣ сохта мешавад.

Адабиёт

1. Давидович, Е. А. О работах Гиссарского отряда в 1955 г // АРТ/ Е. А. Давидович. – Сталинобод: Наук, 1955. – 128 с.

2. Довудӣ, Д. Шаҳраки кушонии Сайёд / Д. Довудӣ. А. Шарифзода. – Душанбе: Эр-граф, 2017.– 113 с.

3. Зеймал, Т. И. Античное поселение в урочище Халкаджар // АРТ/ Т. И. Зеймал. – Сталинобод: Наук, 1961. – 158 с.

4. Зеймаль, Е. В. Раскопки на Шахринауском городище // АРТ / Е. В. Зеймаль. – Душанбе: Дониш, 1976. – 354 с.

5. Зеймаль, Е. В. Работы Гиссарского отряда в 1978 г // АРТ / Е. В. Зеймаль. – Душанбе: Дониш, 1984. – 373 с.

6. Зеймаль, Е. В. Археологичесие работы в Шахринау // АРТ / Е. В. Зеймаль. – Душанбе: Дониш, 1986. – 470 с.

7. Зеймаль Е. В. Раскопки в окрестностях Шахринау // АРТ / Е. В. Зеймаль. – Душанбе: Дониш, 1983. – 318 с.

8. Зеймаль ,Е. В. Археологические работы в Гиссарской долине в 1980 г // АРТ / Е. В. Зеймаль. – Душанбе: Дониш, 1987. – 448 с.

9. Зелинский, А. Н. Древние крепости на Памире // Страны и народы востока: география, этнография, история / А. Н. Зелинский. – Москва: Наук, 1964. – 307 с.

10. Қурбонов, Ш. Ф. Памятники античного периода верховьем Зерафшана / Ш. Ф. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2014, – 207 с.

11. Литвинский, Б.А. Тепаи-шах: культура и связи кушанской Бактрии / Б.А. Литвинский, А.В. Седов. – Москва: Наук, 1983. – 244 с.

12. Пугаченкова, Г.А. Пути развития архитектуры южного Турксменистана поры рабвладения и феодализма / Г.А. Пугаченкова. – Москва: Наук, 1958. – 498 с.

13. Пугаченкова, Г.А. Парфиянские крепости южного Туркменистана // Вестник древний истории / Г.А. Пугаченкова. – Москва: Наук, 1950. – 327 с.

14. Седов, А. В. Работы на Халкаджаре в 1981 г // АРТ/ А. В.Седов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 417 с.

15. Толстов, С. П. По следам древне-хорезмийской цивилизации / С. П. Толстов. — Москва: Наук, 1948. – 225 с.

16. Хӯҷагелдиев, Т. Иншоотҳои истеҳкомӣ дар Тахти Сангин дар давраи Юнону Бохтар //Мероси ниёгон / Т. Хӯҷагелдиев. – Душанбе: Кайҳон, 2019. – 144 с.

17. Ghirshman, R. Begram Recherches a rch eologique eth istoriqu esur les Kouchans / R. Ghirshman. – Caire: Grousset, 1946. – 250 pp.

Саидзода Савриддин

ОБОРОНИТЕЛЬНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ КУШАНСКИХ ПАМЯТНИКОВ ТАДЖИКИСТАНА

На территории нынешнего Таджикистана обнаружено множество городов и поселков Кушанского периода, важнейшими из которых являются древние города Шахринав, Чимкурган, Халкаджар, Сайод, Теппай Шах и другие. В городах этого периода развивались ремесла и процветала торговля. В связи с этим архитекторы и градостроители уделяли особое внимание оборонительному строению городов, чтобы город было легче защитить в случае опасности.

Данная статья посвящена изучению и исследованию этой части градостроительства, то есть оборонительных элементов городов. За время существования Кушанской империи города имели разные размеры, а их площадь достигала 350 га. Несмотря на это, города для своей защиты были окружены со всех сторон мощной оборонительной стеной. Оборонительная стена была оборудована бойницами и башнями. Бойницы в те времена имели прямоугольные и стреловидные формы. Иногда в оборонительных стенах города строили ложные бойницы, чтобы обмануть противника. В этот период в городах в основном строились прямоугольные башни, но были некоторые города и поселения, где имелись круглые башни. Такие башни были обнаружены в основном в крепостях Бадахшана и памятнике Теппай-Шаху. Другим важным элементом, которому уделялось особое внимание, был выбор места для строительства городов. Обычно города строились на высоких и возвышенных местах, что затрудняло работу противника.

В кушанских городах царская резиденция всегда строилась на более высоком уровне, чем шахристан, которая была окружена оборонительной стеной. Строительным материалом служил в основном сырцовый кирпич размером 38х38х12, редко применялась и пахси.

Ключевые слова: город, поселение, раскопки, башня, стреловидный, круглый, прямоугольный, памятник, археолог, кирпич, оборонительный, находки, открытие, кушанский, Чимкурган, Шахринав, Таджикистан.

Saidzoda Savriddin

DEFENSIVE ELEMENTS OF THE KUSHAN MONUMENTS OF TAJIKISTAN

On the territory of present-day Tajikistan, many cities and towns of the Kushan period have been discovered, the most important of which are the ancient cities of Shahrinav, Chimkurgan, Khalqajar, Sayod, Teppai Shah and others. In the cities of this period, crafts developed and trade flourished. In this regard, architects and city planners paid special attention to the defensive structure of cities, so that the city would be easier to defend in case of danger.

This article is devoted to the study and research of this part of urban development, that is, the defensive elements of cities. During the existence of the Kushan Empire, cities had different sizes, and their area reached 350 hectares. Despite this, the cities were completely surrounded by a powerful defensive wall for their protection. The defensive wall was equipped with loopholes and towers.

Loopholes in those days had rectangular and arrow-shaped shapes. Sometimes false loopholes were built in the defensive walls of the city to deceive the enemy. During this period, rectangular towers were mainly built in cities, but there were some cities and settlements where there were round towers. Such towers were discovered mainly in the fortresses of Badakhshan and the Teppai Shah monument. Another important element that received special attention was the choice of location for the construction of cities. Typically, cities were built on high and elevated places, which made it difficult for the enemy to operate.

In the Kushan cities, the royal residence was always built at a higher level than the shakhristan, which was surrounded by a defensive wall. The building material was mainly mud brick measuring 38x38x12; mud wall was also rarely used.

Keywords: city, settlement, excavations, tower, arrow-shaped, round, rectangular, monument, archaeologist, brick, defensive, finds, discovery, Kushan, Chimkurgan, Shahrinav, Tajikistan.

ТДУ: 39тоҷик+008+398+9тоҷик+8тоҷикф+393.94

Мадимарова Гулҳаё

ЧАНД СУХАН ПЕРОМУНИ ҶОЙГОҲИ МАДҲИЯ ВА ФАЛАКСАРОЙ ДАР БАДАХШОН

Мадҳия (маддо) ва фалак яке аз суннатҳои муҳими фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик, хосса бадахшониҳо буда, дар лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт, хусусан маросимҳои шодиву мотам сароида мешаванд. Ҳарчанд мадҳия як жанри маъмули адабӣ аст, аммо дар маросими сокинони Бадахшон мавқеъ ва манзалати хос дошта, ичрои он ҳамчун суннат қабул гардидааст. Ин суннат ҳадафи тарбияи ахлоқӣ дошта, аз насл ба насл интиқол меёбад. Он миёни мардуми Бадахшон бо истилоҳи маддо машҳур буда, асосан дар маросими кафну дафн барои тасаллои дили хонаводаи мусибатзада ва эҳсоси дилгармӣ ба зиндагии оянда, пойдории ҳаёти хонаводаҳо суруда мешавад. Мазмун ва муҳтавои матнҳои мадҳияҳо асосан ахлоқӣ-эътиқодӣ буда, дар онҳо ташвиқу тарғиби тавҳид, даъват ба инқилоби вуҷуди инсон, худшиносӣ, ибодат, иззат эҳтиром ва сулҳу салоҳ дар ботининсон талқин мешавад.

Фалак низ дар радифи мадҳия дар урфу русуми сокинони вилоят мавқеи худро аз даст надода, дар маросимҳои гуногун, хосатан маросими дафн сароида мешавад. Хусусияти хоссаи фалаки бадахшонӣ дар он аст, ки он, бештар вақт, бидуни истифодаи асбоби мусиқӣ, дар шакли ҳузнангез, ки ҳолати ботинии шахсро инъикос мекунад, сароида мешавад. Ин ду навъи санъати мусиқӣ на танҳо дар фарҳанг, балки дар бовару этиқоди мардуми Бадахшон ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунанд.

Калидвожаҳо :*мадҳия, фалак, Бадахшон, урфу одат, фарҳанг, мотам, маросим, мусиқӣ.*

Ҳар як халқи ҷаҳон дар давраҳои муайяни таърихӣ бо дастовардҳои фарҳангии хеш ба тамаддуни умумибашарӣ саҳм гузоштааст. Тоҷикон низ ҳамчун яке аз халқҳои куҳанбунёди Осиёи Марказӣ дар ин ҷода ҳиссаи арзанда ва мақоми хосса доранд. Дар замони имрӯз ифтихор аз миллати

хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, ҳифз ва дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани онҳо аз масъалаҳои муҳими фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Ёдгориҳои фарҳангӣ дастовардҳои беназири моддӣ ва равшангари чеҳраи миллатанд. Миллати мутамаддин ҳамеша аз осори пурарзиши аҷдодии худ ифтихор ва ҷиҳати бузургдошти он саъй мекунад.

Фарҳанги мардуми кӯҳистони Бадахшон, ки бахши хосса ва ҷудонопазири мероси фарҳанги халқи тоҷик мебошад, дар решаву андешаи сокинони ин сарзамини баландкӯҳ, ки аксар андар масири таърих дар бунбаст қарор дошта, дар ин замина камтар осеб дидаанд, асрҳо боз ҷой дорад. Дар санъати бадахшӣ ҷаҳонбинӣ, муносибати хосса ба табиат, инсондӯстӣ ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ бозтоб ёфта, дар шаклҳои гуногун то ба имрӯз расидаанд. Бинобар ин, омӯзишу ҳифзи ин мерос барои имрӯзиён натанҳо заруру ҳатмист, балки гуворо ва дастрастар низ мебошад. Яке аз бахшҳои ҷудонашавандаи ҳаёти мардум санъати мусиқӣ аст, ки робитаи хоси мардуми ин ё он минтақаи икишварро ба он дар шаклҳои гуногун муайян мекунад. Мусиқии қадимии мардуми Бадахшон таваҷҷуҳи натанҳо санъатшиносону бастакорон, балки коргардонҳову филмноманависони маҳалливу хориҷиро ҷалб кардааст. Намунаҳое аз мусиқӣ ва таронаҳоро, ки вазъу ҳол ва таъриху сарнавишти мардуми кӯҳистонро дар тӯли таърих бозгӯй мекунад, мешавад дар намоишномаҳои театрӣ ва филмҳои мустанаду ҳунарии истеҳсоли филмбардорони дохиливу хориҷӣ вохӯрд. Оҳанги мусиқиҳои ин диёр тамоман сабки махсуси худро дорад. Дар кӯҳистони Бадахшон то инқилоб ду намуди оҳанг бештар машҳур будааст. Инҳо мадҳия, ки бо рубоб навохта мешуд ва лапару фалак, ки дар маросими тӯйҳо навохта ва хонда мешуданд. Мадҳиясароӣ аз зумраи суннатҳои миллии маънавӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мешавад, ки дар миёни мардуми Бадахшон бештар паҳн гардидааст. «Мадҳия таронаҳои динӣ ва дидактикӣ, ки аз ҷониби сароянда «маддохон» дар ҷашни динӣ, пеш аз аз хона берун кардани ҷасад ва ҳангоми ракси маросимӣ, инчунин дар се рӯзи аввали баъди марги шахс дар хонааш иҷро карда мешавад. Дар Помир маддохонӣ дар идҳои динӣ, инчунин баъди марги марҳум бо асбобҳои мусиқӣ суруд мехонанд» [4, с. 56].

Сокинони Бадахшон муҳофизи бисёре аз суннатҳои қадимаи миллати тоҷик мебошанд. Аз ҷумла мадҳиясароӣ, яке аз он суннатҳои қадима буда, мисли «Фалак», «Шашмақом», «Гурғлӯ» ва амсоли инҳо дар тарбияи мардум нақши фаъол доштааст. Чунончи муҳаққиқ Тавакалов навиштааст: «Ин расми қадим як рукни устувор ва пояи мустаҳками бинои маърифатӣ ва этикии ҷомеа буд ва имрӯз ҳам аст ва фардо ҳам дар ҳамин нақш баромад хоҳад кард. Чаро ки мардум ба суннатҳое, ки дорои арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ ҳастанд, дар тӯли рӯзгорашон эҳтиёҷманд буданд ва имрӯз ҳам онҳоро гиромӣ медоранд» [9, с. 31]. Мадҳия, ки асари силсилавӣ ва яке аз ановини бузург дар шакли созию овозӣ дар байни тоҷикони Бадахшон густариш ёфтааст, аз падидаи нодир дар мусиқии суннатии қадими ин мардум маҳсуб меёбад. То имрӯз дар баробари фалаку лолойик, даргилику булбулик, то андозае дафсоз ва дигар навъҳои овозхонӣ, мадҳия мавқеъашро дар ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии мардум нигоҳ доштааст.

Мадҳия тибқи гӯйиши сокинони Шуғнон ва Рӯшон дар шакли мадо ё маддо (аз калимаи арабии маддоҳ, яъне мадҳкунанда) истифода мешавад. Ин вожа дар маҳаллҳои дигари тоҷикнишин ва дар миёни форсизабонон дар нисбати гӯяндаҳо - мадҳкунанда, ки онҳоро маддоҳон низ мегӯянд, истифода мешавад. Ҳунармандони мадҳиясаро аз ду сози мусиқӣ, рубоби баландмақоми бадахшӣ ва даф истифода мекунанд. Мадосаро ҳанӯз дар давраи қабл аз ислом, яъне дар давраи ойини зартуштӣ дар қаламрави ин кишвар вуҷуд доштааст. Дар бархе аз манотиқи Бадахшон мадосарӣ бо рақс, ки онро «пойамал ва ё пойиалаъм меноманд, ҳамроҳ будааст» [10, с. 39]. Низом Нурҷонов, донишманди саршиноси ҳунари театрии тоҷик аз соли 1959 ба таҳқиқоти мусиқии мардумони кӯҳистони Бадахшон оғоз карда пажуҳишеро дар мавриди маддо дар китоби Мусиқии мардуми Помир нашр намудааст. Ба бовари мардуми ин минтақа маддо (мадҳия) ин қадами инсон барои пайдо кардани ҳувияти шахс аст, яъне ҳам хурсандӣ ва ҳам фоҷеа дар зиндагӣ бо мусиқӣ тавъам мебошад. Ҳунари мадҳиясаро таърихи садсолаҳо ва ҳатто ҳазорсолаҳо дорад. Ҳар яке аз навоҳии Бадахшон, мадҳиясароён ва маддогӯёни вежа дорад. Ва маҳбубияти мардум ба маддосаро буд, ки «дар ҳафтод соли султаи Шуравӣ маддосароён, ки ин ҳунар бештар анъанаи хонаводагӣ буд, тавонистанд онро аз сина ба сина то ба замони мо ҳифз кунанд» [6, с. 53].

Бори аввал оламиёнро бо «маддо» донишманди рус Михаил Андреев ошно кард. Ӯ соли 1934 барои пажуҳиши забону расму ойин ва анъанаҳои мардумӣ ба водии Хуфу дигар манотиқи канори рӯдхонаи Панҷ сафар мекунад ва таҳқиқоти комиле, аз ҷумла, дар бораи оини Чароғравшан нашр менамояд. Ӯ дар бораи мадҳиясаро ва аз сари шом то субҳидам сурудани байт ё қасоидро бо рубоби шаштора ҳам зикр менамояд. Чанд даҳсола пас аз ӯ Ҳайдармуҳаммад Таваккалов, олими фолклоршинос, пиёдаву савора то ба мавзеъҳои дурдасти Бадахшон рафта, бо овозхон ҳамсуҳбат шуда, аз онҳо дар бораи анъанаи мадҳиясарой, қоидаву одоб, тарзу усули сурудани он мавод ва ҳамчунин 1800 матни мадҳияро ҷамъ овард. Ҳайдармаҳмад Таваккалов, зимни таҳқиқи мадҳия дар Бадахшон аз он чун ҳунари волои мардумони кӯҳистон ёдовар шудааст. Аз ҷумла ӯ навиштааст: «Мадҳия, ки асари силсилавӣ ва яке аз ановини бузург дар шакли созию овозӣ дар байни тоҷикони Бадахшон густариш ёфтааст, аз падидаи нодир дар мусиқии суннатии қадими ин мардум маҳсуб меёбад» [9, с. 18].

Мадҳиясароён мегӯянд, ки шеваи иҷрои мадҳия аз даврони пеш омада ва мадҳиясароён ҳаққи навовариҳо дар иҷрои онро надоштаанд. Замонҳои пеш маддоҳон гӯяндаҳои касбие буданд, ки ба таври маъмул, дар чойҳои серодами шаҳр дар назди ҳавзҳо, майдонҳои махсус бо ҳаракати дасту имову ишораи руй, бо нутқи фасеҳу бурро бештар ривоятҳоро аз ҳаёти анбиёву авлиё ва воқеаву ҳодисаҳои мазҳабӣ ва иҷтимоии давр қироат мекарданд. Дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд онҳо дар маҳаллаҳои махсус ё дар Гузари маддоҳон ба сар мебурданд. Маддоҳӣ натанҳо дар Осиёи Миёна, балки дар Озарбойҷон, Туркия ва баъзе кишварҳои араб низ касби бонуфуз маҳсуб мешуд.

Бояд гуфт, ки маддо (мадҳия) яке аз анвои фарҳанги мусиқии мардуми Бадахшон аст ва ҳар куҷое, ки иҷро шавад, дар дили онҳо ҷо хоҳад шуд. Ин навъи сароиш дар кӯҳистони Бадахшон бо вуҷуди таъқибу фишори зиёди

замони шуравӣ то имрӯз ҳифз шудааст. Дар ҷараёни сароидани мадҳия бештар аз ғазалиёти суфиёнаи бузургони адабиёти тоҷику форс, аз ҷумла Ҳофизи Шерозӣ, Шамси Табрезӣ ва Мавлонои Рум истифода мекунанд. Ба эҳтимоли зиёд, матнҳои мадҳия боиси манъ карда шудани сурудани он дар даврони шуравӣ гардид.

Маъмулан мадҳияро дар манозили маскунии сокинони ВМКБ дар маросими вижа, аз ҷумла, иди Рамазон, иди Қурбон ва дигар маросимҳои диниву мазҳабӣ иҷро мекарданд. Пештар мадҳиясароӣ дар хонае, ки нафари фавтида, ба муддати 3 рӯз, яъне то баргузор шудани маросими Чароғравшан мадосароён ҷамъ шуда, то субҳ мадосароӣ мекарданд ва ба ин восита мехостанд, аламро аз дили наздикону хешовандон дур созанд. Маросими Чароғравшан дар севумин рӯзи фавти одамон иҷро мешавад ва мадҳиясароӣ яке аз шеваҳои аслии ин маросим аст. Мадҳиясароӣ, аслан, дар шабҳои ҷумъа, истиқболу таҷлили ягон маъракаи муҳими ахлоқӣ–эътиқодӣ, маҳфилҳои ифтитоҳи ҷойҳои муқаддас, ба ҷо овардани ёдбуди гузаштагон ва дигар идҳои динию миллӣ расм аст. Махсусан, ин суннати қадимии мардумӣ ба маросими мотами аҳли исмоилияи Бадахшон иртиботи қавӣ пайдо намуда, «сароидани он дар хонаи азодор аз ибтидои фавти шахс то шаби сеюм (алҳол шаби дуюм) то ба ҷо овардани оини махсус бо истилоҳи «sirowpathed» - «чароғравшанкунӣ» субҳи шабе, ки гӯё руҳи марҳум аз хона берун шуда ба малакут мепайвандад, идома меёбад» [4, с. 32].

Дар бархе аз манотиқи Бадахшон мадосароӣ бо рақс иҷро мешавад. Рақсу пойкӯбӣ дар маросими ҷаноза ва садои рубобу даф дар хонаи азодорон иҷро карда мешавад. Барои баъзеҳо ҳатто тассавури ин ҳолат мушкил аст, ки мардуми Бадахшон қарнҳо боз маитро бо рақси «самоъ» ё пойамал» ва «маддо»-хонӣ ба хонаи охираташ гусел мекунанд. Пажуҳишгарони равияи исмоилия ҳадс мезананд, ки ин анъана аз айёми оташпарастӣ ба мерос мондаанд. Тӯли қарнҳо урфу одат ва анъанаҳои бостонии мардуми бумӣ бо анъанаҳои исломӣ сахт омехта шудаанд. Коршиносе мегӯяд «самоъ» ва «маддо» фалсафаи худро доранд ва видоъ бо шахси фавтидаанд. «Самоъ» рақсест, ки онро дар маросими дафн фақат мардҳо, асосан пайвандони шахси фавтида, иҷро мекунанд. Онҳо сабук пой мекӯбанд, дастҳоро аз китф боло намебардоранд ва гоҳ-гоҳ қарс мезананд, қарси «Вовайло!» [4, с. 42]. Ба гуфтаи яке аз сокинони Бартанг, ки рақси саморо иҷро мекунад: «ҳар як ҳаракат дар «самоъ» маънову ҳикмат дорад ва он намоиши парвози руҳба асли худ аст. Чуноне ки Мавлоно низ гуфтааст «Мурғи боғи малакутам, наям аз олами хок, чанд рӯзе қафасе сохтаанд аз баданам». Ба таъбири Таваккалов «Маддосароӣ дар бархе аз манотиқи Бадахшони Афғонистон низ ҷойгоҳи хос дорад.Маддосароёни Бадахшони Афғонистон низ бо чунин шева маддо месароянд. Маддосароӣ дар он сӯйи сарҳади Афғонистон, яъне дар Пешовар ва дар шимоли Ҳинд низ маъмул аст. Фақат сабкҳои маддосароӣ бо ҳам тафовут дорад. Вале маддосароии мардумони кӯҳистони Бадахшон танҳо дар Тоҷикистон ва Афғонистон машҳур аст» [11, с. 35].

Фарҳангшиносон мегӯянд, ки ҳунари мадҳиясароӣ дар Бадахшон ниёз ба таҳқиқоти илмии бештаре дорад. Нашри се ҷилд китоби «Мусиқии суннатии Помир», ки бахше аз он ба мадҳия ихтисос ёфтааст, то андозае ба паҳлуҳои таҳқиқнашудаи ин ҳунари мардумӣ рӯшанӣ меандозад.Файзулло

Кароматов бо мусиқишиноси маъруфи тоҷик Низом Нурҷонов аз соли 1959 то 1983 тамоми Бадахшони Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, садҳо намунаи овозӣ, асбобӣ ва эҷоди театрии халқиро сабт намудаанд. Натиҷаи тадқиқоти онҳо панҷ китоб бо номи «Санъати мусиқии Помир» гардид. Соли 2015 се китоби охирини «Санъати мусиқии Помир» нашр шуд. Нашри панҷҷилда натиҷаи меҳнати тӯлонӣ ва заҳматталаби 40 соли охир ба ҳисоб меравад. Ба гурӯҳи этнографӣ тибқи навиштаи Н. Нурҷонов лозим омад, ки аз тамоми минтақа дидан бикунанд ва то деҳаи аз ҳама дри кӯҳистон бирасанд. Дар китоби аввалин «Мероси мусиқии тоҷикони назди Помир» ғайр аз маълумоти умумӣ дар бораи минтақа, дар бораи зиндагии вазнини халқи он, анъанаҳои мусиқии қадимаи ҳифзшуда ва то замони мо расида, асбобҳои мусиқии хоссаи ин мардум маълумоти ҷолиб дода шудааст. Ин кутуб баъд аз таҳқиқоти тӯлонии фарҳанг ва ҳунари мардумии сокинони вилояти Бадахшон таълиф шудааст.

Ҳайдармуҳаммад Таваккалов бар он назар аст, ки: «Ҳар яке аз навоҳии Бадахшон, мадҳиясароён ва маддогӯии вежаеро доро ҳастанд. Ва маҳбубияти мардум ба маддосарой буд, ки дар ҳафтод соли султаи шуравӣ маддосароён, ки ин ҳунар бештар анъанаи хонаводагӣ буд, тавонистанд онро аз сина ба сина то ба замони мо ҳифз кунанд. Дар даврони шуравӣ бо вуҷуди он ки маддо яке аз унсурҳои мазҳабӣ шуморида шуда ва маддосароён шадидан таъқиб мешуданд, бисёре аз онҳо бо вуҷуди таҳдид ба озодии онҳо ба манозили сокинон мерафтанд ва маддосарой мекарданд» [10, с. 13].

Аммо мадҳиясарой дар ҳар минтақаи Бадахшон, аз ҷумла, дар Рӯшон ва Шуғнон ба шеваи вижа аст. Мадҳияҳое, ки ҳангоми мотам ё ҳангоми сури арӯсӣ суруда мешаванд, бо тарзи навохти рубоб ва лаҳни сурудан фарқ мекунанд. Мадҳиясароён бештар дар хондани мадҳия аз ғазалиёти суфиёнаи бузургони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла Мавлонои Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Шамси Табрезӣ, Носири Хисрав ва шоирони бадахшӣ Шоҳфутур ва Шоҳзиё истифода мекунанд. «Мадҳиясарой (маддохон-*мадолувоч*) нафақат хондану навохтан, балки он суннате аст, ки аз як ҷихат, агар бо ашъори ахлоқии худ ашхоси аламзадаро тасалло бахшад, аз ҷихати дигар, дилгармии онҳоро нисбат ба зиндагӣ афзоиш медиҳад. Мадҳиясарой, на фақат авлод, ҷомеа, балки инсонҳоро новобаста аз нажод ва эътиқод низ ба ҳам наздик мекунад. Дар вуҷуди онҳо ба ивази мағрурӣ, сабру таҳаммулро нисбати хамдигар фароҳам месозад» [10, с. 31]. Бино ба андешаи фолклоршинос Нисор Шакармамадов «Маддо дар қаламрави Бадахшон ҳанӯз замони ойини зардуштӣ арзи вуҷуд карда буд ва ҳатто замони шуравӣ, бо вуҷуди таъқибу фишори зиёд, миёни мардум маҳбуб боқӣ монд» [13, с. 39]. Дар ҳоле ки дар аксари кишварҳои исломӣ таронахонӣ дар моҳи Рамазон манъ ва ҷоиз шумурда намешавад, дар Бадахшон ҳар шом аз манзиле дар давоми ин моҳ садои рабобу даф ва маддосарой ба гӯш мерасад. Мадҳия (маддо), ки як ҷузъи хоси он мадҳу ситоиши Худованд ва Паёмбару хонаводаи ӯ ба гунае ибодат ва зикр аст, табиист, ки дар моҳи шарифи Рамазон дар Бадахшон дар маҳфилҳои маърифатӣ роиҷ аст. Дар маҳфилҳо нафаре ҳатман таронаро шарҳу тавзеҳ мекунад, ки ин ё байт аз кадом сураи Қуръон ё Ҳадиси Паёмбар маншаъ мегирад. Дар манотиқи Рӯшону Бартанг ҷанозаро бо лаҳну наво ба макони охират мебаранд. Тафовут дар интихоби мавзуъ ва зарбҳо низ мавҷуд аст ва тарзи шуруи

«маддо» низ аз ҳам тафовут дорад. Дар ноҳияи Дарвоз мадҳиясароӣ ҳам миёни аҳли тасаннун ва ҳам миёни пайравони исмоилия роиҷ аст. Исмоилиҳои Дарвоз маддоро ба унвони яке аз мақомҳояш «ҳайдарӣ» ҳам меноманд.

Ба гуфтаи муҳаққиқон, фалсафаи «маддо» ҳаёту мамот аст ва он дар маҳфилҳои марбут ба фалсафаи ҳастии инсон ва фалсафаи мавҷуде ба сифати Холиқ садо медиҳад, маҳфилҳое, ки онро метавон маҳфили ҷустуҷӯи инсон аз Парвардигори худ номид.«Маддо аз панҷбахш - Муноҷот ё Зеру банд, Ҳайдарӣ, Раҳпо, Фалак ва Ситоиш иборат аст» [3, с. 58].

Мадҳиясароӣ дар қабилаи чиштияи Афғонистон ба истилоҳи Кабала, яъне қиссахон, дар Туркия бо мафҳуми “самоъ” ва дар байни исмоилиёни Африко, Канада ва қисмати шимолии Покистон бо истилоҳи “гинон” маъмул аст. Онҳо аз ҷиҳати матн ва мазмун ба матни мадҳияе, ки дар Бадахшон сароида мешаванд, то андозае шабоҳат доранд. Дар Рашту Хатлон мадҳия ё ба истилохи маҳаллӣ наът бо оҳанги махсус ва забони содаю равон, одатан дар ёдбуди ягон шахси бузург ё имомону шайхҳои шахид ва ё дар маросими тӯй суруда мешавад. Аммо дар манотиқи ҷануби Тоҷикистон бо фарқ аз Бадахшон, сарояндаҳое, ки фақат мадҳия бихонанд, тақрибан нестанд. Ба андешаи муҳаққиқони соҳа миёни мардуми манотиқи ҷануб қиссаҳо дар бораи Паёмбар ва ҳамчунин қиссаи «Султон Ҷамҷама» бисёр маъруф аст, ки онро баъзеҳо «каллаи пӯсида» ҳам меноманд.

Ҷомеашиносон иқрор мекунанд, ки ҳоло теъдоди хоҳишмандони шунидани наъту қисса камтар шудааст. Дар баъзе тӯйхонаҳо овозхонҳоеро даъват мекунанд, ки барои гурӯҳе аз меҳмонон наът мехонанд ва бисёр мебинем, ки солҳои ахир миёни сомеъон ҷавонон кам ҳастанд. Бояд гуфт, ки мадҳия суннати мардумӣ аст ва тоҷикони Бадахшон тавонистанд онро аз сина ба сина бо истифода аз хотирот то ба наслҳои баъдӣ, яъне имрӯзӣ, бирасонанд.

Дар радифи «Мадҳиясароӣ» (Маддо) «Фалак» низ дар фарҳанги мардуми Бадахшон ҷойгоҳи хос дорад. Бояд таъкид кард, ки дар даврахои мухталиф суннатҳо ҳатман коҳиш меёбанд, дар тӯли асрҳо ва аз наслҳо ба наслҳо ба тағйирот дучор мешаванд. Бо мурури замон чизе аз онҳо коста мешавад, чизи дигаре зам мегардад ва ё дар онҳо шаклу мазмун табдил мешаванд. Ба андешаи коршиносони соҳа«минтақаи Бадахшон ва Кӯлоби ҷумҳуриро метавон ватани Фалак номид. Дар ин минтақаҳо ду анъанаи аслии Фалак ташаккул ёфтааст: Фалаки кӯлобӣ ва Фалаки помирӣ. Аммо аз рӯи услуби сарояндагиву навозандагӣ, созҳои мусиқӣ ва доираи жанрӣ аз ҳам тафовут доранд» [6, с. 76]. Сози системавӣ – бунёдии Фалак дар Бадахшон рубоби помирӣ асту сози зарбии он даф. Доираи жанрӣ дар Бадахшон аз Фалак, Фалак-муноҷот, Фалак-фарёд, Бепарвофалак, Фалак-рапо, Фалак-мадҳия ва ғайра аст. Дар баъзе деҳаҳои дурдаст Фалаки маросими мотам ҳанӯз ҷой дорад. Дар Бадахшон ғазалхонӣ бештар хоси Фалак-мадҳия аст. Онро мардуми Бадахшон бо маҳбубияти хосса дар шакли пурра ва ё дуқисмаву сеқисма низ месароянд.

Дар Бадахшон фалакро ҳам зан ва ҳам мард месарояд. Одатан дар баъзе навоҳии ин вилоят Фалак дар маросими дафн иҷро карда мешавад. Масалан, дар водии Бартанги ноҳияи Рӯшон ҳангоми аз хона берун бароварданi маит ва то ба лаҳад расондани он Фалак, бе истифодаи ягон асбоби мусиқӣ, сароида мешаванд. Дар байни сокинон истилоҳе ба

монанди«*фалак ата зам*» (фалакатро бихонам) ба маънои дуои бад низ меояд. Занҳо бошад Фалакро як рӯз пас аз гурондани маит, яъне дар рӯзи «Чароғравшан» дар сари қабри марҳум бо садои ғамангезу ҳазин мехонанд. Матнҳои фалаки маросими дафн, одатан «Ҷудоӣ», «Тарк кардан», «Танҳо мондан», «Бевафоӣ», «Дилшикастагӣ» ва амсоли инҳоро, ки ба забони маҳаллӣ ичро мегарданд, инъикос мекунад. Машҳуртарин бонуи фалаксарои маҳалии Бадахшон Моҷон Назардодова буд, ки бо овози хоси худ дар байни сокинон маҳбубият дошт. Ҳамчунин жанри «даргилик», ки ифодакунандаи пазмонӣ ва фирокро дорад, низ яке аз қисматҳои фалаки Бадахшонӣ ё худ Помирӣ маҳсуб мешавад. Замзамаи «даргилик» бештар вақт аз тарафи занҳои солхӯрда ва шахсоне, ки наздиконашон аз онҳо дур ҳастанд, сароида мешавад. Ба монанди:

Даргил путсик тутик кандер,
Наник би та қинат бимор

(Пазмонам, бачам дар куҷоӣ,
Модарат бе ту дар азобу бемор.)

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки фалаксароӣ маҳсули эҷодиёти мардум ба шумор рафта, дар намунаҳои зиёд воқеияти зиндагии халкро ифода намудааст. Дар олами мусиқии суннатӣ, яъне анъанавӣ, ки аз қадим дар байни мардум маъмул гардидааст, фалаксароӣ ҳамчун намуди волои ҳунари ҳирфаӣ дар байни мардуми ВМКБ тарғиб карда мешуд. Фалак жанри озод буда, ҳамеша дар ташаккулу такомул ва таҳаввулу инкишоф аст. Яке аз хусусиятҳои хоси фалак бадоҳатан ичро кардани он аст, ки аз шахси фалаксаро оқиливу зиракӣ, сухандонӣ, маҳорати баланди сарояндагӣ тақозо менамояд.

Адабиёт

1. Бабаева, Н. С. Древние верования горных таджиков Южного Таджикистана в похоронно-поминальной обрядности (конец XIX - начало XX вв.). – Душанбе, 1993. – 156 с.

2. Додхудоева, Л.Н. Свадебные обряды исмаилитов Памира // Проблемы истории, культуры, филологии стран Азии / Л.Н.Додхудоева. – Вып. 1. – Душанбе, 1973. – С. 31-39.

3. Дастамбуев, Н. Фалсафаи ичтимоии исмоилияи муосир: Масоили марбута ва ҳалли онҳо / Н. Дастамбуев. – Душанбе: Душанбе-Принт 2020. – 123 с.

4. Лашкариев, А. Похоронно-поминальная обрядность бартангцев : конец XIX-XX вв. / А.Лашкариев. – Москва, 2007. – 195 с.

5. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / Мураттиб: Д. Раҳимов; муҳаррир Ш.Комилзода. – Душанбе: Эр-Граф, 2017. – 280 с.

6. Нурҷонов, Н. Санъати мусиқии Помир / Н. Нурҷонов, Б. Қобилова (Иборат аз 3 ҷилд). Ҷ.1. – Бишкек, 2011.– 496

7. Саркоров, С. Этнолингвистическая характеристика рушанцев: по материалам архива И.И. Зарубина/ С. Саркоров. – Санкт-Петербург, 2006. – 156 с.

8. Стеблин-Каменский, И. М. Фольклор Вахана / И. М. Стеблин-Каменский // Фольклор и этнография. – Л., 1970. – С. 212-219.
9. Таваккалов Ҳ. Чандмулоҳиза перомуни мадҳия / Ҳ. Таваккалов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши 2 (илмҳои гуманитарӣ). – 1999. – №1.–С. 72-77.
10. Таваккалов, Ҳ. Анъанаи мадҳиясароӣ дар Бадахшон/Ҳ. Таваккалов. –. Душанбе: Аржанг, 2013. – 261 с
11. Таваккалов, Ҳ. Оид ба як истеъдоди мардумӣ // Вестник Хорогского университета. Серия 2 (гуманитарные науки). - 2000, № 2. - С. 44-48
12. Шакармамадов Н., Даргилик – жанри махсуси фолклор / Н. Шакармамадов.– Душанбе: Дониш, 1992. – 212 с.
13. Шакармамадов, Н. Назми халкии Бадахшон (Народная поэзия Бадахшана) /Н.Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 126 с.

Мадимарова Гулхаё

НЕСКОЛЬКО СЛОВ О МЕСТЕ МАДХИЯ (ХВАЛЕБНОГО ПЕСНОПЕНИЯ) И ФАЛАК В БАДАХШАНЕ

Мадхия (хвалебное песнопение) и фалак – одни из важных музыкальных традиций культуры таджикского народа, особенно в ВМКБ. Несмотря на то, что Мадхия является популярным литературным жанром, в обряде жителей Бадахшана он имеет иную позицию и предназначение, и в соответствии с этой целью его исполнение принимается как традиция. Реализация этой традиции передается из поколения в поколение, и ее основная цель – воспитание общества в рамках этики. Эта традиция известна у жителей Бадахшана под термином мадда, и ее в основном поют на церемонии погребения в связи с горем скорбящей семьи, чтобы приободрить и пробудить энтузиазм в отношении дальнейшей жизни, поддержать семью усопшего и утешить их сердца.

Содержание текстов гимнов в основном нравственно-религиозное, а их задача – пропагандировать единобожие, призывать к самопознанию, поклонению и проявлять честь, уважение и мир, праведность во внутреннем состоянии человека.

Фалак тоже не утратил своего места в традициях жителей региона и до сих пор широко используется в различных обрядах, особенно на похоронах. Особенностью бадахшанского фалака является то, что его часто поют без использования какого-либо музыкального инструмента, чистым голосом в душевной форме, отражающей внутреннее состояние человека. Эти два вида музыкального искусства занимают видное место не только в культуре, но и в верованиях жителей Бадахшана.

Ключевые слова: Мадхия, фалак, Бадахшан, обычай, верование, культура, траур, обряд, музыка, хвалебное песнопение.

Madimarova Gulhayo

A FEW WORDS ABOUT THE PLACE OF MADHIA (EULOGISTIC SONGS) AND FALAK IN BADAKHSHAN

Madhiya (maddā) and *Falak* are the important musical traditions of the culture of the Tajik people, especially in mountainous Badakhshan. Although *madhya* is a popular literary genre, it has a different position and purpose in the rite of the people of Badakhshan, and in accordance with this purpose its performance is accepted as a tradition. The implementation of this tradition is transfer from one generation to other, and its main goal is to educate society within the framework of ethics. This tradition knowns by the people of Badakhshan as maddā and is mainly sung at the funeral ceremony for the grief of the grieving family to encourage and create enthusiasm for the future life, keep the family alive and comfort their hearts.

The content of the texts of the hymns are mainly moral and religious, and their task is to propagate monotheism, call for a revolution in human life, self-knowledge, and worship and to demonstrate honor, respect, peace, and righteousness in the inner man.

Falak also has not lost its place in the traditions of the region's inhabitants and is still widely used in various rituals, especially at funerals. The peculiarity of Badakhshan Falak is that it is often sung without the use of any musical instrument, in a clear voice in a spiritual form, reflecting the inner state of a person. These two types of musical art occupy a prominent place not only in the culture, but also in the beliefs of the inhabitants of Badakhshan.

Keywords: madhiya, maddā, falak, Badakhshan, belief, culture, mourning, ritual, music, dance, eulogistic songs.

ТДУ: 002.5+022.9+026/027+020+011/016+024+004
Комилзода Шариф

ХУДКОРСОЗИИ (АВТОМАТОНИИ) РАВАНДҲОИ КИТОБДОРӢ - БИБЛИОГРАФӢ

Дар мақола масъалаҳои марбут ба худкорсозии равандҳои китобдорӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бахусус, таҷрибаи Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти худкорсозии равандҳои китобдорӣ-библиографӣ таҳлил шудааст. Қайд мегардад, ки, таъмини саривақтии китобхонаҳо бо технологияи муосир ва истифодаи мақсадноки он аз ҷониби мутахассисони баландихтисос ва донандаи нозукиҳои кор бо ин технология барои худкорсозии равандҳои китобдорӣ-библиографӣ шароит муҳайё сохта, имкон медиҳад, ки сатҳи сифати хизматрасонӣ беҳтару вақти корӣ сарфа шавад, маҳсулнокӣ ва самаранокии меҳнати китобдорон тадриҷан баланд гардад. Ба андешаи мо худкорсозӣ ин раванди доимӣ буда, тақозо мекунад, ки масъулин пайваста ҷиҳати саривақт иваз намудани технологияи корношоям бо технологияи наву замонавӣ тадбирҳо андешанд.

Аз таҳқиқ муайян гардид, ки дар китобхонаҳои бо технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва мутахассис (китобдор)-технологҳои касбӣ таъминбуда, бештари амалиётҳо, аз қабили раванди бақайдгирии хонандагон ва ба низом даровардани дархости онҳо, ҷараёни китобдиҳӣ ва назорати саривақт баргардонидани китобҳо, баҳисобгирӣ ва коркарди нашрияҳои воридотӣ, такмили фондҳои китобхона, феҳристнигории электронӣ, рақамигардонӣ, сканеркунонӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, таваққуфгоҳи кории китобдор, толори хониши маҷозӣ, таҳвили ҳуҷҷатҳои электронӣ, дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ, хизматрасонӣ тавассути низоми АБК, раванди қонеънамоии ниёзҳои иттилоотии хонандагони маҷозӣ ва ҳамзамон хонандагони муқимии китобхона, худкор карда шудаанд.

Калидвожаҳо: *китобдор, китобхона, китобхонаи миллӣ, китобхонаи электронӣ, худкорсозӣ, равандҳои китобдорӣ-библиографӣ, технологияи иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, сомона, ҳуҷҷатҳои электронӣ.*

Дар шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ қонеъ намудани талаботи саривақтии истифодабарандагон ба иттилооти дархостшаванда ва таъмини дастрасии озод ва ройгони онҳо ба фондҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо яке аз вазифаҳои асосии китобхонаҳо маҳсуб меёбад. Табиист, ки иҷрои ин вазифаи муҳим бе ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) дар фаъолияти китобхонаҳо имконнопазир аст. ТИК ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи иттилоотӣ ба тамоми самтҳои асосии фаъолияти китобхона таъсир расонида, сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-библиографиро беҳтар мекунад ва дастрасиро ба иттилоот ва захираҳои фаровони ҳуҷҷатҳо таъмин менамояд. Ҳамзамон, ТИК барои бунёди захираҳои гуногуни ҳуҷҷатҳо ва таъмини дастрасӣ ба онҳо, қабулу интиқоли иттилоот воситаҳои гуногуни

иртиботро, аз қабили почтаи электронӣ, мессенҷерҳои фаврӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва видеоконференсияҳоро фароҳам меорад. Масалан, дар радифи китобхонаҳои анъанавӣ пайдо шудану ба фаъолият шуруъ кардани китобхонаҳои электронӣ ҳамчун падидаи нав дар фазои иҷтимоии ҷомеа барои ҷорӣ намудани тарзу усулҳои муассири хизматрасонии китобдорӣ шароит муҳайё сохт. Аз ҷумла: низоми ҷамъоварӣ, коркард, гурӯҳбандӣ, нигоҳдорӣ ва тарғиби электронии иттилоот тавассути китобхонаҳои электронӣ имкон дод, ки ниёзҳои иттилоотии истифодабарандагон дар вақту замони дилхоҳ қонеъ гардад; пажӯҳишу дарёфти китобҳои электронӣ вақти тӯлониро талаб накарда, дархости хонанда ба ин навъи китобҳо сари вақт иҷро шавад; ҳамзамон, китобҳои электрониро хонанда метавонад новобаста аз макони нигоҳдорӣ ва замони истифода бе ягон маъмонияти дастрас ва мутолиа намояд. Илова бар ин, бартарии дигари китобхонаҳои электронӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки ғунҷоиши захираи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар навъҳои гуногуни ҳомилҳои электронӣ истифодаи мафҳузгоҳҳои китобиро аз байн мебарад [4].

Чунонки омӯзиш нишон дод, технологияҳои иттилоотӣ бо технологияҳои телекоммуникатсионӣ (технологияҳои коммуникатсионии компютерӣ) дар як радиф қарор доранд ва онҳоро аз ҳам ҷудо кардан ғайриимкон аст. Зеро раванди муошират на танҳо бо интиқоли маълумот дар шабакаи компютерӣ, балки бо эҷод ва истифодаи объектҳои иттилоотӣ (рамзгузорӣ, рамзкушоӣ, коркарди иттилоот) иртиботи қавӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳамчун муродифи истилоҳи «технологияи иттилоотии компютерӣ» истифодаи истилоҳи «технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» мувофиқи мақсад буда, ҳамзамон фарогирии технологияҳои телекоммуникатсиониро таъкид мекунад. Дар робита ба ин, мафҳумҳои зиёде, ки дар адабиёт марбут ба истилоҳи «технологияи иттилоотӣ» ифода ёфтаанд, мавриди таҳлил қарор гирифт ва муайян гардид, ки мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» дар санадҳои расмӣ, маводи таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ бо тарзи гуногун шарҳу эзоҳ ёфтаанд. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» чунин шаҳр дода шудааст: «**технологияи иттилоотӣ** – маҷмуи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва телеиртиботӣ, воситаҳои барномавӣ ва тарзҳои истифодаи онҳо барои дарёфт, коркард, нигоҳдорӣ, ирсол ва қабули иттилоот» [5]. Ин мафҳум дар барномаи таълимии фанни «Информатика» барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чунин таъриф шудааст: «**технологияи иттилоотӣ** – яке аз соҳаҳои тафаккури илмӣ, ки ба воситаи системаи таҳлилии ҳодисаҳои муҳити атроф равандҳои иттилоотии бо суръати баланд вусъатёбандаро меомӯзад ва усулу воситаҳои худкори ғункунӣ, қабулкунӣ, нигаҳдорӣ, табдил, ирсол, сабт ва истифодаи иттилоотро тавассути техникаи компютерӣ мавриди омӯзиш ва коркард қарор медиҳад» [1]. Дар стандарти байнидавлатии ГОСТ 7.0–99 «Фаъолияти иттилоотӣ-китобдорӣ. Библиография: мафҳумҳо ва таърифҳо» мафҳуми мазкур бо ин тарз шарҳ ёфтааст: «**технологияи иттилоотӣ** – маҷмуи усулҳо, равандҳои истеҳсолӣ ва васоити барномавию техникии дар як комплекси технологӣ муттаҳидшуда, ки ҷамъоварӣ, бунёд, нигоҳдорӣ, захира, коркард, пажуҳиш, хорич, нусхабардорӣ, интиқол ва паҳнкунии иттилоотро таъмин менамояд» [2]. Дар соҳаи китобдорӣ, ки кулли самтҳои фаъолияти он бевосита ба технологияи иттилоотӣ сару кор доранд, ба андешаи мо, зери

мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» – раванди истифодаи маҷмуи усулҳо ва воситаҳои техникии ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, бунёд, захира, коркард, феҳристнигорӣ, ҳифз, нигоҳдорӣ, нусхабардорӣ, интиқол, пешниҳод ва қабули иттилоотро таъмин менамояд» фаҳмидан мувофиқи мақсад мебошад. Зеро дар таҷрибаи китобхонаҳои муосири бо технологияи нав таҷҳизонидашуда, маҳз технологияи иттилоотиро бештар барои иҷрои амалиётҳои дар боло номбаршуда, истифода мекунанд.

Имрӯз рушди босуръати имкониятҳои ТИК ба технологияҳои маъмулии китобхонаҳо таъсири куллӣ расонд, таҷдиди шаклҳои анъанавии корро зарур гардонид. Дар фаъолияти китобхонаҳо шаклу усулҳои наву самарабахши хадамоти китобдорию библиографӣ роҳандозӣ шуданд. Дар робита ба ин, усулҳои тавлиду таҳлил, коркарду пахши иттилоот ва таъмини дастрасӣ ба он дигаргун карда шуданд. Равандҳои мукаммалсозӣ, коркард, феҳристнигорӣ ва ҳифзу нигоҳдории фондҳо тағир ёфтанд. Дар маҷмуъ истифодаи ТИК фаъолияти китобхонаҳоро ба сатҳи баландтар бароварда, имкониятҳои сифатан навро фароҳам овард. Ин шароит китобдоронро водор сохт, ки барои пешбурди фаъолияти корӣ дар баробари мусаллаҳ будан бо донишҳои касбӣ боз бо донишҳои марбут ба вежагиҳои истифодаи ТИК таъмин бошанд. Дар ин сурат, роҳандозии хадамоти китобдорию библиографӣ дар китобхона воқеан ҳам ҳадафманд ва ҳам натиҷабахш хоҳад шуд. Албатта, гарави асосии пешрафти кор дар ин самт баланд гардидани талабот ба сатҳи дониши тахассусии китобдорон мебошад. Дар робита ба ин, қобилияти қабул, коркард, арзёбӣ, ҳифз, нигоҳдорӣ, истифода ва интиқоли иттилооти муосир дар ҳама навъи воситаҳои интишорӣ тавлидшаванда (анъанавӣ, электронӣ, савтӣ, маҷозӣ) салоҳияти иттилоотии китобдорро муайян менамояд. Дар шароити муосир салоҳияти иттилоотии китобдор ҷузъи муҳимми салоҳияти касбии ӯ маҳсуб меёбад. Имрӯз тахассуси касбии китобдор на танҳо аз рӯи донишҳои китобдориву библиографии ӯ, балки мувофиқ ба дараҷаи кор бо компютер ва дар фаъолияти меҳнатӣ то кадом андоза истифода шудани технологияҳои интернетӣ муайян карда мешавад. Маҳз донистани асосҳои дониши компютерӣ ва истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ яке аз талаботҳои асосӣ ба китобдори муосир гардид. Агар донишҳои марбут ба ТИК аз донистани чигунагии кампютерҳои фардӣ, барномаву вазифаҳо ва имкониятҳои онҳо, қобилияти пахш кардани тугмаҳои зарурӣ ва хабардор будан аз мавҷудияти шабакаҳои компютерӣ иборат бошад, пас салоҳияти ТИК-и китобдор на танҳо аз донистани воситаҳои гуногуни иттилоотӣ-иртиботӣ, балки истифодаи воқеӣ ва самараноки ин воситаҳо дар фаъолияти касбӣ мебошад.

ТИК дар самтҳои гуногуни фаъолияти китобхонаҳо мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар бисёр маврид китобхонаҳо ТИК-ро вобаста ба имконоти молиявӣ ва ниёзҳои худ истифода мекунанд. Дар китобхонаҳои муосири бо тамоми технологияи пешрафта таъмин, бештари хизматрасониҳо тавассути ТИК худкор карда шудаанд. Масалан, дар фаъолияти Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт чунин корҳо ба анҷом расидаанд. Барои хонандагон 275 ва барои кормандони китобхона 312 ҷойгоҳи худкори корӣ муҳайё карда шуд. Таъсисёбӣ ва ба фаъолият шуруъ кардани бахшу шуъба, марказҳо ва толорҳои нави хониш имконоти

бештареро барои татбиқи вазифаҳои афзалиятноки китобхона дар самтҳои бунёди фондҳои электронӣ, инкишофи низоми электронии пахши иттилоот, таҳияи навъҳои мухталифи феҳристу картотекаҳои электронӣ фароҳам оварда, дастёбии озодонаи хонандагони муқимӣ ва маҷозиро ба фондҳои чопӣ ва электронии китобхона таъмин намуд [6].

Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар таҷрибаи Китобхонаи миллӣ баҳри вусъатбахшии барномаҳои нави хизматрасонии китобдорӣ мусоидат намуда, барои истифодабарандагон шароитҳои зарурӣ муҳайё сохт. Дар Китобхона низоми нави худкори раванди китобдорӣ-иттилоотӣ дар асоси яке аз барномаҳои дар соҳаи китобдории ҷаҳонӣ санҷидашуда «ALEPH» (Алеф) ба роҳ монда шуд. Барномаи мазкур аз ду қисм иборат аст. Қисми якуми барнома барои китобдорон таъйин шуда, фарогири 5 амалиёт (модул): такмилдиҳӣ, феҳристнигорӣ, хизматрасонии муқимӣ, хизматрасонӣ тавассути АБК, назоратӣ-маъмурӣ мебошад ва дар таваққуфгоҳи худкори кории китобдорон пайваст карда шудааст. Қисми дуюми Барнома «ОРАК» (опак) ном дошта, барои хонандагон пешбинӣ шудааст ва бо истифода аз он хонандагон метавонанд тавассути феҳристи электронӣ китоби лозимаро ҷустуҷӯ карда, онро барои мутолиа дархост намоянд. Барои ба низоми нави худкори раванди китобдорӣ-иттилоотӣ мувофиқу созгор намудани ҳаракати системи «китоб-хонанда-хониш» бори нахуст фонди Китобхонаи миллӣ тавассути рамзбандии вижаӣ (штрихкод) рақамгузорӣ карда шуд [3, с.88].

Китобхона дорои шабакаи дохилии компютерӣ (локалӣ) мебошад. Толорҳои махсусгардонидашудаи дастёбӣ ба манобеи электронӣ ва матнҳои пурраи захираи бойгонии рисолаҳо, маҷаллаҳо ва адабиёти таълимӣ ба фаъолият шуруъ карданд. Ҳамзамон, низоми электронии расонидани ҳуҷҷатҳо роҳандозӣ шуд.

Дар сохтори Китобхона Шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ амал мекунад, ки фаъолияти хешро бо мақсади созмондиҳӣ, идора ва истифодабарии фондҳои электронӣ ва татбиқи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар китобхона ба роҳ мондааст. Самтҳои асосии фаъолияти Шуъба: татбиқи лоиҳаи «Фонди давлатии китобҳои электронии «Китобхонаи электронии миллии Тоҷикистон»; таъмини дастёбии истифодабарандагон ба шабакаи Интернет ва манобеи электронии дурдаст; бунёд ва мудирияти сомонаҳои иттилоотии худӣ (локалӣ) мебошад. Таҷрибаи нахустини Шуъба дар самти рақамигардонии ҳуҷҷатҳои чопӣ ва дар асоси он бунёди бонки иттилоотӣ ба тасвирбардории матни китобҳои нодири марбут ба таърих ва фарҳанги ҷумҳурӣ ва маҷаллаҳои тоҷикии ибтидои асри XX, аз қабили маҷаллаҳои «Оина» (солҳои 1913-1915), «Роҳбари дониш» (солҳои 1927-1932), «Шуъҷаи инқилоб» (солҳои 1919-1921), «Инқилоби маданӣ» (солҳои 1930-1937) ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (солҳои 1932-1941) мансуб аст. Ҳамзамон, аз ҷониби кормандони Шуъба барномаи «Библиограф» (Bibliograf) таҳия шуд, ки аз ду қисм иборат аст. Қисми якуми барнома барои маъмурият пешниҳод шуда, фаъолияти идоранамоӣ ва такмили бонки иттилоотиро ба танзим медарорад. Қисми дуюми барнома дастёбии хонандагонро бо истифодаи дастгоҳи маълумотӣ-пажӯҳишӣ ба матни электронии рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ таъмин менамояд [3, с.89].

Толори хониши электронии Шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ имкони дастёбии истифодабарандагонро ба

ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки фарогири маводи иттилоотӣ, маълумотӣ, таълимӣ-маърифатӣ ва илмӣ мебошанд, таъмин менамояд. Дар маҷмуи хизматрасонии толор пешниҳоди дастёбии бемузд ба манобеи Интернет ва матнҳои пурраи захираи калонтарин Марказҳои иттилоотии ҷаҳон ҷойи афзалиятнокро ишғол менамояд. Толори хониши электронӣ барои истифодабарандагон бо 175 ҷойи нишаст, ки худкор мебошад, таҷҳизонида шудааст. Тавассути ҷойҳои худкор истифодабарандагон имкони дастёбии ройгонро ба фонд, феҳрист ва картотекаҳои электронии Китобхонаи миллӣ доранд.

Дар Китобхона дастёбии хонандагон дар радифи манобеи электронии дохилӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин ба манобеи электронии китобхонаҳои дигар мамолик, аз ҷумла Китобхонаи давлатии Русия, таъмин карда шудааст. Масалан, толори хониши Шуъбаи рисолаҳои илмӣ ба кормандони илм имкон медиҳад, ки маводи заруриро ҳам бо шакли анъанавӣ ва ҳам бо шакли электронӣ дастрас намоянд. Ҳамзамон ин толор ба ҳайси толори хониши маҷозии Китобхонаи электронии диссертатсияҳои Китобхонаи давлатии Русия дастёбии истифодабарандагонро ба рисолаҳои номзадӣ ва доктории дар давлатҳои ИДМ дифоъшуда, таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, бунёди низоми нави худкори раванди китобдорӣ-иттилоотӣ дар фаъолияти шуъбаву марказҳои Китобхонаи миллӣ барои сари вақт қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотии хонандагон мусоидат карда, имкон медиҳад, ки сатҳу сифати хизматрасонӣ беҳтар гардад.

Чунонки омӯзиш нишон дод, таъмини саривақтии китобхонаҳо бо технологияи муосир ва истифодаи мақсадноки он аз ҷониби мутахассисони баландихтисос ва донандаи нозукиҳои кор бо ин технология барои худкорсозии равандҳои китобдорӣ-библиографӣ шароит муҳайё месозад. Ин иқдом имкон медиҳад, ки сатҳи сифати хизматрасонии китобдорӣ-библиографӣ беҳтар ва вақти корӣ сарфа шуда, маҳсулнокӣ ва самаранокии меҳнати китобдорон тадричан баланд гардад. Худкорсозӣ ин раванди доимӣ буда, тақозо мекунад, ки масъулин пайваста ҷиҳати саривақт иваз намудани технологияи корношоям бо технологияи наву замонавӣ тадбирҳо андешад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар китобхонаҳои бо ТИК ва мутахассис (китобдор)-технологҳои касбӣ таъминбуда, бештари амалиётҳо, аз қабили раванди бақайдгирии хонандагон ва ба низом даровардани дархости онҳо, ҷараёни китобдиҳӣ ва назорати саривақт баргардонидани китобҳо, баҳисобгирӣ ва коркарди нашрияҳои воридотӣ, феҳристнигории электронӣ, такмили фондҳои китобхона, рақамигардонӣ, сканеркунонӣ ва нусхабардории ҳуҷҷатҳо, қонеънамоии ниёзҳои иттилоотии хонандагони маҷозӣ ва ҳамзамон хонандагони муқимии китобхона, худкор карда шудаанд.

Ҳамин тавр, худкорсозии равандҳои китобдорӣ-библиографӣ барои татбиқи навгониҳои соҳаи китобдорӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоот, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорию библиографӣ ва идоранамоии захираҳои китобхонаҳо шароитҳои мусоид фароҳам овард. Он имкон дод, ки истифодабарандагон бидуни тамос бо китобдор мустақиман аз ҷойи истиқомат ё кор маводи заруриро дар вақту замони дилхоҳ бо таври очилӣ ва ба осонӣ ҷустуҷӯ ва дастрас ва мавҷудияти адабиёти дархостшуда ва

ҷойгиршавии нашрҳои даврӣ, ғайридаврӣ, давомдор ва дигар маводро бо осонӣ пайгирӣ намоянд.

Адабиёт

1. Барномаи таълими фанни «Информатика» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / мураттиб Ф. С. Комилиён. – Душанбе, 2017. – С.4.

2. ГОСТ 7.0-99: Система стандартов по информации, библиотечному и издательскому делу. Информационно-библиотечная деятельность, библиография. Термины и определения [Электроный ресурс]. – Режим доступа: standartgost.ru/g/ ГОСТ_7.0-99

3. Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз [Матн]: дастури таълимӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 196 с.

4. Комилов, М. Истиқлолият ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: рисола. – Душанбе: Аржанг, 2020. – С.215.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттилоотонӣ [Матн] // Роҳнамои китобдор: маводи роҳбарикунанда / мураттиб Қ. Ғуломзода. – Душанбе: Ирфон, 2022. – С.71.

6. Муассисаи давлатии Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]: роҳнамо / муаллиф Ш. Комилзода; муҳаррир Н. Салимов. – Душанбе: Офсет, 2013. – С.16.

Комилзода Шариф

АВТОМАТИЗАЦИЯ БИБЛИОТЕЧНО-БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ

В статье изучаются вопросы, связанные с автоматизацией библиотечно-библиографических процессов в библиотеках Таджикистана. В частности, проанализирован опыт Государственного учреждения «Национальная библиотека Таджикистана» Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан по направлению автоматизации библиотечно-библиографических процессов. Отмечается, что своевременное оснащение библиотек современной техникой и ее целенаправленное использование высококвалифицированными специалистами, знающими тонкости работы с этой технологией, создают условия для автоматизации библиотечно-библиографических процессов и позволяют повысить уровень и качество обслуживания, сэкономить рабочее время, постепенно увеличивать производительность и эффективность работы библиотекарей. По мнению исследователя, автоматизация – это непрерывный процесс, который требует от ответственных работников постоянного принятия мер по замене неработоспособной техники новой и современной.

Результаты исследования определили, что в библиотеках, оснащенных информационно-коммуникационными технологиями и специалистами (библиотекарями)-профессиональными технологами, большая часть операций, таких как процесс регистрации пользователей и обработка их запросов, процесс книговыдачи и своевременного возврата

книг, учет и обработка поступающих изданий, комплектование библиотечных фондов, электронная каталогизация, оцифровка, сканирование, копирование документов, рабочее место библиотекаря, виртуальный читальный зал, доставка электронных документов, справочно-библиографический аппарат, обслуживание с помощью МБА, процесс удовлетворения информационных потребностей виртуальных читателей и одновременно традиционных читателей библиотеки, автоматизированы.

Ключевые слова: библиотекарь, библиотека, национальная библиотека, электронная библиотека, автоматизация, библиотечно-библиографические процессы, информационные технологии, информационно-коммуникационные технологии, веб-сайт, электронные документы.

Komilzoda Sharif

AUTOMATION OF PROCESSES LIBRARY-BIBLIOGRAPHY

In the article, issues related to automation of librarian-bibliographic processes in Tajik libraries are studied. In particular, the experience of the State Institution "National Library" of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan in the direction of automation of librarian-bibliographic processes has been analyzed. It is noted that the timely supply of libraries with modern technology and its purposeful use by highly qualified specialists who know the intricacies of working with this technology create conditions for the automation of librarian-bibliographic processes and allow to improve the level of service quality and save working time, productivity. and the efficiency of librarians' work will gradually increase. According to the researcher, automation is a continuous process, and it requires the authorities to constantly take measures to replace inoperable technology with new and modern technology.

The results of the study determined that in libraries equipped with information and communication technology and specialist (librarian)-professional technologists, most of the operations, such as the process of registering students and organizing their requests, the process of checking and timely return of books, accounting and processing of imported publications, improvement of library funds, electronic indexing, digitization, scanning, copying of documents, librarian workstation, virtual reading room, delivery of electronic documents, information-bibliographic tool, services through the ABK system, the process of meeting the information needs of virtual readers and at the same time resident readers of the library, are automated.

Keywords: librarian, library, national library, electronic library, automation, librarian-bibliographic processes, information technology, information-communication technology, website, electronic documents.

ТДУ: 338.2 (575.3)
Раҷабова Назира

МАСЪАЛАИ МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР КИТОБХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола раванди гуногуни менеҷмент, аз ҷумла менеҷменти инноватсионӣ таҳқиқ шудааст.

Инноватсия дар соҳаи китобдорӣ дигаргуниҳое мебошад, ки барои беҳтаршавии кори китобхона мусоидат менамояд. Истифодаи навгониҳо ба сатҳи баланди китобдорон воастагӣ дорад. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ корҳои зерин бояд ба анҷом расонида шаванд: навгониҳои соҳаи китобдорӣ бояд ба навгониҳои дигар соҳаҳо мутобиқат кунад; ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии навгониҳо ҳамчун падида зарур аст; фаъолияти навгониҳо бояд дар заминаи таҳлили тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тарҳрезӣ гардад.

Дар замони ҳозира инноватсияҳо ҳамчун неруе, ки рушди босуботи давлатро таъмин месозад, арзёбӣ мегарданд. Дар сурати беэътиноӣ нисбат ба навгониҳо китобхонаҳо моҳият ва рисолати иҷтимоии худро дар бозори иттилоот аз даст дода, хадамоти рақобатпазирро наметавонанд пешниҳод кунанд.

Дар асри XX1 пешниҳоди маҳсулоти нави китобдорӣ – китобҳои тозанашр, дастуру маълумотномаҳо, тавсияҳо оид ба услубҳои нави мутолиа, дастрас гардонидани дастовардҳои илму техника, истифодаи технологияи навтарини иттилоотӣ дар раванди хизматрасонии китобдорӣ ҷорӣ карда шуда, усулҳои идоранамоии фаъолият ва ҳайати китобхона пайваста таҷдиди назар гарданд.

Масъулини соҳаи китобдориро зарур аст, ки «Консепсияи рушди инноватсионии (фановарии) китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Ин иқдом боиси он мегардад, ки китобхонаҳои кишвар ҷиҳати ҷоринамоии фановарӣ бо китобхонаҳои мутараққии олам ҳамқадам бошанд.

Калидвожаҳо: *Инноватсияи китобдорӣ, маркетолог, менеҷменти инноватсионӣ, фановарӣ, навгониҳои технологӣ, ретронавгонӣ, реинноватсия, ҷустуҷӯи навгониҳо, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дизайнер, реклама.*

Дар шароити муосири тағйирёбанда ҳаёти ҷамъиятӣ дар самтҳои мухталиф рушд намуда истодааст. Соҳаи фарҳанг, ки ҷузъи системаи ҷамъиятист дар пешбурди ҷомеа нақши муҳимро мебозад. Дар навбати худ зерсистемаи фарҳангии ҷомеа аз унсурҳои гуногуни ба ҳам алоқаманд таркиб ёфтааст, ки яке аз муҳимтаринашон соҳаи китобдорӣ мебошад. Соҳаи мазкур дар қатори дигар унсурҳои зерсистемаи фарҳангӣ ва умуман, ҳаёти ҷамъиятӣ пайвасата ҷиҳатҳои нав ба навро ба худ касб карда истодааст.

Дар соҳаи китобдорӣ имрӯзҳо шаклҳои гуногуни менеҷмент, аз ҷумла менеҷменти инноватсионӣ истифода карда мешавад. Дар алоқамандӣ бо менеҷменти инноватсионӣ муҳаққиқон давра ба давра тадқиқот бурда, асарҳо ва мақолаҳои худро ба табъ мерасонанд. Истилоҳи «менеҷменти инноватсионӣ» дар соҳаи китобдории кишварамон нисбатан ғайримаъмулӣ ба назар мерасад. Сабабаш ин аст, ки ин ва дигар мафҳумҳои силсилаи

менеҷмент барои соҳаи китобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав ба шумор мераванд. Вале новобаста аз ин, коршиносон ва олимони соҳаро лозим аст, ки тамоми масъалаҳои вобаста ба менеҷменти китобдорӣ ва хусусан менеҷменти инноватсиониро дар маркази тадқиқоти хеш қарор дода, навгониҳои ин шакли менеҷментро пайваста дунболагирӣ намоянд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҳаёти ҷомеаи мо ва аз ҷумла соҳаи китобдорӣ пайваста рушду нумӯъ менамояд. Китобхонаҳои кишвар дар шароити муосир вазифаҳои навинро ба худ касб мекунанд. «Дар шароити имрӯза нақши назаррасро роҳбарони китобхонаҳо ба сифати менеҷерони касбӣ мебозанд. Онҳо бояд маҳорати баланди роҳбарӣ дошта бошанд. Дар баробари маҳорати баланди роҳбарӣ хусусиятҳои салоҳиятнокӣ, хосиятҳои ахлоқию маънавии менеҷер аҳамияти зиёди назариявию илмиро соҳибанд» [9, с. 45].

Ба назари мо, яке аз муҳимтарин масъалаҳои замони муосири соҳаи китобдории кишварамон ин эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ аз тарафи кормандон ва олимону муҳаққиқони соҳа мебошад. Масъулиятнокӣ дар фаъолияти илмӣ ва амалии афроди дар боло зикршуда, маҳорати таваккалнамоии муносиб ва дуруст, қабули қарорҳо дар ҳолатҳои мухталиф, дарки дурусти навовариҳо ва татбиқи онҳо дар фаъолияти китобдорӣ, танзими мушкилоти гуногун, қобилияти баланди меҳнатӣ, босуботӣ дар ҳолатҳои мураккаби рушди фаъолияти китобдорӣ ва ғайра аз муҳимтарин хусусиятҳои менеҷерони касбии соҳаи китобдорӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо ба ҳайси давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд рушд намуда истодааст. Аз ин лиҳоз, онро зарур аст, ки пайваста баҳри такмили зерсистемаҳои мухталифи системаи ҷамъиятӣ, хосса соҳаи китобдорӣ кӯшиш намояд. Албатта, дар ин самт чорабиниҳои сатҳи мухталиф аз ҷониби давлату ҳукумат сурат гирифтаанд, вале ба андешаи мо хусусан дар самти менеҷменти инноватсионӣ бояд чораҳои саривақтӣ ва зурурӣ андешида шаванд. Зеро дар тамоми давлатҳои пешрафтаи олам мо мушоҳида мекунем, ки соҳаи инноватсия, аз ҷумла дар доираи фаъолияти китобдорӣ хеле инкишоф ёфтааст. Барои кишвари мо лозим аст, то шароити муосиди рушди менеҷменти инноватсионии соҳаи китобдориро дар алоқамандӣ бо омилҳои субъективӣ ва объективӣ фароҳам оварад.

Соҳаи китобдорӣ пайваста рушд мекунад ва масъалаҳои гуногуни он аз тарафи олимони ватаниву хориҷии соҳаи китобдорӣ мавриди баррасии амиқ карор мегиранд. Аз ҷумла, муҳаққиқон Е. Н. Гусева, Е. Ю. Качанова, И. С. Пилко, И. В. Войтов, И. М. Матвеева, Н. Т. Чуприна, И. В. Афонин, В. В. Баранов, И. В. Баранова, А. А. Мурадов, С. Сулаймонӣ, С. Шосаидов, Ш. Тошев, Н. Ш. Раҷабова ва дигарон ба масъалаи менеҷменти инноватсионӣ дар шароити имрӯза таваҷҷуҳ намуда, мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидаанд,

«Инноватсия» ва «фаъолияти инноватсионӣ» истилоҳоти умумиилмӣ буда, дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон истифода мешаванд. Ба таҳқиқи асосҳои назариявии инноватсияҳо самти нави илмии байнифаннӣ – инноватика машғул аст.

Истилоҳи «инноватсия» аввалин маротиба дар таҳқиқоти илмии фарҳангшиносони асри XIX мавриди истифода қарор гирифта, маънои вориднамоии унсурҳои як фарҳанг ба фарҳанги дигарро дошт. Баъдтар, дар ибтидои асри XX он дар соҳаи иқтисодиёт мавриди истифода қарор гирифт. Чи тавре ки И.Г. Моргенштерн қайд намудааст, онро олими австриягӣ А. И. Шумпетер «Ҳамчун категорияи нави иқтисодӣ ворид намуда, таҳти мафҳуми

«инноватсия» тағйирот бо мақсади ҷоринамоӣ ва истифодаи намудҳои нави молҳои истеъмолӣ, васоити нави истеҳсолот, нақлиёт, бозорҳои нав ва тарзу шаклҳои нави ташкилӣ дар саноатро маънидод карда буд» [6, с.75].

Сипас, истилоҳи мазкур дар фалсафа, сотсиология, психология, педагогика ва як қатор илмҳои дигар мавриди истифода қарор гирифт. Мавзуи инноватсия бештар аз ҳама дар иқтисодиёт, махсусан дар соҳаи бизнес таҳқиқ гардидааст.

Дар заминаи таҳлили адабиёти илмии фалсафӣ, сотсиологӣ ва психологӣ ду услуби тафсири (шарҳу эзоҳи) моҳияти инноватсия ва фаъолияти инноватсиониро ҷудо намудан мумкин аст. Ҷонибдорон ва муҳаққиқони услуби якум, пеш аз ҳама, файласуфон ва сотсиологҳо буда, ба андешаи онҳо фаъолияти инноватсионӣ шакли олии навшавии (эҳёи, таҷдиди) материя мебошад.

Услуби дуюм нисбатан маъмултар буда, тибқи он фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун маҷмӯи равандҳо дар ҳама гуна соҳаҳои фаъолияти инсонӣ арзёбӣ мегардад. Натиҷаи он бунёди арзишҳои моддӣ ва маънавиест, ки бо хусусияти навгонии худ фарқ мекунанд.Тибқи услуби дуюм инноватсия ҳамчун натиҷаи фаъолияти эҷодии (илмӣ, бадеӣ, техникӣ ва ҳоказо) инсон арзёбӣ мегардад. Дар қаринаи услуби фаъолиятӣ фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, менеҷмент, маркетинг, психология ва илмҳои дигар мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар осори илмӣ мафҳуми ягонаи истилоҳи мазкур ба назар намерасад, ки ин аз гуногунии шарҳу эзоҳ ва истифодаи ин мафҳум дар соҳаҳои гуногун вобаста аст. «Дар фалсафа инноватсия ҳамчун навоварӣ, дар психология ҳамчун эҷод ва ҷоринамоии ҳар гуна навгонӣ, ки дар таҷрибаи иҷтимоӣ боиси тағйироти бузург мегардад, маънидод карда шудааст. Дар иқтисодиёт ҳамчун ҷоринамоӣ ё маблағгузорӣ ба технология нав, шаклҳои нави ташкили меҳнат ва идоракунӣ, ки натанҳо корхонаи алоҳида, балки дар маҷмуъ тамоми соҳаро фаро мегирад, маънидод мегардад» [10, с. 48].

Дар маркетинг ҳамчун ба бозор баровардани молу маҳсулот ва хизматрасониҳои нав, дар менеҷмент ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ, ки дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфта ба бозор бароварда шудааст; раванди технологии нав ё такмилёфта; муносибати нав нисбат ба хизматрасониҳои иҷтимои фаҳмида мешавад. Илова бар ин, «Дар назарияи фаъолияти инноватсионӣ инчунин мафҳуми реинноватсия (ретронавгонӣ) мавҷуд аст, ки маънои аз нав ҷорӣ намудани мазмуни инноватсионӣ ба навгонии пешина ё ба ибораи дигар ба навгонии пешина ворид намудани мазмуни нави инноватсионӣ бо мақсади қонеъгардонии инноватсионии талаботи навро дорад» [1, с. 51].

Инноватика ҳамчун соҳаи таҳқиқ ва як қисми илми иқтисодӣ дорои таърихи тӯлонии рушд ва шумораи зиёди консепсияву назарияҳо мебошад. Дар иқтисодиёт ва идоракунӣ фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти корхона фаҳмида мешавад. Бисёр иқтисодчиён дар осори худ бахши инноватсионии иқтисодиётро ҷудо намуда, ба он бештар корхонаҳои хурдро дохил мекунанд, ки самти асосии фаъолияташон истеҳсол ва ба бозор баровардани молу маҳсулот ва хизматрасониҳои нав (инноватсияҳо) мебошад. Дар корхонаҳои миёна ва калон мансаби менеҷери инноватсионӣ мавҷуд аст, ки вазифаи асосии он азнавсозии молу маҳсулот ва айнан эътино кардан ба тағйироти талаботи субъектҳои муносибати бозаргонӣ мебошад.

Сарчашмаи фаъолияти инноватсионӣ илҳоми эҷодии инсон аст. Пайдоиши инноватсияҳо ин натиҷаи саъю талоши инсон баҳри такомули фаъолияти мавҷуда, бартараф намудани тазод байни ҳолати мавҷуда ва дилхоҳ мебошад.

«Дар иқтисодиёти муосир инноватсияҳо ҳамчун фишанги пуриқтидор барои ҳаллу фасли зиддияту бухронҳо истифода мешаванд. Фаъолнокии инноватсионии корхонаву ташкилотҳо омили асосии устувориву субот дар раванди рақобат барои ба даст овардани истеъмолкунанда ва кафолати хоҷагидории самарабахш ба шумор меравад» [1, с. 54]. Инноватсияҳо ба такмили равандҳои технологӣ равона карда шудаанд, аз ин рӯ, ба кам гардидани арзиши аслии молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, нарх, ташаккули талаботи нави истеъмолкунандагон, воридоти маблаг, баланд гардидани рейтинг ва имиҷи истеҳсолкунанда, аз худ намудани бозорҳои нав ва ҳоказо мусоидат мекунанд.

Таҳаввулоте, ки дар ҷаҳони муосир ба вуқуъ меоянд, натанҳо соҳаи иқтисодиёт, маориф, илму фарҳанг, балки соҳаи фаъолияти китобдориро низ дигаргун месозанд. Раванди пайдоиш, ҷоринамоӣ аз куҳнаву фарсудашавии технологияҳои нави китобдорӣ беш аз пеш суръат мегирад. Аз ҳамин нигоҳ ба назар гирифтани нақши инноватсияҳо (фановарӣ) ҳамчун омили некӯаҳволӣ, рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодиву фарҳангии Тоҷикистон кормандон ва муҳаққиқони соҳаи китобдориро низ водор менамояд, ки падидаи мазкурро аз мадди назар дур намонанд. Зеро китобхонаҳои тамоми сатҳ (миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, китобхона-филиал, оммавӣ, илмӣ, соҳавӣ, бачагона, мактабӣ ва ғайра) ба раванди ташаккули афкори сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, инчунин аз байн бурдани нобаробарии иттилоотии қишрҳои гуногуни ҷомеа мусоидат менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ Е. Н. Гусева «инноватсияҳо ба маънои иҷтимоӣ ин ихтирооти берун аз нақша ва ё ихтирооти асил, маҳсули фаъолияти навоваронаест, ки ба эҷодиёт асос ёфтааст» [3, с.37].

Дар адабиёти илмӣ ва публитсистӣ мафҳуми «инноватсия», яъне фановарӣ ниҳоят зиёд аст, вале мафҳуми «инноватсияи китобдорӣ» нисбатан камтар ба назар мерасад.

Масалан, дар луғати «Фаъолияти китобдорӣ: луғати истилоҳот» ин мафҳум ба таври зерин шарҳ дода шудааст: - «навсозии маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки китобхона, технологияҳои он, шакл ва методҳои идораркунии он бо мақсади нигоҳдошт ва такмили имиҷи муосири он, сифати хизматрасонӣ, рақобатпазирӣ дар байни дигар китобхонаҳо анҷом мегирад» [2, с. 53] .

Ба андешаи Е. Ю. Качанова – «Инноватсия ин натиҷаи ниҳоии фаъолияти ақлонии мутахассисон дар шакли объектҳои нав аст, ки аз объектҳои пештара бо хосиятҳои нав фарқ дошта, предметонида (ашёкунонида) шудаанд».

«Кормандони бахши рушди инноватсионии соҳаи китобдорӣ-иттилоотии шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии Россия мафҳуми мазкурро ба таври зерин маънидод кардаанд: «инноватсияи китобдорӣ - ин намунаи ҷорикардашудаи фаъолият, маҳсулот, хизматрасониҳоест, ки дорои сифати навгонии мутлақ ё нисбӣ мебошад; аз доираи суннатҳои азбаршуда бурун баромадан; ба сатҳи усулан беҳтаршуда ё сифатан нав баровардани фаъолият» [5, с.67].

Андешаҳои мазкурро таҳлил намуда, метавон зикр намуд, ки барои инноватсияҳои китобдорӣ меъёри маҳдуднамоӣ аз ҳама гуна дигаргуниҳо мавҷуд аст. Яъне, дар соҳаи китобдорӣ танҳо ҳамон дигаргуниро метавон навгонӣ номид, ки барои беҳтаршавии иҷрои уҳдадориҳои функсионалии китобхона мусоидат намуда тавонад. Вобаста ба ин вазифаи инноватсияи китобдорӣ, ин пеш аз ҳама, ошкорнамоӣ ва истифодаи механизмҳои идоранамоиест, ки рушди дарозмуддат ва усувори китобхонаро таъмин карда метавонад.

Иноватсияҳо метавонанд дар тамоми самтҳои фаъолияти китобдорӣ, дар ҳар як ҷойи кори корманди китобхона ба вуқуъ оянд. Ин вобаста ба он аст, ки кормандони китобхона то кадом андоза аз пайи ҷустуҷӯйи навгониҳо ҳастанд, омодаанд, ки навгониҳоро бипазиранд, то кадом дараҷа ташаббускоранд. Албатта, дар бисёр маврид омӯзиш ва ҷоринамоии навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳо аз сатҳи омодагии касбии китобдорон вобастагии қавӣ дорад. Вале ҳолатҳоеро низ метавон мушоҳида намуд, ки новобаста аз шумораи зиёди кормандони собиқадор ва соҳибкасб дар фаъолияти китобхона навгониҳоро дарёфтан душвор аст. Аз ин лиҳоз, ҷудо карда тавонистани аломати навгониҳо басо муҳим аст.

Ба андешаи мо, аломати ҳама гуна инноватсия ин, пеш аз ҳама, навгонӣ, дигаргунӣ (ба маънои мусбати он), натиҷа ва ҳатман захира аст. Заминаи инноватсия бошад, ғоя (идея) ва таҷриба мебошад. Бо шарофати истифодаи оқилона ва самараноки механизмҳои рушди инноватсионӣ китобхона бояд ба натиҷаҳои зерин ноил гардад:

- таъмини шароити меъёрии ташаккул, ҳифз, рушд ва дастрасии захираҳои китобдорӣ-иттилоотӣ;
- рушди низоми менеҷмент бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонии китобхона ба сатҳи талаботи меъёрӣ;
- истифодаи самараноки неруи китобхона барои рушди иқтисодиёт, ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар, минтақа (вилоят, ноҳия, маҳал ва ғайра).

Вале ба чунин натиҷа китобдорон танҳо дар мавриде ноил мегарданд, ки агар ба моҳиияти инноватсияҳои китобдорӣ сарфаҳм раванд, онро дарк намоянд. Пас инноватсияҳои китобдорӣ чӣ гуна моҳият доранд?

Аксарияти муҳаққиқон ақида доранд, ки инноватсияҳои китобдорӣ дорои хусусияти хос: «нармӣ», хусусияти ғайриногаҳонӣ буда, алоқамандии дигаргуниҳоест, ки дар натиҷаи ҷоринамоии ҳамон инноватсияҳо ба вуқуъ меоянд; навгониҳои қатъӣ хусусияти нодир ва фавқулода доранд; таҳаввулоти инноватсионӣ хусусияти доимӣ ва барнагардандагӣ (бебозгашт) дорад. Ба ибораи дигар, инноватсияҳо унсури асосии рушд маҳсуб меёбанд. Дар замони муосир бе ҷорӣ намудани инноватсияҳои дар фаъолият бақои иҷтимоии муассиса (китобхона) ва расонидани хизматрасониҳо рақобатпазир имконнопазир аст.

Барои он ки мушкилот вобаста ба ҷоринамоии инноватсияҳои китобдорӣ бартараф карда шаванд, қабл аз ҳама бояд стратегияи рушди инноватсионии соҳаи китобдорӣ қабул карда шавад. Рушди ҳамаҷонибаи инноватсионӣ бидуни дарки он ки дигаргуниҳои муттасил барои ноил шудан ба натиҷаҳои ҳарчи бештару беҳтар зарур аст, имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар ин самт бояд корҳои зерин ба анҷом расонида шаванд:

- муносибат нисбат ба инноватсияҳои соҳаи китобдорӣ бояд ба муносибате, ки дар дигар соҳаҳои инноватсионӣ ба назар мерасанд, мутобиқат намояд;

- нисбат ба муносибатҳои бунёдии инноватсияҳо мутобиқгардонии босалоҳият зарур аст. Дар ин маврид ба назар гирифтани ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии инноватсияҳо ҳамчун падида зарур мебошад;

- тарҳрезии фаъолияти инноватсионӣ бояд дар заминаи таҳлили пайвастаи тамоюлоти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа сурат гирад.

Инноватсияҳои соҳаи фаъолияти китобдорӣ ба гурӯҳи инноватсияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ шомил буда, ҳангоми омӯзиш ва татбиқ ба назар гирифтани хусусиятҳои онҳо зарур мебошад.

Рушди инноватсионӣ ҳамчун раванд аз ду марҳилаи зерин иборат аст: дар амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ; рушди неруи (иқтидори) инноватсионӣ. Тавре ки Е. Н. Гусева қайд менамояд – «Лоиҳаи инноватсионӣ ин лоиҳаи дигаргуниҳои мақсаднок ё бунёди низоми нави техникӣ ё иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад», ки «таҳти унвони лоиҳаи китобдорӣ аксаран барномаи рушд, маҷмуи амалиёте (чорабиниҳое) фаҳмида мешавад, ки ноил гардидан ба натиҷаҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобхона ҷоринамоӣ ва паҳннамоии ҳар гуна навгониҳоро таъмин менамоянд» [3, с. 192].

Дар маҷмуъ, агар андешаи аксарияти муҳаққиқонро оид ба лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳлил намоем, пас метавон ба натиҷае расид, ки лоиҳаи инноватсионӣ (дар китобхона) ин низоми тадбирҳо (тибқи захираҳо, муҳлат ва иҷрокунандагон) баҳри ноил гардидан ба мақсадҳоест (вазифаҳоест), ки ба рушди фаъолияти китобхона мусоидат менамояд.

Имрӯз инноватсияҳо ба сифати неруи пешбарандаи рушди иқтисодӣ, ки рақобатпазирии натанҳо объектҳои ҷудогонаи хоҷагидор, балки ҳамчун нерӯе, ки рушди босуботи худи давлатро таъмин месозад, арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ягон ниҳоди иҷтимоӣ, аз ҷумла китобхонаҳои илмӣ, оммавӣ, бачагона ва мактабӣ бидуни такмили пайвастаи тамоми самтҳои фаъолияти худ ба рушду комёбӣ ноил нахоҳад шуд. Зеро инноватсияҳо рукни асоси рушд маҳсуб меёбанд.

Дар мавриди беэътиноӣ нисбат ба навгониҳо ҳама гуна муассиса, аз ҷумла китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ рисолат ва моҳияти иҷтимоии худро аз даст медиҳанд ва минбаъд наметавонанд хадамоти рақобатпазирро пешниҳод кунанд, мавқеи худро дар бозори хадамоту иттилоот устувор гардонанд.

Бинобар ин, ҷоринамоии анвои нави хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ ба кӯдакону наврасон, пешниҳоди маҳсулот нави китобдорӣ-китобҳои тозанашр, дустуру маълумотномаҳо, тавсияҳо оид ба тарзу услубҳои нави мутолиа, дастрас гардонидани беҳтарин ва тозатарин дастовард илму техника, истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотӣ дар раванди хизматрасонии китобдорӣ, пайваста таҷдиди назар намудани усулҳои идоранамоии фаъолият ва ҳайати китобхона тақозои асри XXI – асри ҷомеаи иттилоотӣ ба шумор меравад.

Ба ибораи дигар, маҳз бо шарофати мавҷудияти навгониҳои фаъолият китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ қадру манзалати иҷтимоии худро дар ҷомеаи муосир баланд бардошта метавонанд. Аслан, чунин талабот барои дигар намуди китобхонаҳо низ хос мебошад.

Дар мавриди робитаи китобхона бо навгониҳо боз ҳаминро илова намудан бағоят муҳим аст, ки китобдору китобхона натанҳо бояд навовар

бошанд, балки дар дарёфт, тарғибу ташвиқ ва дастраси аъзои дигари ҷомеа ва ниҳодҳои иҷтимоӣ гардонидани навгониҳо пешоҳанг ва саҳмгузор бошанд. Маҳз ҳамин тафовут бори дигар зарурати ҳатмии ҷоринамоии навгониҳоро дар фаъолияти китобхона собит менамояд.

Вале китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ нисбат ба дигар китобхонаҳо ба ҷоринамоии навгониҳо дар фаъолияти худ эҳтиёҷи бештар доранд. Ин зарурат, қабл аз ҳама, ба синну сол, хусусиятҳои психологии истифодабарандагони онҳо вобаста аст. Чунки овони кӯдакиву наврасӣ давраест, ки инсон ба сӯйи камолоти равонию ҷисмонӣ бо ғайрати беандоза кӯшиш мекунад, ҳисси кунҷковии ӯ бештар аст, ҳама чизро ба зудӣ фаҳмидан мехоҳад. Ниҳодҳои дигари иҷтимоӣ, ки ба таълиму тарбия машғуланд, яъне оила, муассисаҳои томактабӣ ва мактаб, ки дар тарбияи насли наврас манфиатдоранд, ба раванди «ҳама чизро донистан мехоҳам» вусъат мебахшанд ва ин вазъият ҷоринамоии навгониҳоро дар фаъолияти ҳамшарики оила ва мактаб – китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ ногузир ва ҳатмӣ мегардонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, - «Ташаккули неруи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, навовариву ихтироъкорӣ ва рақобатпазир гардонидани тафаккури шахсият аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне аз боғчаи кӯдакон ва мактаби миёна оғоз гардида, дар таълимогоҳҳои олӣ ва марказҳои илмӣ таҳвият меёбад» [14] .

Тавре ки аз суханони оқилонаи Пешвои миллат бармеояд, замина ва таҳкурсии ташаккулёбии неруи зеҳние, ки бо шарофати мутолиа, ҷустуҷӯ ва таълиму тарбия соҳиби ҷанбаи эҷодиву ихтироъкорӣ ва навоварӣ мегардад, маҳз дар овони кӯдакӣ ва наврасӣ гузошта мешавад. Аз ҳамин нигоҳ, ниҳодҳое, ки ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон машғуланд, аз ҷумла китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ масъулияти бештари иҷтимоиро бар дӯш доранд, ки пайваста тарзу усулҳои хизматрасониро ба ҳамин категорияҳои истифодабарандагон таҷдиди назар кунанд, онҳоро такмил диҳанд ва ҳамқадами замони доимотағйирёбанда бошанд.

Мутаассифона, имрӯз вазъи ҷоринамоии навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, аз ҷумла китобхонаҳои илмӣ, оммавӣ, китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ ҷавобгӯйи талаботи замони муосир нест. Ба андешаи баъзе аз китобдорон, аз ҷумла китобдорони китобхонаҳои давлатӣ, оммавӣ, илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷоринамоии навгониҳо, пеш аз ҳама, мавҷудияти компютерҳо ба шумор меравад ва ҳар қадар дар китобхона шумораи онҳо бештар бошад, гӯё ба ҳамон андоза дар китобхона навгониҳо бештар мебошад, ки ин, албатта, андешаи ғалат аст.

«Бисёр ҳузнангез аст, ки аксаран масъулон мушкилоти хизматрасонии китобдорӣ-библиографӣ ва иттилоотиро фаромӯш карда, тамоми нерӯ ва захираҳоро ба самти компютерикунонӣ равона карда, ҳатто дарк намекунанд, ки автоматикунонӣ мақсад нест, балки воситаи беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ мебошад» [11, с.18]. Аз ин рӯ, шукӯҳу шаҳомати китобхонаи муосир, шаъну эътибори он на дар он зоҳир мешавад, ки чанд компютер дорад, дорои чанд адад барномаи махсуси китобдорӣ аст, то кадом андоза бо техника ва технологияи муосири мучаҳҳаз ва ба шабакаи интернет пайваст шудааст, балки дар он аст, ки аз ин иқтидорҳои техникӣ истифодабарандагон то кадом андоза баҳраманд мебошанд, сифати хизматрасонӣ дар кадом сатҳ қарор дорад, оё шумораи истифодабарандагон афзудааст ва муҳимтар аз ҳама,

вақти онон дар раванди хизматрасонӣ бар абас (зоеъ) намеравад? Дарёфти ҷавоби мусбат ба ин саволҳо дар мавриде муяссар мегардад, ки агар китобхона дорои неруи муқтадири зеҳнӣ, кормандони варзидаи навҷӯю навовар ва дорои мафкураи замонавӣ бошанд.

Айни замон ба андешаи аксарияти муҳаққиқон – китобхонашиносон инноватсия ин раванди ҷоринамоии ягон навгонӣ дар амалияи китобдорӣ мебошад. Инноватсияҳои китобдорӣ, асосан, ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: навгониҳое, ки ба маҳсули фаъолият вобастаанд, яъне такмилдиҳӣ ё азхуднамоии хадамоти (хизматрасонии) нави китобдорӣ; навгониҳо дар самти идоранамоӣ (такомули усулҳои идоранамоии китобхона); навгониҳои технологӣ, ки асосан ба азнавсозии равандҳои технологии китобхонавӣ, ҷоринамоии технологияҳои автоматикунонидашудаи китобдорӣ равона карда шудаанд.

Зарурияти инноватсияҳои технологӣ ба ҳамагон маълум аст, зеро ягон раванди фаъолияти китобдорӣ то ҳадди ниҳоӣ комил нест ва бо мурури замон зарурати пайваста азнавсозӣ, беҳтарнамоӣ, баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокӣ, инчунин ҷоринамоии комёбиҳои илмро дар амалия таҷозо менамояд.

Дар ҳама гуна соҳаи фаъолият инноватсияҳои технологӣ вобаста ба сатҳи навгонӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Муҳаққиқон асосан, ду намуд – инноватсияҳои технологии беҳсозанда ва инноватсияҳои технологии бунёдиро ҷудо намудаанд. Инноватсияҳои технологии беҳсозанда ба такомули технологияҳои мавҷуда, азнавсозии онҳо ва танзими раванду амалиётҳои китобдорӣ равона карда шудаанд. Инноватсияҳои технологии бунёдӣ бошад, азнавсозии комил, ивазнамоии пурраи технологияҳои куҳнаро ифода мекунад.

Масалан, қаблан дар китобхонаҳо бештар инноватсияҳои технологии беҳсозанда, ки ба кам кардани амалиёти куҳнаи ҳамарӯза, азнавсозиҳои ҷузъи равандҳои китобдорӣ вобаста буданд, мавриди истифода қарор доштанд. Имрӯз китобхонаҳо ба инноватсияҳои бунёдӣ ниёзи бештар доранд.

Азнавсозии китобхона, ки ивазнамоии технологияҳои суннатиро ба технологияҳои автоматикунонида пешбинӣ менамояд, имкон медиҳад, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти китобхонаҳо фаро гирифта шаванд, сатҳу сифати хизматрасонии иттилоотии истифодабарандагон баланд бардошта шавад.

Яке аз самтҳои асосии дигаргуниҳои технологӣ – истифодаи тарзу усулҳои созмондиҳии хизматрасонии иттилоотии истифодабарандагон, ҷоринамоии технологияҳои муосири иттилоотӣ ба шумор меравад. «Воридоти технологияҳои нав ба китобхонаҳо масъалаи азнавсозии сохтори ташкилӣ-функсионалии онҳо, таъсиси сохторҳои нав (масалан, Маркази иттилооти ҳуқуқӣ, Маркази дастёбии озодона ба интернет, Маркази сервисӣ (хизматрасониҳои иловагӣ), Хадамоти сотсиологӣ, бахшу шуъбаҳои маркетинг, робита бо ҷомеа – паблик рилейшнз, реклама, технологӣ, таҳририю ноширӣ ва ғайра)-ро ба миён гузоштаанд» [8, с. 204].

«Дигаргуниҳо дар сохтори кадрии китобхонаҳо, қабл аз ҳама, ба васеъшавии номгӯйи ихтисосҳое, ки барои китобхона заруранд, аз қабили барномарезон, муҳандисон, технологҳо, маъмурони пойгоҳи маълумот, Web-устоҳо, дизайнерҳо, маркетологҳо, мутахассисони реклама ва робита бо ҷомеа, инчунин тағйирёбии мундаричаи омодагӣ ва бозомӯзии ҳайати китобхона дар самти азхуднамоии технологияҳои нави ояндадор алоқаманд мебошанд» [4, с. 40]. .

Ҳамаи ин инноватсияҳои технологӣ танҳо дар мавриде мазмуну моҳияти иҷтимоӣ пайдо карда метавонанд, ки агар натиҷаи татбиқи онҳо ба маҳсулоту хадамоти китобдориву иттилоотии ба истифодабарандагон дастрас табдил ёбанд. Масалан, танҳо истифодаи самараноки техонологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки дар китобхонаҳо номгӯйи зерини хизматрасониҳои иттилоотӣ, маърифатӣ ва фароғатӣ ба андозаи назаррас афзоянд:

- ҷустуҷӯйи иттилоот дар шабакаи интернет ва пойгоҳҳои гуногуни маълумот (база данных) (мустақилона ва бо ёрии мушовир);
- пешниҳоди маълумоти виртуалӣ;
- тарҷумаи маводи гуногун тавассути барномаи тарҷумонӣ;
- нусхабардории маводи боматн (матнӣ, матндор), графикӣ ва овозӣ дар омилҳои мошинхон;
- ирсол ва гирифтани хабарҳо тавассути почтаи электронӣ;
- маслиҳатдиҳӣ, ташкили курсҳо ва тренингҳо оид ба омӯзиши технологияҳои компютерӣ;
- хизматрасониҳо вобаста ба таҳсилоти фосилавӣ;
- интернет-мусобиқаҳо барои мактаббачагон;
- интихоб ва ҷамъоварии маводи электронии муштаракмавзуъ.

Ба андешаи муҳаққиқ И. С. Пилко «Омили асосии монеасозии раванди татбиқи навгониҳои соҳаи китобдоӣ дар аксарият кишварҳои пасошуравӣ ин маблағгузории маҳдуд, таваҷҷуҳи нокифояи намояндагони бизнеси иттилоотӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ нисбат ба мушкилоти китобхонаҳо мебошад» [7, с. 90].

Ҳамин тариқ, вақти он расидааст, ки масъулони соҳаи китобдорӣ оид ба таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани «Консепсия ё Стратегияи рушди инноватсионии (фанноварии) китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадбирҳои амалӣ андешанд. Танҳо дар ҳамин ҳолат мо метавонем мушкилоти мавҷударо ҷиҳати ҷоринамоии фанноварӣ дар соҳаи китобдорӣ рафъ созем ва китобхонаҳои кишварро ҳамқадами китобхонаҳои мамолики мутараққии олам гардонем.

Адабиёт

1. Баранов, В. В. Баранова, И. В., Мурадов А. А.. Построение многоуровневой системы управления инновационным потенциальм высокотехнологичного предприятия / В. В. Баранов, И. В. Баранов, А. А. Мурадов. Инновации. – 2015. – №8. – С. 49-57.
2. Библиотечное дело: Терминологический словарь / Рос. гос. б-ка. 3-е, перераб. и доп.изд. – М., 1997. – С.45-59.
3. Гусева, Е. Н. Инновации в билиотеках страны: подходы, проблемы, проекты / Е. Н. Гусева. Библиотечное дело – XXI век:науч.-практ.пос. – 2010. – Вып. 1. – С.31- 46.
4. Карташов, Н. С. Инновационные процессы: общее и частное / Н. С. Карташов // Библиотека. – 1998. – №3. – С. 39-42.
5. Качанова, Е. Ю. Инновационная деятельность библиотек: теория, организация, методика. Дисс. док. пед. наук / Е. Ю. Качанова. – СПб, 2003. – 295 с.
6. Моргенштерн, И. Г. Обратная связь в библиотеке / И. Г. Моргенштерн – 1997. - №4. –С.72-85.

7. Пилко, И. С. Основы билиотечной техники / И. С. Пилко. – М.: Профиздат, 2003. – С. 76-93.

8. Раджабова, Н. Ш. Управление инновационными процессами в сельских библиотеках Республики Таджикистан / Н. Ш. Раджабова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. -№7. – С. 203-207.

9. Раджабова, Н. Ш. Инновационное развитие библиотек: концептуальный подход / Н. Ш. Раджабова // Доклады Академи наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – №3 (003). – С. 42-48.

10.Чуприна, Н. Т. Профессиональная инноватика как фактор развития современной билиотеки / Н. Т. Чуприна. – М., 2003. – С. 46-57.

11.Шосаидзода, С. Инноватикаи китобдорӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ / С. Шосаидзода // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби 6: маҷмӯаи мақолаҳо: Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 10-23

12.Шосаидзода, С. Фаъолияти инноватсионии китобхона: сохтор, равандҳо ва захираҳо // Китобхона дар ҷаҳони муосир: баррасии фарҳангию иттилоотӣ. – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 48-64.

Маводи электронӣ

13. Инновация. Википедия – энсиклопедияи озод [Маводи электронӣ]. Режими дастраснамоӣ: http://ru.m.wikipedia.org

14.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. 22.12.2016 [Маводи электронӣ]. Режими дастраснамоӣ: // www.http.president.tj /.

Раджабова Назира

ПРОБЛЕМЫ ИННОВАЦИОННОГО МЕНЕДЖМЕНТА В БИБЛИОТЕКАХ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматриваются различные виды определений понятия менеджмента, в том числе инновационного. Одновременно в связке с инновационным менеджментом исследователи периодически проводили исследования и опубликовали свои работы и статьи. Однако, независимо от этого, экспертам и ученым отрасли необходимо поставить в центр своих исследований все вопросы, связанные с библиотечным менеджментом, особенно инновационным менеджментом, и постоянно следить за новациями этой формы управления.

В современных условиях библиотеки страны берут на себя новые задачи. С учетом сегодняшних требований руководители библиотек играют значительную роль как профессиональные управленцы. Они должны обладать высокими руководящими и морально-этическими качествами, быть компетентными, иметь глубокие теоретические и научные знания.

Одной из важнейших задач современности в сфере библиотечного дела нашей страны является обладание высоким чувством ответственности со стороны сотрудников, ученых и исследователей данной сферы. Ответственность в научной и практической деятельности вышеуказанных лиц, умение брать на себя ответственность, принимать решения в различных ситуациях, правильное понимание сущности инноваций и их внедрение в библиотечную деятельность, регулирование различных проблем, высокая трудоспособность, устойчивость в сложных ситуациях развития библиотечной деятельности и т. д. являются одними

из важнейших характеристик профессиональных менеджеров в сфере библиотечного дела.

В связи с тем, что сфера библиотечного дела постоянно развивается, различные ее вопросы всесторонне обсуждаются отечественными и зарубежными учеными.

Ключевые слова: библиотечная инновация, маркетолог, инновационный менеджмент, технология, технологические новации, ретроинновация, реновация, социально-экономическое, дизайнер, реклама.

Radjabova Nazira

SOME ASPECTS OF STUDYING THE PROBLEM OF INTONATION MANAGEMENT IN TAJIKISTAN

The article discusses various types of definitions of management, including innovative management in the field of library issues. At the same time, in conjunction with innovative management, the researchers periodically conducted research and published their works and articles. The term «innovation management» is relatively rare in the field of library activities in Tajikistan. The reason is that these and other scientific concepts of management are considered a new phenomenon for the library sphere of the Republic of Tajikistan. However, regardless of this, industry experts and scientists need to put all issues related to library management, especially innovation management, at the center of their research and constantly monitor the innovations of this form of management.

After gaining state independence, public life, including in the field of library science, continues to develop constantly and continuously. In modern conditions, the country's libraries are taking on new tasks. Taking into account today's requirements, library managers play a significant role as professional managers. They must have high leadership and moral and ethical qualities, be competent, have deep theoretical and scientific knowledge.

In our opinion, one of the most important tasks of our time in the field of library activity in Tajikistan is the possession of a high sense of responsibility on the part of employees, scientists and researchers in this field. Responsibility in scientific and practical activities of the above persons, the ability to take responsibility, make decisions in various situations, correct understanding of the essence of innovations and their introduction into library activities, regulation of various problems, high working capacity, stability in difficult situations of development of library activities, etc, are among the most important library business.

Due to the fact that the field of library activities is constantly developing, its various issues are comprehensively by domestic and foreign scientists.

Keywords: library innovation, marketology, innovative management, innovator, modern technology, renovation, search for innovation, socio-economic, designer, advertising.

УДК: 745+72+746.3+7.048+745/749+39+677.77+(575.0)
Одиназода Бахтиёр

ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ, ТЕХНИКА НАНЕСЕНИЯ И СИМВОЛЫ ОРНАМЕНТА В ДЕКОРАТИВНО-ПРИКЛАДНОМ ИСКУССТВЕ

В статье особое место уделяется вопросам истории прикладного искусства, в частности, национальному орнаменту прошлого и современного времени. Символика, орнамент – один из древнейших видов декоративно-прикладного искусства. Этот вид искусства в Средней Азии с ранних пор существует и развивается, надо отметить, что этот вид изобразительной деятельности передаётся от поколения к поколению. Прикладное искусство, в частности, орнамент используется в женских украшениях, вышивках, резьбе по алебастру, резьбе по дереву и развивается по сей день.

Орнамент – один из древнейших видов изобразительной деятельности человека, в далеком прошлом несший в себе символический и магический смысл, знаковость, семантическую функцию. Но ранние декоративно-орнаментальные элементы могли и не иметь смыслового значения, а являться лишь отвлеченными знаками, в которых выражали чувство ритма, формы, порядка, симметрии. Основанный на неизобразительной символике, орнамент был почти исключительно геометрическим, состоящим из строгих форм круга, полукруга, овала, спирали, квадрата, ромба, треугольника и их различных комбинаций. Использовались в декоре зигзаги, штрихи, полоски, «елочный» орнамент, плетеночный («веревочный») узор. Орнамент может состоять из предметных и беспредметных мотивов, в него могут входить формы человека, животного мира и мифологические существа, в орнаменте переплетаются и сочленяются натуралистические элементы со стилизованными и геометризированными узорами. Орнаменты группируют по изобразительным мотивам на геометрический, растительный, анималистический, антропологический, каллиграфический, фантастический и т.д.

Ключевые слова: *Орнамент, искусство, прикладное искусство, символика, Средная Азия, оформление архитектуры, ремесло, растительный орнамент, зооморфный орнамент, вышивка.*

Изучение орнаментального искусства и его отдельных мотивов, как декоративно-прикладного искусства в целом, составляет один из важнейших разделов в современном искусствознании. Научный анализ генезиса и семантики символических знаков, эмблем и древней геральдики позволяет определить назначение атрибутов и художественную сущность архитектурного декора и предметов декоративно-прикладного искусства, расшифровать сюжетные композиции и целостный характер оформительского творчества, реконструировать социально-общественную среду того или иного отрезка времени [9, с.100].

Орнамент – основной способ украшения изделий декоративно-прикладного искусства. Элементы орнаментов создаются стилизацией реальных природных форм. Орнамент (лат. ornamentum – украшение) – узор, основанный на повторе и чередовании составляющих его элементов;

предназначается для украшения различных предметов (в керамике, резьбе, текстильных изделиях, ювелирных изделиях книгах и т.д.), архитектурных сооружений (как в экстерьере, так и в интерьере), произведений пластических искусств (главным образом прикладных).

Характерная черта прикладного искусства таджиков, как и большинства народов Средней Азии – это необычайно богатое развитие орнамента и скудость сюжетных мотивов, вытекавшая из исламского запрета изображать живые существа, Таджикский орнамент, как и орнамент других народов Средней Азии, можно разделить на две категории. Первая – это классический орнамент, сложившийся еще в средние века, распространенный до сих пор во всех странах мусульманского Востока – от Мавританской Испании, Египта, Турции, Ирана на западе и до Индии, Средней Азии и Восточного Туркестана на востоке. Разумеется, в каждой стране он приобретает свои локальные черты и имеет иную трактовку, свой местный колорит, но основа его всюду та же.

Орнамент – один из древнейших видов изобразительной деятельности человека, в далеком прошлом несший в себе символический и магический смысл, знаковость, семантическую функцию. Но ранние декоративно-орнаментальные элементы могли и не иметь смыслового значения, а являться лишь отвлеченными знаками, в которых выражали чувство ритма, формы, порядка, симметрии. Основанный на неизобразительной символике, орнамент был почти исключительно геометрическим, состоящим из строгих форм круга, полукруга, овала, спирали, квадрата, ромба, треугольника и их различных комбинаций. Использовались в декоре зигзаги, штрихи, полоски, «елочный» орнамент, плетеночный («веревочный») узор. Орнамент может состоять из предметных и беспредметных мотивов, в него могут входить формы человека, животного мира и мифологические существа, в орнаменте переплетаются и сочленяются натуралистические элементы со стилизованными и геометризированными узорами [7, с. 24].

Особый род орнамента представляют стилизованные надписи на архитектурных сооружениях (например, на среднеазиатских средневековых мечетях) или в книгах. Нередки сложные комбинации различных мотивов (например, геометрических и звериных форм. Рисунки на камнях, принадлежавшие к времени до появления письменности, можно отнести к орнаментам, но они не имеют защитную форму, это просто письмо или художественное изобретение первобытного человека. Если считать их одним из ранних наследий в декоративно-орнаментальном искусстве, то можно сказать, что они имеют смысловое значение, в которых выражалось чувство ритма, формы, порядка, симметрии. М.С. Андреев, путешествовавший по Памиру в XIX веке, описывает 29 видов орнаментальных мотивов: каз-аяк – гусиные лапки, тангдай – небо во рту яка, изи чычкан – след мыши, и таман – след собаки и др., названия которых позволяют судить о том, насколько тесной была связь человека и природы, и как внимательно он изучал все, что окружало его [5, с.111].

Орнаменты группируют по изобразительным мотивам на геометрический, растительный, анималистический, антропологический, каллиграфический, фантастический и т.д.

Первичной формой орнамента является технический орнамент, возникший в результате трудовой деятельности человека (фактура изделий из

глины, обработанных на гончарном круге, рисунок простейших клеток в ткани, спиралеобразные витки, получаемые при плетении веревок).

Геометрический, или линейный, орнамент гирех может быть двух видов:

сетчатый, состоящий из сочетания различных многоугольников с тупыми углами (кунд);

звездчатый, состоящий из сочетаний различных многоугольников с многолучевыми звездами (тез).

На общем фоне многоугольников обычно сильно выделяются звезды. Число лучей звезд в орнаментах гирех чаще всего бывает 5, 6, 8, 10, 12, 16 и очень редко 20 и 24.

Следует отметить, что восьми-, десяти- и двенадцатилучевые звезды почти всегда сопровождаются пятилучевыми. Семилучевые и четырнадцатилучевые звезды в таджикском архитектурном орнаменте не встречаются.

- Ясные и красивые композиции образуются в орнаментах со звездами, имеющими не более двенадцати лучей.

При большем количестве лучей орнамент перегружается густыми пересечениями линий и плохо читается, поэтому в архитектурных орнаментах чаще встречаются орнаменты с различными сочетаниями шести-, восьми-, десяти- и двенадцатилучевых звезд [11, с.13-14].

На протяжении столетий каждый обрядовый комплекс, как у таджиков, так и у других народов Средней Азии, сопровождался преподнесением даров, которыми в основном выступали изделия ремесленного производства. В этих рукотворных творениях были отражены космические, магические, религиозные представления предшествующих исторических эпох, через которые прошла обрядность. Многие изделия торевтики, вышивки, лоскутного шитья мастериц, нередко были тождественны друг другу не только по своей форме, но и семантике. Чаще всего в композиции изделий вышивки, набойки, гулбаста и др., используют геометрические фигуры: треугольник, квадрат, ромб, шестиугольник, шести- и восьмиугольные звезды, крестообразные мотивы, ступенчатые и зубчатые медальоны, прямые полосы, зигзаги, мотивы косого креста, зубчатые прямоугольники, цепочки из треугольников, вписанные друг в друга, многоугольники, а также «квадрат в квадрате», рогообразные элементы.

Изображения животных и их фрагментов играли роль оберегов и воплощали в себе добрые и злые космические силы, наполнявшее мир, влиявшие на судьбу человека как при жизни, так и в загробном мире. Козлы и бараны являлись тотемами (животное, считающееся родоначальником племени) далеких предков иранских племен и были связаны с тотемистическими пережитками. Голова барана или козла в сочетании с кольцом символизировала небо, имела значение важного символа» [2, с.112-115].

Наличие рогов в конкретном пространстве определяет его связь с космосом и его поддержку. Два рога, исходящие из одного корня, символизируют Мировой корень - Древо жизни. Столб или колонна с рогами, переставляющие Мировой столб, олицетворял универсальную ось, вершина которого уходит в небо. С эпохи бронзы эти религиозные символы были широко распространены по всему древнему миру, как главные элементы сакральных мест (мазоров), они сохранились только на

Памире, а так же в орнаменте вышивок оседлого таджикского и кочевого населения Средней Азии, прежде всего казахов.

Эти орнаменты символизировали священность человека, например корону с рогами барана одевали скифские правители и персидские цари, чтобы подчеркнуть свое божественное происхождение и связь с высшими небесами. Этот символ создавал сакральное пространство вокруг правителей. Рога – символ небес, центр универсальной гармонии и порядка.

Орнаменты типа кушкорак использовались мастерами в украшении ювелирных изделий, в рисунках вышивок, в изделиях, выполненных из дерева и кости, а крупные орнаменты – в элементах одежды, ковроткачестве и архитектурном декоре.

Бараньими головками украшали рукоятки кинжалов, застежки поясных блях , их носили на груди и у пояса в виде бронзовых булавок. Орнамент кушкорак изображался на разных предметах: на сосудах, деталях одежды, стенах зданий, на могильных памятниках и во всех материалах бронзы, керамике, резьбе по камню и дереву, в шитье.

Панча – один из популярных узоров в вышивке Кулябского региона, он состоит из одной ветки и трех лепестков, она в основном вышивается темно-зелёными или темно-синими цветами в сузани, платье и камарбанде. Данный узор можно соотнести к узору Древа жизни, мотив которого имеет историческую и семантическую ценность.

Изображения павлина, петуха и других разных птиц можно увидеть во многих произведениях декоративно-прикладного искусства, в вышивках, резьбе, ткацком искусстве и т.п. Они вышиваются разноцветными и одноцветными, судя по рисунку. Но, вышивка издревне в основном вышивалась однотонным цветом, то есть, темно-красным. Данный узор можно увидеть в рубандах Дарвазского региона. Павлин в рубанде считается основным мотивом, он стоит в центре, вышитый красным цветом. Посередине павлина можно увидеть дерево, в некоторых случаях оно вышито в виде нескольких треугольников. Павлин символизирует счастье. В некоторых композициях на фоне павлина можно увидеть несколько красных треугольников, по некоторым поверьям они символизируют детей. В нижней части вышиты геометрические рисунки, а вокруг рубанда изображаются несколько красных павлинов.

В этнографической литературе орнамент Средней Азии (таджикский) делится на две категории: «классический» (главным образом архитектурный - общего на всем мусульманском Востоке употребления) и «подлинно народный, отражающий традиционные художественные вкусы и каноны широких народных масс».

К категории «подлинно народного» искусства отнесены текстиль, набойка, вышивки, различные мелкие резные и расписные изделия, глазурованная и не глазурованная посуда и пр.

Исследователей не перестает поражать преемственность мотивов и форм сюзанэ, идущих еще от тканей древности и отложившихся в настенных картинах раннего средневековья (Варахша, Пянджикент). Ваза с цветами, букет, Древо жизни, мотивы сказочного сада, птицы на деревьях, небесные светила – целый мир поэтических символов и метафор получает здесь свое обновление и яркое сказочное звучание. В стилевом отношении очевиден сплав старого и нового, городского ремесла и домашнего с пережитками родоплеменного искусства [8, с.387-389].

В вышивках можно увидеть узор перца, который нарисован в длинном прямом или несколько изогнутом виде, в выборе цвета мастерицы свободны. Перец символизирует защиту собственника от сглаза и нечистых сил. Его больше всего можно встретить в сузани.

Использование такого геометрического узора, как тумора было тоже одним из частых явлений в декоративном искусстве. Чаще всего его можно встретить на декоративных вышивках.

Но нужно отметить одну из главных композиций в декоре Северного Таджикистана. Ислими – это классическая форма орнамента, представляет собой волнообразный побег, с поочередно отходящими от него то сверху, то снизу полупальметами. Этот популярнейший мотив древнего орнамента, где Восток встречается повсеместно, во всех видах вышивки и прикладного искусства, в том числе и в горных районах. Полупальмета сильно валируется в рисунке, иногда следуя строгой форме, иногда приобретая характер цветов любого очертания, трактованных, как в профиль, так и в фас, используя изображения стручков перца и фантастические листья. В данной композиции можно увидеть, в первую очередь, орнамент Древа жизни из связавшихся веток, перца, бутона и др., так можно сказать что все это целиком символизирует жизнь [6, с.45].

Зооморфный орнамент – этот вид орнамента иногда называют "звериным", так как он содержит изображения животных. Такой новый вид резьбы, о котором мы говорили ранее, не мог не затронуть зооморфный орнамент. С помощью специального инструмента резчикам удается передать в изображении на дереве сходство с тем или иным животным. Для этого вида орнамента характерно наличие мелких деталей, изображающих шерсть животного.

В искусстве орнамент является основным принципом построения живописного произведения. Декоративные мотивы модерна содержат в себе стилизованные водяные цветы и бутоны с узкими, длинными стеблями и листьями: лилии, кувшинки, тростник, а также цветы и бутоны ирисов, орхидей, цикламенов, хризантем; фигурки насекомых: бабочки, стрекозы; птицы: лебеди, журавли, павлины и их перья, мотивы масок с развевающимися длинными прядями волос, волн, складок развевающегося платья, лебединой шеи и др. Древний человек наделял определенными знаками свои представления об устройстве мира. Например, круг – солнце, квадрат – земля, треугольник – горы, свастика – движение солнца, спираль – развитие, движение и т. д., но они, по всей вероятности, еще не обладали для предметов декоративными качествами (часто покрывались орнаментом скрытые от глаз человека части предметов – днища, оборотные стороны украшений, оберегов, амулетов и др.). Постепенно эти знаки-символы приобрели орнаментальную выразительность узора, который стал рассматриваться только как эстетическая ценность.

Основными чертами орнаментированной керамики в Средней Азии являлись значительное разнообразие мотивов, сочетание растительного и геометрического орнамента с преобладанием геометрического, употребление в качестве украшения надписей, широкое распространение отдельных однотипных рисунков в украшении изделий различных объектов, сложные красивые декорировки, основывающиеся на простых деталях, линиях.

Изделия чаще всего орнаментировались тут же, на гончарном круге, по окончании формовки. Это связывалось и с тем, что значительная часть

орнаментов наносилась при вращении круга, образуя круговой рисунок. Достаточно полно, различные виды и приемы украшения изделия представлены в керамическом материале из Хульбука, на примере которого мы рассматриваем основные принципы орнаментации. Здесь орнаментировалась значительная часть неполивной керамики очень разнообразным способом: прочерчиванием, резьбой, росписью, налепом, штампом [10, с. 94-97].

Цель орнамента определилась - украшать. В трудах современных исследователей истории появления, бытования и использования орнамента особое внимание уделяется мотиву спирали. Из спирали древние черпали азбуку своих первых абстрактных понятий, и спираль воплощала основные закономерности природы, взаимосвязь их, логическое мышление, философию, культуру и мировоззрение древних.

Литература

1. Альбом: Народное прикладное искусство таджиков.–Душанбе, 1987.–95с.
2. Ашурмадова, Т.К. Тенденции и перспективы культурной интеграции / Т.К. Ашурмадова, Душанбе: Муаррих.– 2015.–170с.
3. Белинская, Н. А. Декоративное искусство горного Таджикистана / Н.А. Белинская. – Душанбе, 1965.– 90 с.
4. Додхудоева, Л.Н. Народное искусство Памира / Л.Н.Додхудоева.– Душунбе.–2009. –92с.
5. Додхудоева, Л.Н. Народное искусство Таджикистана / Л.Н.Додхудоева.– Душанбе, 2011.–120с.
6. Писарчик, А.К., Народное прикладное искусство таджиков / А.К. Писарчик. – Душанбе, 1987. – 95 с.
7. Пугаченкова, Г.А.,Ремпель Л.И.История искусств Узбекистана / Г.А Пугаченкова, Л.И Ремпель. – М., 1965. – 688 с.
8. Рузиев, М. Декоративно- прикладное искусство таджиков / М.Рузиев.– Душанбе, 2003. – 185 с.
9. Сайко, Э. В. История технологии керамического ремесло Средней Азии / Э.В. Сайко. – Душанбе, 1966. –208 с.
10. Юлдошев, Х.А. Архитектурный орнамент Таджикистана / Х.А. Юлдошев. – М., 1957. – 190 с.

Одинаев Бахтиёр

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ТЕХНИКАИ ОРОИШ ВА РАМЗҲОИ НАҚШУ НИГОР ДАР САНЪАТИ ОРОИШИ АМАЛӢ

Дар мақола масъалаҳои таърихи санъати ороиши амалӣ, инкишофи нақшу нигори миллӣ дар гузашта ва ҳозира баррасӣ шудааст.

Рамз, нақшу нигор яке аз намудҳои қадимтарини санъати ороишии амалӣ ба шумор меравад, ки дар Осиёи Марказӣ ривоҷу равнақ ёфтааст. Махсусан, нақшу нигор ин намуди санъат дар ороиш ва зебу зинати ороишоти занона, нақҚошӣ, гулдӯзӣ, заргарӣ гаҷкорӣ, кандакори чуб то имрӯз рушд кардааст.

Нақш яке аз навъҳои қадимтарини фаъолияти тасвирии инсон аст, ки дар гузаштаи дур маънои рамзӣ ва сеҳргарӣ, нишонӣ ва вазифаи маъноӣ дошт. Аммо унсурҳои ороишии ибтидоӣ маънои мантиқӣ надошта, танҳо аз аломатҳои абстрактӣ иборат буданд, ки ҳисси мавзунӣ, шакл, тартиб ва баробариро ифода мекарданд. Дар асоси рамзҳои ғайрирасмӣ нақш, асосан аз шаклҳои ҳандасӣ – шаклҳои қатъии доира, нимдоира, байзавӣ, ҳалазунӣ (спиралӣ), мураббаъ, ромб, секунҷа ва комбинатсияҳои гуногуни онҳо иборат буд. Дар нақш каҷмокаҷиҳо (зигзагҳо), хатҳо (штрихҳо), раҳҳо, нақшҳои «арчаи солинавӣ» ва намунаҳои бофташуда («арғамчин») истифода мешуданд. Дар тули мавҷудияти санъати ороишӣ нақшҳои гуногун: ҳандасӣ (геометрӣ), набототӣ, зооморфӣ, маҷмуӣ, аз буғумҳои одӣ сар карда, то бофтаҳои нозуку мураккаб инкишоф ёфтанд. Нақш метавонад аз ангезаҳои объективӣ ва ғайриобъективӣ иборат бошад. Ба ин ангезаҳо шакли одам, олами ҳайвонот ва мавҷудоти асотирӣ шомил шуда, унсурҳои табиӣ (натуралистӣ) дар ороиш метавонанд дар шакли печидаи мураккаб ва бо нақшҳои услубӣ ва ҳандасӣ ифода ёбанд.

Калидвожаҳо: нақш, санъат, ороиши амалӣ, рамз, Осиёи Миёна, ороиши меъморӣ, ҳунармандӣ, нақши ислимӣ, нақши зооморфӣ, гулдӯзӣ.

Odinazoda Bahktiyor

HISTORY OF ORIGIN, APPLICATION TECHNIQUE AND SYMBOLS OF ORNAMENT IN DECORATIVE AND APPLIED ARTS

The article pays special attention to the history of applied art, in particular to the national ornament of late and modern times. Symbolism, ornament, one of the oldest types of decorative and applied art.

This type of art has existed and developed in Central Asia since early times, it must be remembered that this visual activity is passed on from generation to generation. Applied art in particular ornament is used in women's jewelry, alabaster carving, wood carving and is developing to this day.

Ornament - one of the oldest types of human visual activity, in the distant past carried a symbolic and magical meaning, iconicity, semantic function, but the early decorative and ornamental elements could not have a semantic meaning, and are only abstract signs, which expressed a sense of rhythm, form, order, symmetry. Based on non-image symbolism, the ornament was almost exclusively geometric, consisting of strict circle shapes, nonyxpyra, onara, coupan, ksaupara, posoa, rpeyronausa x ux pasnaLx. combinations. Zigzags, strokes, stripes, "herringbone" ornament, braided ("rope") pattern were used in decoration. For many years of decorative art has developed a variety of types of patterns: geometric, vegetable, zoomorphic, complex, etc., from simple articulations to complex intricacies. Ornament can consist of object and objectless motifs, it can include human forms, animal life and mythological creatures, in the ornament intertwined and articulated naturalistic elements stylized with geometric patterns.

Key words: Ornament, art, applied art, symbolism, Central Asia, architectural design, craft, floral ornament, zoomorphic ornament, embroidery.

ТДУ: 78.085+008+782.1+793.3+793.31+792.8+792+39тоҷик+391.2
Мамадазимова Майрам

МУАРРИФГАРИ ХОРЕОГРАФИЯИ ТОҶИК

Дар мақола фаъолияти омузгор-мутахассиси рақси балет Ханзарифа Солиҷоновна Казакова мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Казакова солҳои тулонӣ дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ фаъолият карда, рақси балет ва рақси миллии тоҷикро тавассути сафарҳои эҷодӣ ба ҷаҳониён, хусусан дар кишварҳои Австралия, Зеландияи нав, Олмон, Австрия, Финляндия, Алҷазоир, шаҳрҳои Афинаи Юнон, Москва, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Литва ва гайра таргиб намудааст. Иштирокчии рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Узбекистон, Қиргизистон ва Туркия муаррифӣ намудааст.

Казакова дар солҳои 90-уми садаи XX дар мактаби санъати шаҳри Панчакент ҳамчун омӯзгори рақс фаъолияти худро идома додааст.

Ӯ узви ҳакамони ҷашнвораҳои телевизионӣ – озмунҳои «Андалеб» (Панҷакент, 1995), «Ғунчаҳои санъат» (Душанбе, 2002), узви ҳакамони озмуни вилоятии мактабҳои хореографии ба номи Селезнев дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад.

Х. Казакова дар якчанд намоишнома ва рақси балетро дар театрҳои кишвар, ҳамчунин дар Театри шаҳри Новосибирск ба саҳна гузоштааст. Дар баробари ин ӯ ба кори илмӣ машгул гардида, як қатор мақолаҳои илмӣ ва рисолаҳои «История хореографического искусства Таджикистана (бо ҳаммуаллифии Н. Кличева), "Великое счастье балерины» ва гайраро ба табъ расонидааст.

Айни замон Х. Казакова дар Донишкадаи давлатии фарханг ва санъати Тоҷикистон ҳамчун мутахассис хореограв ба ҷавонон аз санъати рақс дарс медиҳад.

Калидвожа: *балет, рақс, миллӣ, театр, донишгоҳ, С. Айнӣ, либос, таҳсил, муассиса, саҳна, опера, фарҳанг, гурӯҳ, нақш, балетмейстр, балерина, истеъдод, санъат.*

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар таваҷҷуҳ ба бонувон, ба омӯхтани илму дониш фаро гирифтани духтарон ва тибқи квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ қабул кардани онҳо нишонаи возеҳи ғамхории Хукуматии ҷумҳурӣ нисбат ба зан – модар маҳсуб мегардад.

Дар партави дастуру супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумитаи занон ва оилаи наздӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии занон тадбирҳои гуногун андешида мешавад. Аз ҷумла, ҳамасола аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба фаъолияти бонувони олимаи кишвар дар мавзуи "Дастовардҳои илмии олимаҳои тоҷик дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад. Яке аз ин гуна чорабиниҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, ки иштирокчиёни он бо фаъолияти илмию омӯзгории олимаҳои Донишкадаи далатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон (ДДФСТ) ба номи Мирзо Турсунзода аз наздик шинос шуданд.

Дар ин боргоҳи илму фарҳанг дар қатори бонувони олима санъаткорони собиқадор, ҳунармандон низ фаъолият доранд, ки ба ҷавонон ва мутахассисони ояндаи соҳаи санъати миллӣ дарси маҳорат меомӯзанд.

Дотсенти шуъбаи хореографияи ДДФСТ, балерина Ханзарифа (Земфира) Салиджановна Казакова аз ҷумлаи чунин ҳунармандон буда, дорои таҷрибаи ғанӣ дар соҳаи балет мебошад. Ӯ дар тарғиби рақси миллӣ ва ба саҳнагузории спектаклҳо, намоишҳои балет ва рушди соҳаи рақс дар Тоҷикистон аз саҳмгузорон буда, иштирокчии як қатор сафарҳои ҳунарӣ ва муаррифкунандаи рақси миллӣ дар хориҷи кишвар аст.

Ханзарифа соли 1948 дар оилаи зиёӣ ба дунё омад, овони кудакӣ ду сол дар мактаби миёнаи №2 воқеъ дар маркази шаҳри Душанбе тахсил кардааст. Падари ӯ Казаков Солиҷон дар Вазорати хоҷагии қишлоқ дар вазифаи мудири шуъбаи (ревизор) фаъолият намуда, шахси обруманд буд.

Соли 1958 Вазорати фарҳанг (маданият)-и Тоҷикистон оид ба ҷалби кӯдакони болаёқат ба таҳсил дар шаҳри Маскав озмун эълон мекунад ва озмуни тахассусӣ оид ба балет дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ баргузор гардид. Модари Ханзарифа ӯро барои иштирок дар озмун ба театр овард, ки дар он ҷо кӯдакони зиёд бо ҳамроҳии волидонашон ҷамъ омада буданд. Он вақт Ханзарифа ҳамагӣ нуҳ сол дошт.

Ба интихоби бачагони боистеъдод сарбалетмейстри театр, Артисти халқии РСС Тоҷикистон Ғаффор Рустамович Валаматзода роҳбарӣ мекард. Вақте ки Ханзарифаи нуҳсола вориди толор шуд, ӯро як балеринаи театр ба зиммаи худ гирифт. Балерина аз Ханзарифа хохиш намуд, то ки вай як жанри балет - «мостик»-ро (ба қафо хам шудан) иҷро намояд. Ҳангоми иҷрои машқи мостик Ғаффор Рустамович бо овози баланд гуфт: «… ана! духтар чи гуна қобилият дорад! Мана ин истеъдод...». Дар анҷоми озмун Валаматзода натиҷаи озмунро эълон кард.

Маълум гардид, ки беш аз 20 нафар кӯдакон, аз ҷумла Ханзарифа низ барои идомаи таҳсил ба шаҳри Маскав фиристода мешаванд. Барои балеринаи оянда таҳсил дар шаҳри Маскав ва муошират бо мутахассисони соҳаи рақси балет оғози бахти калон буд[1].

Дар мактаби Маскав ӯро аксар вақт дар намоишҳои Театри Калон ва Театри дуюми операи Маскав ба номи К.С. Станиславский ва В.И. Немирович-Данченко дар қатори гурӯҳи кӯдакона барои иштирок ба намоишҳо даъват мекарданд. Ҳамин тавр, Ханзарифаи хурдакаки тоҷикистонӣ дар Театри Калони шаҳри Маскав пойтахти СССР баромад мекард.

Чи қадар хушбахт буд, вақте ки дар саҳнаи театр балеринаҳои машҳури ҷаҳонӣ ва нахустнамоиши балетро медид. Ӯ ҳатто дар балети машҳури «Гули сурх» дар сахнаи «Хоб» иштирок кард, ки дар он нақши асосии Тао Хоарро балеринаи шуҳратёр – Галина Сергеевна Уланова бозида буд. Ин аввалин баромади Ханзарифа дар саҳнаи калон бо либос ва пойафзоли махсуси балетӣ буд, ки дар саҳна бо меҳр ва муҳаббати беандоза иҷро кард ва то ҳол оид ба он лаҳза бо ҳаяҷон сухан меронад.

[1] Аз суханронӣ ва хотираҳои Х. Казакова, 9 июли соли 2023

Дар он вакт репетитори намоишномаҳои бачагонаи Театри Калони шаҳри Масква Елена Георгиевна Чикваидзе, собиқ балерина, ҳамсари сарбалетмейстри Театри Калон Леонид Михайлович Лавровский буд. Аз фанни рақси классикӣ омӯзгори ҷавон Жемчужина Елена Николаевна, рақсӣ халқӣ-саҳнавӣ — Евгения Герасимовна Фарманянтс, рақси таърихӣ-маишӣ Малаховская Екатерина Брониславовна таълим медоданд. Муаллимон доим таъкид мекарданд «…бояд ҳар як рақс ба таври махсус иҷро карда шавад!- он гоҳ тамошобин ба рақс шавқу ҳавас пайдо мекунад, ки ин ҳаракатҳо танҳо ба рақҳоса хос» [1, с.21].

Баъди хатми омӯзишгоҳ ӯ ба шаҳри Душанбе баргашта, солҳои 1965-1970 фаъолияти худро дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ идома дод ва дар нақшҳои гуногун ҳунарнамоӣ кард.

Соли 1970 ӯро ба яке аз беҳтарин театрҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар шаҳри Новосибирск даъват карданд ва дар ин Театр то соли 1974 фаъолият кард. Баъдан солҳои 1974-1981 дар ҳайати дастаи балети Театри ба номи С. Айнӣ фаъолият намуда, аз соли 1981 то соли 1983 дар Алҷазоир дар сафари корӣ буд. Солҳои 1983-1988 дар Донишкадаи давлатии санъати Маскав ба номи А.В. Луначарский дар факултаи балетмейстерӣ таҳсил кардааст.



Ӯ ба кишварҳои Австралия, Зеландияи нав, Ҷумҳурии демократии Олмон, Австрия, Финляндия, Алҷазоир, шаҳри Афинаи Юнон сафарҳои эҷодӣ намуда дар назди меҳнаткашони деҳот, сарбозон, талабагони мактабҳои махсус, заводу фабрикаҳо ва беморҳонаҳо бо рақси балет ва рақси миллии тоҷикӣ ҳунарнамоӣ кардааст[2].

Рақс яке аз касби қадима ба ҳисоб меравад. Беленицкий А.М. дар бораи рақҳосаҳои даврахои қадим овардааст: “... шаддаву ҳалхолҳои зиёд ва шалвори аҷоибдухти маҳину нозук ба қомати расову болои рақҳоса боз як ҳусни барзиёде мебахшад. Инчунин Рифтан Б.Л. ҳайкалҳои рақҳосаҳои Панҷакент муҷассамаи он муҷизакороне мебошад, ки аҷнабиён онҳоро “гирдоби гашти духтар” меномидаанд, Рақҳосаҳои Кеш, Маҳмурҳ алалхусус рақҳосаҳои Самарқанд ниҳоят машҳур будаанд” [2. с.313].

Казакова дар тӯли фаъолияти эҷодиаш ба ҳодисаю вақеаҳои зиёди хотирмон рӯбарӯ гардидааст, ки яке аз онҳо саҳнаи иҷрои рақси тоҷикӣ дар Олмон мебошад. Рақси тоҷикӣ, ки дар либоси миллӣ дар кишварҳои хориҷа иҷро карда мешуд, муаррифгари миллати тоҷик буд, тамошобинон ба он баҳои баланд доданд. Зебоии рақси тоҷик дар либоси миллии тоҷикӣ, хусусан ҳангоми ба бар кардани камзулчаи зардӯзии миллӣ ва зулфи рӯи

[2] Аз суханронӣ ва хотираҳои Х. Казакова, 9 июли соли 2023

духтари тоҷик дар симои балерина Ханзарифа ҷозибаи ба худ хосро пайдо намуд.

Либоси миллии тоҷикӣ ва ороишоти миллӣ дар сафари эҷодӣ дар Олмон бинандагонро мафтун сохт. Либос ва ороишоти миллии тоҷикӣ ба қомати нозуки Ханзарифа то ба андозае шинам буд, ки баъд аз анҷоми сафари ҳунарӣ дар Олмон рузноманигорони олмонӣ Рената Вольфрам ва Марион Кёдель дар рӯзномаи “Юнге Вельт” бахшида ба фарҳанги тоҷик ва асбоби мусиқии доира, ки моҳирона навохта мешуд, тоқии зардузӣ ва зулфи рӯи раққоса ҳусни барзиёд илова мекард, мақола ба чоп расониданд. Ин мақоларо рӯзномаи «Комсомолец Таджикистана» бозчоп намуд [Ниг. 9].

Аз иҷрои рақси балет Ханзарифа қонеъ нагашт ва соли 1983 ба Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А.В. Луначарскийи шаҳри Москва ҳуҷҷат супорида, донишҷӯи факултаи балетмейстерии ин Донишкада гардид. Соли 1988 бо хатми Донишкада ба Театри Опера ва балети ба номи С. Айнӣ, ки “дар тарғиби асарҳои нависандагони бузурги ҷаҳонӣ ва тоҷик саҳми босазо гузоштааст” [7, с. 264], баргашт.

Казакова Х. шахси масъулиятшинос, фидокори санъати хореография буда, нақшҳои эҷодии композитсияҳои хореографиро дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ ба роҳ мондааст. Ӯ ҳамчун балетмейстер–таҳиягар аз рӯйи асарҳои «Фарёди дуриҳо»-и Т. Сатторов, рақсҳо дар операҳои «Парии обӣ»-и («Русалка») А. Даргомижский, «Аида»-и Ҷ. Верди, «Кармен»-и Ҷ. Бизе, «Секрет любимых оперет» ва ғайраро дар Театри русии драмавии ба номи Владимир Маяковский ва дар кафедраи хореография дигар балетҳоро ба саҳна гузоштааст.

Ҳамчунин дар нақши Береника ва рақс бо мор («Шабҳои Миср»-и А. Аренский), Лусия дар «Мухаббат - афсунгар»-и М. Де Фаля, “Шоҳ духтар Флорина ва Пари алмоси суфта” дар балети «Нозанини хуфта»-и П. Чайковский, “Кармен”-нақши асосӣ дар «Болеро»-и М. Равел, Па-де-де Диана ва Актеон «Эсмиралдо»-и С. Пуни, Гамзатти дар «Баядерка»-и Л. Минкус ва нақши асосӣ дар «Шопениана», «Буратино» ва ғайра ҳунарнамоӣ кардааст.

Бо даъвати Вазорати фарҳанги (маданияти) ИҶШС дар рӯзҳои адабиёт ва санъати Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар шаҳри Москва, ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қирғизистон ва Литва иштирок ва ҳунарнамоӣ кардааст. Солҳои баъдӣ дар филмҳои бадеии “Тоҷикфилм” рақси балетро иҷро намудааст.

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар қатори дигар соҳаҳо ба соҳаи бойгонидорӣ низ таваҷҷуҳ зиёд гардид. Яке аз муассисаҳои таърихӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, ки дар кори ҳифзу нигоҳдории ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ – киносурат, фоноҳуҷҷат дар ҷумҳурӣ саҳми калон дорад, Бойгонии марказии давлатии ҳуҷҷатҳои аксу садо ва синамои Ҷумҳурии

Тоҷикистон (БМД ҲАСС ҶТ) мебошад. Дар бойгонии мазкур мероси аудиовизуалии миллат, аз ҷумла суратҳуҷҷатҳо, киноҳуҷҷатҳо, видеоҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои сабтӣ, овозӣ ва аксии аз солҳои 20-уми асри ХХ то имрӯз ҳифз ва нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Дар Бойгонии марказии давлатии ҳуҷҷатҳои аксу садо ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хазинаи киноҳуҷҷатҳо филми “Рустами достон” (“Сказание о Рустаме”) нигоҳдорӣ мешавад. Дар ин филм ғалабаи Рустамро бо тантана ҷашн мегиранд ва дар он ҷо раққосаҳо низ ҳунарнамоӣ мекунанд. Аз ҷумла Х. Казакова бо рақси зебои балет ва қади нозук дар назди Рустам “Рақс бо кабутар”-ро бо маҳорати баланд иҷро кардааст.

Солҳои 90-уми асри ХХ дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (1990-1993) ба ҳайси мудири қисми таълим фаъолият ва солҳои 2000-2005 дар вазифаи дотсенти кафедраи хореография кор кардааст. Ӯ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра доир ба санъати рақси тоҷик ҳамеша фаъолона ширкат меварзад. Зиёда аз 40 мақолааш дар рӯзномаю маҷаллаҳои ватанию хориҷӣ ба табъ расидааст, ки аз санъати волои рақс, асарҳои хореографӣ ва дигар жанрҳои рақсӣ ҳикоят мекунанд.

Муаллима Казакова бо омузгорони соҳибихтисос ҳамкориро ба роҳ монда, як қатор дастуру барномаҳои фанҳои тахассусӣ, аз ҷумла: рақси таърихи-маишӣ, рақси халқӣ-саҳнавӣ, оид ба таърихи костюм, таърихи санъати рақси тоҷикро руи чоп овардааст. Дастури методии «Айём, либос, рақс», монографиҳои «Таърихи санъати хореографияи Тоҷикистон» [3], «Хушбахтии бузурги балерина» [4, С. 36-37] бозгӯи муҳаққиқи таърихи рақс ва фарҳанги тоҷик будани ӯст.

Казакова Х. солҳои 2006-2008 ба ҳайси мутахассиси пешбар дар Раёсати санъати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи рақс саҳм гузошт. Соли 2007 дар пойтахти Юнон бо ташаббуси ЮНЕСКО, Вазорати фарҳанги Юнон ва ҳокимияти шаҳри Афина дар театри рақсии тобистонаи “Дора Страту” дар мавзуи “Раққосаҳо бидуни сарҳад” конгресси байналхалқӣ доир гардид. Дар Конгресс аз чиҳил давлати дунё дусаду панҷоҳ нафар иштирок намуданд. Дар ин конгресси бонуфуз бори аввал аз давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол Х.Казакова дар мавзуи “Балети классикӣ дар Тоҷикистон” суханронӣ намуда, иштирокчиёнро бо санъати пурғановати рақси тоҷик ошно сохт. Ин конгресс имкон дод, ки Х. Казакова ҳамчун намояндаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аъзои Шурои умумиҷаҳонии рақс пазируфта шавад ва соҳиби шаҳодатномаи он гардад [5].

Ӯ ҳамчун дотсенти кафедраи хореографияи факултаи санъати мусиқӣ - мардумии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода ва ҳамкор-ходими калони илмӣ дар Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Вазорати фарҳанги Чумҳурии Тоҷикистон солҳои зиёд кор кардааст.

Муаллима шахси хоксору фурутан буда, бо донишу таҷрибаи зиёд, истеъдеди баланд ва ҳунари волои эҷодӣ ба гирифтани аксҳои хотиравӣ мароқ зоҳир накард, бо вуҷуди ин аксҳои муаллимаро дар рӯзномаву маҷалла ва китобҳо дидан мумкин аст. Ба гуфти суратгири чирадаст З. Дахте “... агар санъати балетро ба пленка акс гирифта нашавад, дар он ҳолат аз он танҳо достон ва хотираҳо мемонад [3, с. 266]. Маҳз ба шарофати ҳуҷҷатҳои аксию сабти наворҳо имрӯз оид ба ҳунарнамоии Ханзарифа

маълумотҳои нодир дастрас менамоем. Суратҳои саҳнавие, ки асосан дар рафти спектаклҳо гирифта шудаанд, имрӯз аз назокати балет ва рақси тоҷик бештар иттилоъ медиҳанд.

Н. Х. Нурҷонов ба истеъдод ва рақси Ханзарифа баҳои баланд дода, навиштааст: «Аз ду иҷрокунандаи роли Люсия дар балети «Мухаббат - афсунгар аст» (“Любовь – волшебница”) балерина Казакова Х. маълумоти хуби рақс ва ҷолибияти ҳақиқиро кашф кардааст» [7, с. 264].

Қобили қайд аст, ки спектакли мазкур бори нахуст соли 1895 дар шаҳри Петербург дар Театри Мариин ба саҳна гузошта шудааст, ки дар кори омода намудан ва ба саҳнагузории он ду нафар балетмейстр Мариус Петипа ва Левь Иванов саҳми назаррас гузоштаанд.

Оид ба рушду такомули санъати рақси тоҷикӣ ва санъати балет мутахассисони соҳа – олимони тоҷик корҳои таҳқиқотӣ анҷом додаанд. Дар илми санъатшиносии тоҷик саҳми доктори илмҳои санъатшиносӣ Низом Нурҷонов бузург аст. Моҳи феврали соли 1977 дар шаҳри Москва 100-солагии балети нахустини Чайковский “Лебединное озеро” васеъ ҷашн гирифта шуд. Н. Нурчонов оид ба балети “Лебединное озеро” суханронӣ намуда, ҳангоми номбар кардани ҳунармандони балет, хусусан ба саҳми балерина Х.Казакова таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, афзудааст: “... аз соли 1947 то солҳои 90-уми асри ХХ дар репертуари театр “Лебединное озеро” борҳо ба саҳна гузошта мешуд, лекин артистони балет тағйир меёфтанд, шахсан Казакова аз ин гуна истеъдодҳо ба назар мерасид. Сол то сол эъҷози Чайковский дар ҷозибаи рақси балет дар ҷаҳон намоён мешуд. Рақси классикии шоҳдухтар “Флорина ва кабутари кабуд” (“Флорины и Голубой птицы”) Л. Гусакова ва В. Алибоев нақши гурбачаи сафеди бозингарро Ш.Турдиева бозидааст. Дар спектакли “Нозанини хобрафта” (“Спящая красавица”) як қатор раққосон ва балеринаҳо, аз ҷумла М. Бурҳонов, К. Холов, Б. Ҷурабоев, А. Азаров, З. Закаева ва Х. Казакова низ дар нақшҳои гуногун моҳирона ва бо истеъдод репертуари балетро такмил медоданд [7, с. 264].

Санъатшинос Н. Нурҷонов на танҳо ба рақси балет ва қаҳрамонони асар ва спектаклҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, балки ба рақси мардон низ дар офаридани балет диққати ҷиддӣ додааст. Рақси шодмонӣ ва сурурро одатан мардҳо иҷро мекунанд. Онҳо миёни худ доим дар мусобиқа буда, ғалабаро бо рақс нишон медиҳанд. Яке аз тарбиятгирифтагони театр, ки ҳангоми ба театр омадан хеле ҷавон буд Сулаймон Раҳимов мебошад. Ӯ рақси мардонаи тоҷикро бо санъати ба худ хос иҷро кард. Будани ӯ дар саҳна ба ҳамагон фараҳбахш буд.

Дар рақси “Малика-парии беша” дар асари “Хоби Дон Кихот” (“Сон Дон Кихота”) Нурҷонов он балеринаҳоеро номбар кардааст, ки дар санъати балет беҳтарин нақшро офаридаанд. Дар қатори мутухассисони балет Ш.Турдиева, Н. Зимина, Л. Федичкина, Г. Лапа, Н. Степанова, албатта Х. Казакова низ васф шудааст. Ин балеринаҳо нақши Дулсинаро, ки ба дили Дон Кихот ҷой гирифта, муҳаббати онро сазовор гардида буд, бо маҳорати баланд иҷро карда буданд [1, с.39].

Тавре ишора рафт, Казакова солҳои 2000-2005 дар вазифаи мудири кафедраи хореографияи ДДФСТ кор кардааст.

Дар ин солҳо фаъолияти тарбиявию эҷодии коллективи педагогӣ ва дастаи донишҷӯён пурзӯр гардида, кори идоракунӣ ба низом дароварда шуд. Дар консертҳои ҳисоботии донишкада, ки дар Театри опера ва балети

ба номи С. Айнӣ барпо мегардид, кафедра ду номера: сюита ва рақси соло тайёр мекард. Муаллима бо ҳамроҳии муаллимони пуртаҷриба Б. Темиров, К. Мирзоева, Н. Захарова, Г. Қурбонова мутахассисони ҷавон Туҳфа Наботова ва Убайдулло Мамадалиевро ба таҳияи сютаҳо ҷалб намуд. Сюитаҳо бо мусиқии классикӣ ва мусиқии бастакорони имрӯзаи Точикистон ба саҳна гузошта шуданд.

Рӯзи 11 декабр соли 2018 дар толори Театри таълимии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода маҳфили эҷодӣ, таҳти унвони «Ситорае аз олами балет» бахшида ба 50-солагии фаъолияти эҷодии дотсенти кафедраи хореографияи факултети санъати мусиқии мардумӣ Ханзарифа (Земфира) Казакова доир гардид. Ба тамошобинон барномаи консертӣ пешкаш карда шуд, ки дар он донишҷӯёну омӯзгорони кафедраи хореография, солистони пешқадами балети театр, донишҷӯёни коллеҷи хореографии ба номи М. Собирова, ҳунармандони ансамблҳои рақсии Душанбе ширкат варзиданд.

Раёсат, коллективи устодон ва донишҷӯёни донишкада ба муаллима барори кори эҷодиро хоста, таманнои он мекунанд, ки самои санъат ва фазои рақси классики точик бо шуълаи тобони ин ахтар дурахши ҷовидонӣ гирад.

Адабиёт

1. Бочарникова, Э. Тем, Кто любит балет / Э. Бочарникова, Г. Иноземцева .– Москва: Русский язык, 1979.– С16-39.
2. Ғафуров, Б. Точикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров.– Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.– 780 с.
3. Казакова, Х. История хореографического искусства Таджикистана / Х. Казакова.– Душанбе: Дақиқӣ.– 2014.– 368 стр.
4. Казакова, Х. Великое счастье балерины / Ҳ. Казакова .– Душанбе: Эр-Граф, 2022.– 236 с.
5. Навидҳои фарҳангӣ // Фарҳанг ва ҳунар.–2008.– № 4 (русӣ)
6. Нурджанов, Н. Олами беканори рақси точик (очерки таърихи-назари) / Н. Нурчонов – Душанбе.- 2004.- 337 с. (Рифтин Б. Л. Из истории культурных связей Средней Азии и Китая (II в. до н.э. - VIII в. н. э.) – Проблемы востоковедения.– 1960.– № 5.– С. 126.
7. Нурджонов, Н.Х. Опера и балет Таджикистана Н. Нурджонов.– Душанбе, 2010.– 424 с.
8. Нурчонов, Н.Х. На сцене балетные этюды // Коммунист Таджтикистана.– 1969, 25 март.
9. Рената, В., Марион К. Салом меҳмонон, табриккунандагон // Noes Nachrichten. –1974, 28 октяб. Доира ва балет // Комсомолец Таджикистана.–1974.– 29 ноябр.
10. Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касби барои факултаи фарҳангшиноси шуъбаи рақс / Тартибдиҳандагон Ф. Мирахмедов, З. Казакова. – 2014.– 22 с.
11. Туйчизода, Н. Аз 250 нафар иштирокчии конгресс яктоаш точикистонӣ буд // Чархи гардун.–2007.– 4 октябр.– №40 (580).

Мамадазимова Майрам

ОЗНАКОМИТЕЛЬ ТАДЖИКСКОЙ ХОРЕОГРАФИИ

В статье рассмотрены сведения о солистке балета, педагоге-хореографе Ханзарифе Салиджановне Казаковой и ее научно-исследовательских работах, связанных с ее деятельностью. Казакова Х. С. работала в Театре оперы и балета имени С. Айни – исполняла сольные, главные и вторые партии в балетах. С 1991 года перешла на преподавательскую работу в Таджикский государственный институт искусств имени М. Турсунзаде. Участвовала в Днях культуры Таджикистана в Москве, Узбекистане, Кыргызстане и Литве, а также в гастрольных поездках за рубежом (Австралия, Новая Зеландия, Финляндия, Австрия и др.). В Германии, участвуя в международной программе, Казакова произвела неизгладимое впечатление на немецкую публику, а журналисты Рената Вольфрам и Марион Кёдель опубликовали в газете «Юнге Вельт» статью об исполнительском мастерстве артистки и мастере игры на музыкальном инструменте – «дойра» А. Алаеве.

Казакова Х. С. неоднократно приглашалась в Хореографический колледж имени М. Сабировой в качестве председателя Государственной экзаменационной комиссии. Также являлась членом жюри телевизионных фестивалей-конкурсов в Таджикистане и конкурса хореографических училищ имени Селезнева в городе Алматы, Республика Казахстан. Интересно заявила о себе как постановщик танцев и сцен в оперных спектаклях и др. постановках на сцене Театра оперы и балета имени С. Айни и Русского драмтеатра имени Вл. Маяковского в Душанбе. С удовольствием вспоминает о своей работе в Академическом театре оперы и балета города Новосибирска (1970-1974), о работе с репетиторами театра – Л. А. Гусевой, С. Г. Ивановым и Ф. Г. Кайдани, а также с балетмейстером И. Г. Есауловым, которые способствовали творческому росту артистки.

Казакова Х. С. является автором ряда научных статей и монографий «История хореографического искусства Таджикистана: очерки» (2014) и книги, посвященной 80-летию Народной артистки СССР Малики Сабировой: «Великое счастье балерины» (2022) и др. В настоящее время Казакова Х. С. в должности и. о. доцента продолжает вести предметы по специальности на отделении хореографии в Таджикском государственном институте культуры и искусств имени М. Турсунзаде, передавая молодому поколению свои знания и опыт.

Ключевые слова: балет, танец, национальный, театр, вуз, красивое, С.Айни, одежда, образование, учреждение, сцена, опера, культура, группа, роль, хореограф, балерина, талант, искусство.

Mamadazimova Mayram

INTRODUCTOR OF THE TAJIK CHOREOGRAPHY

The article discusses information about the ballet soloist, teacher-choreographer Khanzarifa Salijanovna Kazakova and her research work related to the Tajik choreography. Kazakova Kh. worked at the Opera and Ballet Theater named after S. Aini, as a soloist and also performed main and second roles in ballets. Since 1991, she began teaching at the Tajik State Institute of Arts

named after M. Tursunzoda. She participated in the Days of Culture of Tajikistan in Moscow, Uzbekistan, Kyrgyzstan and Lithuania, as well as on tours abroad (Australia, New Zealand, Finland, Austria, etc.). In Germany, participating in an international program, Kazakova made an indelible impression on the German public, and journalists Renata Wolfram and Marion Ködel published an article in the newspaper "Junge Welt" about the performing skills of the artist and the master of playing the musical instrument - "doira" A. Alaev.

Kazakova Kh. was repeatedly invited to the choreographic college named after M. Sabirova as Chairman of the state examination commission. She was also a member of the jury of television festivals and competitions in Tajikistan and the competition of choreographic schools named after Seleznev, in the Almaty city, Republic of Kazakhstan. She interestingly stated herself as an instructor of dances and scenes in opera performances and other productions on the stage of the Opera and Ballet Theater named after S. Aini and the Drama Theater named after V. Mayakovsky in Dushanbe. She recalls with pleasure her work at the Academic Opera and Ballet Theater of Novosibirsk (1970-1974), his work with the Theater's tutors - L.A. Guseva, S.G. Ivanov and F.G. Kaydani, as well as with choreographer I.G. Esaulov, who contributed to the creative growth of the artist.

Kazakova Kh. is the author of many scientific articles and monographs "History of the choreographic art of Tajikistan: essays" (2014) and a book dedicated to the 80th anniversary of the People's Artist of the USSR Malika Sabirova: "The Great Happiness of a Ballerina" (2022), etc. Currently Kazakova Kh. Works as the Associate Professor at the Choreography department of the Tajik State Institute of Culture and Arts named after M. Tursunzoda, and continues to teach special subjects sharing her knowledge and experience to students.

Keywords: Khanzarifa Kazakova, ballet, dance, theater, education, stage, opera, culture, role, choreographer, ballerina, talent, art.

ТДУ: 784/4 (575.32)

Каримзода Саъдулло

МАВҚЕИ СОЗИ МУСИҚӢ ДАР СУННАТҲОИ ФАЛАКХОНӢ: АНЪАНАИ ФАЛАКИ ПОМИРӢ

Дар ин таҳқиқот мавқеи сози мусиқӣ дар суннати фалакхонии Бадахшон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳар як соз аз рӯйи сохт, шакл, хусусиятҳои садобарорӣ ва мавқеъ дар суннати фалакхонӣ таҳлил мегардад. Дар суннати созтарошиву навозандагӣ навъҳои гуногуни рубоб – рубоби помирӣ, рубоби кобулӣ, баландзиком, баландмақом, рубоби бадахшонӣ, қумрӣ, рубобча маъмуланд. Имрӯз дар амалияи мусиқии суннатӣ ду навъи рубоб – рубоби помирӣ ва баландзиком (танбӯр) мавқеи хосса доранд.

Баландзиком як навъ сози маъмул дар суннати фалаки помирӣ мебошад. Дар баъзе маҳалҳои Бадахшон онро танбӯр мегӯянд. Баландзикомро дар суннати фалакхониву мадҳиясароӣ ҳамеша истифода мебаранд. Зимни навозиши ансамблро ҳамеша пурра месозад. Вобаста ба хусусияти доштааш он функсияи садои бам (бас)-ро ичро мекунад.

Рубоби бадахшонӣ ҳамчун сози тории мизробӣ дар қатори рубобҳои Бадахшон маъмул гардидааст. Сетор сози тории қадимаи халқи тоҷик буда, бо нохун ва мизроб навохта мешавад. Он ҳамеша якканавозиро мепарастад. Зимни ансамблнавозӣ бо рубобу даф ва ғиҷак тавъам мешавад.

Одатан дафро ҳам занон ва ҳам мардон истифода мебаранд. Хусусан занҳои Бадахшон онро дар қатори мардон моҳирона мезананд. Суннати дафзанӣ байни мардони Бадахшон низ хеле рушд кардааст. Зимни мадҳияхониву фалакхонӣ дафзанӣ мақеи хосса дорад. Хусусан дар иҷрои «дафсоз» гурӯҳи мардон як хел дафро зада, дар як маврид сурудҳои тӯйёнаро пайдарпай иҷро мекунанд. Дафзании мардҳо зимни иҷрои «дафсоз» ба таври унисон садо медиҳад, ки он аз зарби суст оғоз шуда бо зарби тез анҷом меёбад.

Калидвожаҳо: *рубоб, рубоби помирӣ, баландзиком, баландмақом, рубоби бадахшонӣ, даф, сетор, дафсоз, танбӯр, мизроб, зингак*

Бадахшон минтақаи дорои фолклори ғанӣ аст. Ҷамъоварии ин фолклор аз тарафи олимон дар охири асри Х1Х, анақтараш соли 1898 аз тарафи А.А. Семенов ба амал омадааст. Дар ҷодаи мусиқӣ аввалин маълумот дар бораи асбобҳои мусиқии помирӣ аз тарафи И.И. Зарубин соли 1814 оғоз гардид. Инчунин ба асбобҳои мусиқии помирӣ олими немис А. Шултс дар китоби худ «Тоҷикони помирӣ» маълумот овардааст. Дар давраи шуравӣ ин иқдомҳои аввалин идомаи худро меёбад. Соли 1937 мусиқишинос-фолклоршинос Романовская Е. шакли мусиқии афсонаи «Тошбек ва Гулқурбон»-ро сабт намудааст [Ниг. 4, с. 6]. Минбаъд композиторони русе, ки ба Тоҷикистон ба кор омаданд, ба омӯзиши мусиқии помирӣ сару кор доштаанд.

Дар ин ҷода, қабл аз ҳама, китоби бисёрҷилдаи Кароматов Ф.М., Нурҷонов Н.Ҳ. «Музыкальное искусство Памира»-ро ном гирифтан зарур аст. Онҳо ба душвории шароити сабт, мушкилии роҳи Душанбе – Бадахшон, калонҳаҷмии техникаи сабтии онвақта нигоҳ накарда, тайи солҳои 1969-1971 ба деҳаву ноҳияҳои гуногуни Бадахшон сафар карда, тавассути экспедитсияҳо маводи мусиқии Помирро ҷамъоварӣ намуданд. Натиҷаи кори ин ду олим бори нахуст дар ду ва бори дувум дар се ҷилди «Музыкальное искусство Памира» чоп гардид. Ин се ҷилд ҳамаи маводи ҷамъовардаро дар бар гирифта натавонист. Бори охир дар панҷ ҷилд – 2010 (ҷилди 1,2,3), 2014 (ҷилди 4) ва 2015 (ҷилди 5) чоп гардид. Инчунин, экспедитсияи мусиқӣ-этнографии Фалак моҳи июли соли 2017 бо роҳбарии Саъдулло Каримзода дар минтақаи Кӯлобу Бадахшон гузаронида шуд. Экспедитсияи мазкур дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб (ш. Кӯлоб, н. Восеъ, Муъминобод, Шамсиддини Шоҳин, Ҳамадонӣ) аз 17 июли соли 2017 оғоз гардид. Дар ин минтақа ҳамагӣ 26 ҳунарманд ва дар минтақаи Бадахшон (ш. Хорӯғ, н. Шуғнон, Рошткалъа, Ишкошим, Рушон, Ванҷ, Дарвоз) 30 ҳунарманд сабт карда шуд. Натиҷаи кори гурӯҳи экспедитсионӣ ба сифти дастури таълимии «Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ» чоп гардид [2].

Дар таҳқиқоти мо мавқеи сози мусиқӣ дар суннати фалакхонии Бадахшон мавриди амал қарор мегирад. Ҳар як соз аз рӯйи сохт, шакл, хусусиятҳои садо ва мавқеъ дар суннати фалакхонӣ таҳлил мегардад.

Рубоби помирӣ – сози бунёдии фалаки помирӣ мебошад. Таърихан дар суннати мадҳиясароиву фалакхонӣ истифода шуда, мавқеи асосӣ дорад. Аз чӯби яклухти зардолу тарошида мешавад. Аз даста, коса, пӯст, торгир, харак, хазина, торхона, гӯшак ва шаш тор иборат аст. Тори шашум зингак ном дорад.

Рӯйи косаро бо пӯсти барзагов рӯкаш мекунанд. Бо захмак (мизроби чӯбӣ) навохта мешавад. Рубобро дар забонҳои гуфтугӯии аҳолии Шуғнон, Ишкошим ва Рӯшон “Раббоб” мегӯянд [12, с. 6]. Муҳаққиқ Н. Миронов рубобро ҳамчун сози қадимаи мардуми Бадахшон дониста, шакл, сохт ва тарзи ҷӯри онро нишон медиҳад [9, с. 25-26]. Муҳаққиқон Файзулло Кароматов ва Низом Нурҷонов оид ба се навъи он – *рубоб, баландзиком* ва *баландмақом* маълумоти муфассал дода, вобаста ба сохтори таркибӣ, диапазон ва ҷӯри он маълумот медиҳанд. Инчунин, қайд менамоянд, ки дар суннати навозандагии мардуми Бадахшон рубобе бо номи *қумрӣ* вуҷуд доштааст, ки он дар охирҳои асри Х1Х аз байн рафтааст [6, с.13-16].

Рубоби помирӣ аз дигар созҳои суннатӣ фарқ дошта, он хусусиятҳои ба худ хосро доро аст. Садои пасти форам дорад ва якуним – ду октаваро дар бар мегирад. Ҷӯри он чунин аст:



Ҷӯри рубоб дар Фалак, новобаста бо доираи васеи жанрии Фалак, як хел боқӣ мемонад. Дар доираи Фалак он ҳамеша ҷӯри квартоӣ дорад. Танҳо байни тори панҷум ва тори зингак фосилаи квинта ҷой дорад. Чунин шакл гирифтани ҷӯр дар Фалак шояд баҳри нигаҳдошти системаи он – чормақом дар фалаки помирӣ бошад.

Навозандагон бо ангуштони дасти чап дар дастаи бепардаи рубоб пардаҳои заруриро мутобиқ ба лаҳну оҳанг ёфта, равиши пастубаландии оҳангро муҳайё месозанд. Бо дасти рост бо захмак (мизроб) ба торҳо баробар зада мешавад.

Қисмҳои таркибии рубоб ба мисли дигар созҳои суннатӣ аз чӯбҳои маҳаллӣ сохта мешаванд. Созтарошон бештар чӯби зардолуро интихоб мекунанд. Банду басти қисмҳои алоҳидаи созҳои суннатӣ аксаран аз косаву даста иборатанд. Дар рубоби помирӣ байни даставу коса *хазина* ҷо дорад, ки масоҳати он аз коса то гӯшаки зингак мебошад (Расми 2). Болои хазинаро бо сӯрохчаҳо ороиш медиҳанд, ки вазифаи онҳо баланд кардани садо мебошад.

Расми 2. Хазина.

Мизроби рубобро дар Бадахшон *захмак* мегӯянд, ки он аз чӯби зардолу ва чормағз сохта мешавад. Сохти он аз дигар мизробҳо фарқ мекунад ва шакли он чунин аст:

Расми 3.1. Рӯй захмак

Расми 3.2. Пушти захмак

Дар суннати созтарошиву навозандагӣ навъҳои гуногуни рубоб – *рубоби помирӣ, рубоби кобулӣ, баландзиком, баландмуқом, рубоби бадахшонӣ, қумрӣ, рубобча* маъмуланд, ки таърихан рушди онҳо ба созтарошони маҳаллӣ мансуб аст [Ниг.12, с.145] Имрӯз дар амалияи мусиқии суннатӣ ду навъи рубоб – рубоби помирӣ ва баландзиком (танбӯр) маъмуланд. Онҳо дар ансамблнавозӣ бо ғиҷаку даф тавъаманд. Фалакхонон рубобро ҳамчун сози мусиқӣ муқаддас шуморида, ба он эҳтиром мегузоранд. Тавассути ин соз сурудҳои мавсимиву маросимӣ ва дигар сурудҳои суннатӣ низ иҷро мегарданд.

Рубоб сози бепардаи сунъӣ буда, тавассути ангушт гузоштан лаҳн ва ё пардаи он муайян мегардад. Тарзи доштан ва навохтани ин соз ба мисли думбра дутор (болои рони пой монда) навохта мешавад:

Расми 4. Фалакхон, Олуча Муаллибшоев

Рубоб сози асосии фалакхониву мадҳияхонӣ маҳсуб ёфта, дар фалакҳои созиву овозӣ васеъ истифода мешавад. Рушди мадҳияхонӣ ба

рубоби помирӣ алоқаманд аст. Омӯзиши Фалак-мадҳия тибқи қавоиди суннатии устод-шогирд дар доираи мактабҳои авлодӣ бо рубоб амалӣ мегашт.

Баландзиком/баландзиғом/танбӯр – (зиғом бо забони шуғнонӣ – сози мусиқӣ) як навъ сози маъмул дар суннати фалаки помирӣ мебошад. Баландзиком шаклан аз дигар рубобҳо фарқ дошта, аз коса, даста, торгир, харак, торхона, хазина, пуст, гушак ва ҳафт тор иборат аст. Он аз чӯби тут, зардолу ва чормағз сохта шуда, дарозиаш аз 90 то 105 см мебошад. Бо захмак (мизроб) навохта мешавад. Болои косаи он бо пусти гӯсола ва ё барзагов рӯкаш мешавад. Дар суннати мутрибӣ торҳои баландзикомро чунин ном мебаранд: 1-2 – «асосӣ», 3 – «миёна», 4-5 – «махолиф», 6 – «бам», 7 – «зингак» [5, с.15]. Дар баъзе маҳалҳои Бадахшон онро танбӯр мегӯянд. Баландзикомро дар суннати фалакхониву мадҳиясароӣ ҳамеша истифода мебаранд. Зимни навозиш ансамблро ҳамеша пурра месозад. Вобаста ба хусусияташ он функсияи садои бам (бас)-ро иҷро мекунад.



Расми 5. Баландзиком. Косаи хурд.
Расми 6. Косаи калон

Аз рӯйи сохти баландзиком аён мегардад, ки он аз ду коса – калон ва хурд иборат аст. Хазинаи баландзиком, ки аз тахтаи тунук иборат аст, дар қиёс бо хазинаи рубоб васеъ буда, рӯйи он бо 15 сӯрохча ва бо калимаҳои ё Аллоҳ, ё Алӣ оро дода мешавад:

Расми 7. Хазина

Чунин навиштҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо созҳои баландзиком ва рубоб бештар сурудҳои диниву мазҳабӣ дар маросимҳои дафну аъзодорӣ (хусусан шаби дуюм бо номи «чароғравшан») сароида мешавад. Дар Бадахшон суннатҳои мазҳабии хешро муқаддас шуморида, тавассути суруду оҳангҳои силсилавӣ зимни ғазалхонӣ талқин меёбанд. Дар иҷрои ин сурудҳо синну сол маҳдуд набуда, онро як ибодати ҳамешагӣ меҳисобанд.

Баландзиком ба мисли рубоби помирӣ болои рони пой монда, навохта мешавад:

Расми 8. Фалакхон, Қодир Лутфишоев

Баландмуқом/баландмақом - сози торию мизробӣ буда, як навъ рубоби помирӣ мебошад. Аз коса, даста, торгир, харак, торхона, хазина, пуст, гӯшак, аз ҳафт тори асосӣ ва зиёда аз 10 тори резонаторӣ иборат аст. Торҳои резонаторӣ аз ду тарафи хазина ҷойгиранд. Он аз чӯби тут, зардолу ва чормағз сохта шуда, дарозиаш аз 90 то 105 см мебошад. Баландмақом маҳсули дасти усто-созтарош Муборакқадами Вахонӣ (соли вафоташ тахминан 1908-1910) мебошад. Сози якка буда, бо сози дафу ғиҷак зимни ансамблнавозӣ тавъам аст. Баландмақом дар амалияи мусиқии имрӯза то ҳанӯз расман истифода нашуда, мавқеи касбиро пайдо накардааст. Айни ҳол, ин сози мусиқӣ дар осорхонаҳои Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад. Як намунаи онро мо аз Осорхонаи ба номи Мирзо Турсунзода пайдо намудем, ки он аз номи меҳнаткашони Бадахшон дар ҷашни 60-солагии шоир туҳфа шудааст (Расми 9). Мутрибону сарояндагон аз истифода ва мавқеи баландмақом дар суннати навозандагӣ кам таваҷҷуҳ намуданд. Шояд сабабҳо гуногун бошанд. Ба назари мо омили асосии он насохтан ва бо сифати баланд муаррифӣ накардани ин соз аз тарафи созтарошон маҳсуб меёбад. Тибқи гуфтаҳои мардуми маҳаллӣ Муборакқадами Вахонӣ баландмақомро дар асоси баландзиком сохтааст. Ӯ зимни омӯзиш дар Кобул бо чунин диди нав онро меофарад.

Расми 9. Баландмуқом

Рубоби бадахшонӣ – сози маъмули тории мизробӣ буда, аз чӯби зардолу, тут ва чормағз тайёр карда мешавад. Аз коса, дастаи пардадор ва 5

тор иборат аст. Болои коса бо пӯсти бузу гӯсфанд рӯкаш мешавад. Рубоби бадахшонӣ сози якка буда, дар оркестру ансамблҳои касбӣ истифода мешавад. Дар фосилаи кварта ҷӯр шуда, бо мизроб навохта мешавад. Дарозии умумиаш 80 см. мебошад. Дар солҳои охир ин соз каме такмил ёфта, гӯшакҳояш бо филиз иваз шудаанд ва байни пардаҳо ва гирди коса бо нигинчаҳо ороиш дода мешаванд (Расми 10.2.). Рубоби бадахшонӣ дар суннати фалакхонӣ истифода нашуда, балки як навъ сози тории мизробӣ дар қатори рубобҳои Бадахшон маъмул гардидааст.

Расми 10.1. Рубоби бадахшонӣ Расми 10.2. Рубоби такмилёфта

Сетор – сози тории қадимаи халқи тоҷик буда, бо нохун ва мизроб навохта мешавад. Аз косахона, даста, гӯшакхона, гӯшакҳо, шайтонхарак, парда, сарпанҷа (тахтак), торгир, харак ва 10 тор – торҳои 1; тори ҷарангос 2; торҳои 3; торҳои 4; тори 5 ва зингак 6 иборат мебошад. Дастаи сетор ғафси дароз буда, барои сабук шудан дохили онро метарошанд (Расми 11). Дарозии умумии сетор 120-140 см. мебошад.

Расми 11. Даста

Коса, даста аз чӯби тут, *гӯшакҳо* аз чӯби сахт, *сарпанҷа* аз чӯби мулоими тут, *харак* аз чӯби сахт ё пластмасса, *торгир* аз шохи бузи кӯҳӣ, тунукаи мулоим ё пластмасса сохта мешаванд. Гирди дастаи сетор аз 25 парда иборат аст, ки онҳо бо жилка баста шудаанд. Диапазони сетор аз 2 октава иборат буда, дар фосилаи кварта ҷӯр мешавад. Баъди пардаҳои асосӣ, болои сарпанҷа 4 ё 5 хаспардаи иловагӣ ҷой дорад. Нохунак аз сим тайёр карда шуда, онро худи мутрибон низ омода месозанд. Сетор сози маъмул буда, якканавозиро мепарастад. Зимни ансамблнавозӣ бо рубобу

даф ва ғиҷак тавъаманд. Дар суннати навозандагӣ бештар дар суруду оҳангҳои лирикӣ истифода мешавад.

Расми 12. Сетор

Устод Муҳаммадато Таваллоев сеторнавозиро дар суннати навозандагӣ рушд ва устувор гардонид. Ӯ асарҳои зиёде барои сетор эҷод намуд, ки мутрибони касбӣ навозишро бо он оғоз менамоянд. Имрӯз бо такя ба мактаби устод ҷавонони зиёд сеторнавозиро касб намудаанд. Хусусиятҳои хоси овозбарории сетор зимни якканавозӣ аён мегардад.

Тарзи навохтани сетор ба мисли думбраву дутор буда, косаи он болои рони пойи рост, даста байни нарангушт ва ангушти ишоратии дасти чап гузошта мешавад. Нохунак дар сари ангушти ишоратии дасти рост монда шуда, бо он ба торҳо зада мешавад. Баъзан сеторро бо мизроб низ менавозанд.

Расми 13. Сеторнавоз Қурбон Давлатов

Созтарошон одатан дастаи сеторро ковок намекарданд, ки он аз лиҳози ҳаҷм хеле вазнин буд. Навозандагон ҳангоми навохтан ин вазниниро эҳсос мекарданд. Дар такмили намуди зоҳирии сетор саҳми созтарош Худоназар Андубеков зиёд аст. Ӯ сеторро аз ҷиҳати сохт, вазн ва тембру садо бо роҳи тунук кардани косахона ва ковокии даста сабук намуд, ки ин аз тарафи мутрибону навозандагон хуб пазируфта шуд [10, с. 24]. Болои дастаи сӯрохкардашударо бо чӯби дарозрӯяи тунуки тут маҳкам мекунанд. Ин ковокии даста садодиҳии сеторро таҳвият медиҳад. Инчунин, болои сарпанҷаро низ сӯрох мекунанд. Тахтаки болои косахонаи сеторро сарпанҷа мегӯянд (Расми 30). Дар дигар созҳо онро тахтак ё сарпӯш унвон додаанд, вале дар сетор он сарпанҷа ном гирифтааст. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки сетор бо сари панҷа дар ҳамин мавзеъ навохта мешавад.



Расми 14. Сарпанҷа.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон сеторнавозӣ рушд кард. Он расман ба саҳнаи касбӣ ва низоми таълим роҳ ёфт. Ҳунармандони касбӣ Муҳаммадато Таваллоев, Гурминҷ Завқибеков, Гулбек Саодатов, Иқбол Завқибеков ва Мухтор Муборакқадамов дар рушди сеторнавозӣ саҳми арзанда гузошта, услуби навозандагии хешро устувор намуданд.

Даф – сози зарбии суннатии қадима буда, дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон, хусусан Бадахшон маъмул аст. Даф аслан аз чанбар, пӯст ва ҳалқаҳои филизӣ иборат аст. Чанбари даф аз чӯбҳои тут, зардолу ва чормағз сохта мешавад. Баъзан 2 ё 3 қабат тахтаҳои тунуки ба ҳам часпонидашударо дар чанбар истифода мебаранд. Ба рӯйи чамбари даф пӯсти бӯз, той ва гӯсоларо мекашанд, ки ҳар яки он вобаста ба хусусияти худ садо медиҳад.

Расми 15. Даф

Одатан дафро ҳам занон ва ҳам мардон истифода мебаранд. Хусусан занҳои Бадахшон онро дар қатори мардон моҳирона мезананд (Расми 16).

Занҳо онро сари даст баланд бардошта, бо дасти чап аз чамбараки он дошта, бо дасти рост болои пуст мезананд. Ин амалро бештар дар тӯйю маъракаҳои хурсандӣ ва пешвози меҳмонон бо шумораи аз 6 то 10 нафар зан ичро мекунад. Зани дафзанро ба забони помирӣ «кахойдаф» мегӯянд. Кахой – зан, даф – соз. Яъне зани дафзан. Занҳои дафзан зимни такнавозӣ зарберо ичро мекунанд, ки он ҳамеша як хел боқӣ монда, унвони хосса надорад, вале онро хеле қадима мешуморанд. Ин суннат то ҳанӯз дар ҳоли рушд қарор дорад. Дафро бо кафи даст ва панҷаҳо мезананд.

Расми 16. Занҳои дафзани Бадахшонӣ

Суннати дафзанӣ байни мардони Бадахшонӣ низ хеле рушд кардааст. Зимни мадҳияхониву фалакхонӣ дафзанӣ мақеи хосса дорад. Хусусан дар иҷрои «дафсоз» гурӯҳи мардон як хел дафро зада, дар як маврид сурудҳои тӯйёнаро пайдарпай иҷро мекунанд. Дафзании мардҳо зимни иҷрои «дафсоз» ба таври унисон садо медиҳад, ки он аз зарби суст оғоз шуда бо зарби тез анҷом меёбад. Ин амалро мардон гоҳ нишаста ва гоҳ рост истода, дафҳоро сари даст гирифта мезананд (Расми 17). Тарзи доштан ва иҷрои даф байни мардон се навъ аст – нишаста зери бағал гирифтан, мобайни по доштан ва сари даст гирифтан.

Расми 17. Ҳунармандони н. Ишкошим, деҳаи Намадгут

Дар амалияи мусиқӣ хелҳои дигари даф – дафи дурӯя, дафи зангӣ, дафи маҳзар, дафи мудаввар маъмуланд.

Адабиёт

1. Азизи, Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков. Монография / Азизи Ф. – Душанбе: Адиб, 2009. – 398 с.

2. Азизӣ, Ф. А. ва диг. Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ. Дастури таълимӣ / Ф. А. Азизӣ, С.С. Каримзода, М.Р. Бурҳонов, Қ.Д. Лутфишоев ва М.А. Алиев – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 144 с.

3. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Чилди.1. – Душанбе: СИЭМТ. – 2015. – с. 351
4. Кароматов, Ф. Музыкальное искусство Памира. Книга первая / С. Кароматов, Н. Нурджонов. – Москва: Сов. комп. – 1978. – 182 с.
5. Кароматов, Ф. М., Музыкальное искусство Памира. Книга вторвая / С. Кароматов, Н. Нурджонов. – Москва: Сов. комп. – 1986. – 292 с.
6. Кароматов, Ф., Нурджанов Н. Музыкальное искусство Памира: Кн. Вторвая / С. Кароматов, Н. Нурджонов. – Б.: ОсОО "V. R. S. Company", 2010. – 297 с.
7. Кароматов, Ф. Музыкальное искусство Памира: Кн. Первая / С. Кароматов, Н. Нурджонов.. – Б.: ОсОО "V. R. S. Company", 2010. – 184 с.
8. Қурбониён Қ. Савти фалак (барои думбра). – Душанбе, 2001.– 56 с.
9. Муборакқадамов М. Дарси сетор. – Душанбе: Адиб, 2016.–168 с.
10. Миронов Н. Музыка таджиков. Сталинабад. – 1932. – 96 с.
11. Таваккалов, Ҳ. Анъанаи мадҳиясароӣ дар Бадахшон. Монография / Ҳ. Таваккалов. – Хоруғ, 2013. – 264 с.
12. Таваккалов Ҳ. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт. Монография / Ҳ. Таваккалов, У.Мамадшерзодшоев. –Душанбе: Паёми ошно. – 2019. – 199 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2008. – 499 с.
14. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик. Чилди 1. – Душанбе: СИЭМТ. – 1988. – 428-429 с.
15. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик. Чилди 1. – Душанбе: СИЭМТ. – 1987. – 543с.
16. Яқубов, Ю. / Ҳулбук пойтахти қадими Хатлон / Ю. Яқубов, Э. Ғуломова. – Душанбе: .ЭР-граф, 2006. – 68 с.

Каримзода Саъдулло

ПОЛОЖЕНИЕ МУЗЫКАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТОВ В ТРАДИЦИЯХ ИСПОЛНЕНИЯ ФАЛАКА: ТРАДИЦИЯ ПАМИРСКОГО ФАЛАКА

В данном исследовании рассматривается позиция музыкального инструмента в традиционном исполнении бадахшанского фалака. Каждый инструмент анализируется в соответствии с его структурой, формой, звуковыми характеристиками и позицией в традиционном пении фалака. В традиционной композиции и музыке известны следующие разновидности рубоба – памирский рубоб, кабульский рубоб, баландзиком, баландмуком, бадахшанский рубоб, кумри, рубобча. Сегодня в практике традиционной музыки особое место занимают два вида рубоба – памирский рубоб и баландзиком (тамбур).

Баландзиком – это разновидность народного инструмента в музыкальной традиции Памира. В некоторых районах Бадахшана его называют тамбуром. Баландзиком всегда используется в традиционном пении фалака и исполнении од. Во время исполнения он всегда дополняет ансамбль. По своим музыкальным характеристикам он выполняет функцию басового звучания. Будучи распространенным музыкальным струнным

инструментом, бадахшанский рубоб приобрёл известность среди рубобов Бадахшана. Сетор – древний таджикский струнный инструмент, на котором играли ногтем и плектром. Он подходит к сольному пению. Во время исполнения в ансамбле на нем играют вместе с рубобом, бубном и скрипкой.

Обычно бубен используется и женщинами, и мужчинами. Женщины Бадахшана играют на нем так же умело, как и мужчины. Также распространена практика дафзани среди мужчин Бадахшана. Во время исполнения гимнов и пения дафзан (кн. «играющий на бубне») имеет особый стиль. В частности, в исполнении «Дафсоза» группа людей бьет в один и тот же бубен, последовательно исполняя свадебные песни. Барабанная дробь, исполняемая мужчинами, звучит в унисон во время исполнения «дафсоз», которая начинается с медленного стука и заканчивается быстрыми ударами.

Ключевые слова: рубоб, помирский рубоб, баландзиком, баландмуком, бадахшанский рубоб, даф, сетор, дафсоз, танбур, плектор, зингак.

Karimzoda Sa'dullo

ROLE OF MUSICAL INSTRUMENTS IN THE TRADITIONS OF FALAK PERFORMANCE: THE TRADITION OF BADAKHSHANI FALAK

This research is dedicated to the role of musical instruments in a traditional performance of Badakhshan folk music *Falak*. Along description each instrument is analyzed due to its structure, form, acoustic, and position during the traditional *Falak* singing. In a traditional composition and music, the following varieties of a string musical instrument –*rubab* are known – Pamiri rubab, Kabuli or Afghani rubab, *balandzikam, balandmuqam*, Badakhshani rubab, *kumri*, and *rubabcha*. Nowadays, two kinds of rubob – pamir rubob and balandzikom (tambur) – take a special place in the practice of traditional music.

Balandzikam is the variety of folk string instrument in a musical tradition of Badakshan. In some districts it is called as *tambur*. Balandzikam is always used in a traditional *Falak* singing and odes performing. While performing, it always completes an ensemble. According its musical acoustic, it functions as a bass sound. Being a well-spread musical string instrument, Badakhshani rubab has acquired distinction among the rubabs of Badakhshan. *Setor* is an ancient Tajik string instrument, which was played with a special mediator or plectrum. It fits to a solo vocal. While performing in ensemble, it is played together with rubab, *tambur*, and violin.

Tambur is usually played by both men and women. The women of Badakhshan play it so skillfully as men. The practice of playing in *daf* – a percussion local instrument is also spread among the men of Badakhshan. While performing folksongs, *dafzan* (lit. 'playing on daf) has a special style. In particular, in performing "Dafsoza" the group of people beats on the same percussion instrument, sequentially performing wedding songs. The drum-roll used by men sounds in unison while performing "dafsoz", which starts from a slow knock and ends with fast strikes.

Keywords: Badakhshan musical instruments, Falak songs, rubab,balandzikom, balandmuqom, daf, setor, dafsoz, tambur.

ТДУ: 8тоҷик2+002+05+07+621.311+001(092)+008

Муродӣ Мурод

ТАҲҚИҚ ВА ТАСВИР ДАР ОЧЕРКҲОИ БАХТИЁР МУРТАЗО
(Дар мисоли маводи маҷмуаи «Нурофарин»)

Дар мақола очеркҳои марбут ба корномаҳои бунёдкоронои иншоотҳои азим, ба хусус неругоҳҳои барқи обии Нависандаи халқии Тоҷикистон Бахтиёр Муртазо таҳқиқ шудааст.

Бахтиёр Муртазо аз ҷумлаи навмисандагоне маҳсуб меёбад, ки ба раванди бунёди сохтмонҳои азими кишвар, хосса неругоҳҳои барқи обӣ таваҷҷуҳи хосса доранд. Очеркҳои ӯ, аз ҷумла «Садди сойи Оби Шӯр», «Оташи қалби инсон», «Роҳи «Нурафшон»», «Огози сохтмонро дӯст дорам», «Бригадаи аввалини нақбканон» ва «Пирӯзии муҳандиси тоҷик» бевосита ба НБО-и «Рогун» ва сохтмончиёни он бахшида шудаанд.

Ин силсила ва ҳамчунин очеркҳои дигари Бахтиёр Муртазо, бо вуҷуди аз аносири портретсозӣ холӣ набудан, ҷанбаи қавии проблемавӣ доранд. Дар ҳалли проблемаҳо ва тавсифи корномаи қаҳрамонон муаллиф аз таҳқиқиву таҳлил моҳирона кор гирифтааст. Бинобар ин, дар очеркҳо натанҳо чеҳраи воқеии қаҳрамонҳо тавсиф шудааст, балки вазъ ва ҳолати кори сохтмон, мушкилоту монеаҳо, кӯшишу талошҳои қаҳрамонон – масъулин дар ташкили дурусти кор, таъмини шароит, ба кори сохтмон ҷалб кардани мутахассисони маҳаллӣ, меҳнати шуҷоатмандонаву бунёдкоронаи муҳандисону бетонрезон ва амсоли ин низ таҳқиқ гардидааст.

Аксарияти очеркҳо саршор аз аносири публитсистиву бадеӣ, гояву мазмуни баланд, дараҷаи таҳқиқу таҳлил, усули содаву равони нақл, тарзи тасвири хос мебошанд. Дар онҳо воқеиятҳои муҳими ҳаётӣ дар иртибот бо кору пайкори одамони баруманд таҷассум гардидааст, ки арзандаи омӯзишу пажуҳиш аст.

Калидвожаҳо: *Бахтиёр Муртазо, публитсистика, очерк, таҳлил, таҳқиқ, тасвир, сохтмони азим, НБО-и «Рогун», образ, фабула.*

Дар публитсистикаи бадеӣ, хосса жанри очерк таҳқиқ ва тасвир аз вижагиҳои асосӣ маҳсуб меёбанд. Ба таъбири муҳаққиқ С. Гулов «таҳқиқу таҳлил санги маҳаки ҳар гуна асари мустанад аст. Дар очерк бошад, вай мавқеи хосса дорад» [2, с. 70]. Дар ин жанри публитсистика моҳиятан иртиботи инсон ва воқеа мавзуи меҳварӣ маҳсуб ёфта, баррасии масъалаҳо, тасвири фаъолият ва корномаи одамон дар ҳолати саҳнавӣ шакл мегирад. Дар ин ҳолат таъйиноти асосии жанрҳои бедеии публитсистӣ, хосса очерк ба вуҷуд овардани таъсири эмотсионалӣ ба хонанда ва тарбияи маънавии ӯ мешавад. Ба ин маънӣ, муҳаққиқи рус М. Колтсов дуруст қайд мекунад, «андешае, ки бидуни эҳсос, шавқ, тасвиру тавсиф ояд, касеро мутаваҷҷеҳ нахоҳад сохт» [4, с. 111].

Очеркҳои бадеии проблемавӣ, портретӣ ва дигар асарҳои публитсистии Нависандаи халқии Тоҷикистон Бахтиёр Муртазо, ки дар маҷмуаи «Нурофарин» [8] гирд оварда шудааст, аз чунин вижагӣ ва таъйинот хуб бархурдор аст.

Мундаричаи маҷмуаи очеркҳо аз нигоҳи моҳият ва мазмун тарҳрезӣ шуда, асарҳо ба ҳам иртиботи қавии мантиқӣ доранд. Ин иртибот, пеш аз ҳама, неруи фаъоли бунёдкориву созандагӣ аст, ки ҷавҳари аксари асарҳоро ташкил медиҳад. Ин неру вазъи муташанниҷи кишварро дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ ором мекунад, умеди мардумро ба зиндагии осоишта ва фардои дурахшон қавӣ мегардонад, ихтилофоти бунёди сохтмони НБО-и «Роғун»-ро аз байн мебарад, ба эҳё ва идомаи ин сохтмони азими аср суръат мебахшад, ҷавонони тоҷикро ба кори сохтмон ҷалб месозад, бригадаҳои аввали нақбканиро ташил медиҳад… Ин неру бо кору пайкор, ҷасорату мардонагӣ ва меҳнатқариниву заҳматпешагӣ ба зиндагии худу дигарон нуру зиё мебахшад, руҳияи меҳнатдӯстӣ ва бунёдкориро талқин мекунад. Ин неру аз ҷониби нависанда чунон ба тасвир гирифта шудааст, ки «пас аз хондан дар хотири хонанда албатта, симои қаҳрамонҳои онҳо, нақш меёбанд, мақсаду мароми онҳо касро илҳом мебахшад» [13, с. 245].

Нависандаи публитсист Бахтиёр Муртазо натанҳо дар бораи воқеаҳои бузурги замони мо, бахусус «Иҷлосияи шонздаҳуми фараҳбахш, қадамҳои аввалини қаҳрамононаи Пешвои муаззами миллат дар роҳи давлатсозиву бунёдкориҳо, корнамоӣ ва садоқату матонати нурофарони «Роғун» ва рӯзгори дигар фарзандони шуҷову баруманди кишвар бо забони фасеҳ ва салис ҳикоят мекунад, балки кору пайкори қаҳрамонони асарҳояшро ҳамчун муҷизаофарон бо таҳқиқҳои публитсистӣ ва тасвирҳои бадеӣ намо медиҳад. Ба ин маънӣ, дар кулли асарҳои китоб таҳқиқ ва тасвир паҳлуи ҳам қарор гирифта, дар вусъат ёфтани нақли нависанда ва равшан гардидани чеҳраи қаҳрамонон мусоидат намудаанд.

Нависанда ба мавзуъ ва проблемаҳо танҳо бо назари мушоҳидакорона наменигарад, ба маълумоти аз асноди хаттӣ, суҳбату мулоқотҳо, саволу посухҳо ҳосилшуда қаноатманд намешавад, балки дар такя ба таҷрибаи касбӣ ва ҳаётии худ ба таҳқиқи жарфтари масъалаҳо эътибор дода, ба дарёфти решаву омил ва сабабҳои рух додани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо мекӯшад. Бо ин усул ӯ қаҳрамонони асарҳояшро ба ҳаракат медарорад, фикру ақидаашонро пешқадам, азму иродаашонро қавӣ ва рафтору кирдорашонро накутар мегардонад ва ба ин васила хислатҳои зоҳиру ботини онҳоро дар пайванди ҳамдигарӣ нишон медиҳад.

Ҳарчанд воқеаҳои асар сохта ва қаҳрамонони он бофта нестанд, аммо тахайюлу таассуроти нависанда ба онҳо неруву тавон ва солорӣ бахшидааст. Неруи эҷодии нависандаро ҳам дар банду басти асарҳо ва ҳам дар такмил додани образи қаҳрамон эҳсос мекунем. Аксари очеркҳои маҷмуа сохтори муайян доранд, ки шомили фабула (воридшавӣ ба мавзуъ), ҳаракат (ҷараён гирифтани воқеаҳо), силсилаи сужаҳо (ба намоиш гузоштани лаҳзаҳои корӣ) ва хулоса мебошанд.

Фабулаҳо кӯтоҳ, аммо гиреҳкушои мавзуъ ва масъалаҳои мавриди таҳқиқу тасвир мебошанд. Масалан, очерки «Вопасини умеди растагорӣ» бо варақгардон кардани рӯзномаи «Садои мардум» шурӯъ мегардад. Нависанда нашрияи парлумонии «Садои мардум»-ро зодаи Истиқлолияти Ватан ҳисобида, мутмаъин аст, ки он «музаффариятҳои гаронқадри Истиқлолияту ваҳдатро бо ҷоннисорӣ ҳимоят кардааст» [8. с. 6].

Воқеан дар солҳои мудҳиши ҷанги бемаънии ҷудоиандоз «Садои мардум» ягона нашрияе буд, ки бетанаффус интишор гардида, рӯйдодҳои муҳимро аз мавқеи ҳукумату миллат пайваста инъикос намуд. Муассис –

Сармуҳаррири нахустини ин нашрия Муродуллоҳ Шерализода ҳангоми иҷрои вазифаи хидматии худ ҷонашро фидо кард. Аммо мақсади муаллиф танҳо тавсифи нақши ин нашрия ва зикри хидматҳои Муродуллоҳ Шерализода нест, балки бозтоби вазъи фоҷеабори кишвари азизамон дар солҳои аввали Истиқлолият низ аст, ки дар заминаи маводи ин рӯзнома ва мушоҳидаву таассуроти бевоситаи нависанда шакл гирифта, бо музокираву хулосабарориҳои публитсистӣ намои тоза пайдо кардааст.

Унвони очерк – «Вопасини умеди растагорӣ», ки аз як сармақолаи рӯзномаи «Садои мардум» гирифта шудааст, басо мантиқӣ ва ҷолиб буда, тору пуди матн ба он сахт иртибот мегирад. Умеди вопасин Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид. Ин Иҷлосия ба таъбири нависанда «ба нерӯи муассири Кирдгор бадал гардид» [8, с. 15]. Ба шарофати ин нерӯ муборизаву талошҳо дар самти гирифтани пеши роҳи хунрезиҳо, ҷудоиандозиҳо, воқеаҳои шадиди нанговар, бархурду худситоиҳои бемаънӣ қавӣ ва боварибахш шуд.

Очерки «Вопасини умеди растагорӣ» нигоришеро мемонад, ки ба хонанда панорамаи нисбатан васеи иттилооту маълумотро доир ба вазъияти иҷтимоиву сиёсии кишвар, зуҳури гурӯҳҳои мусаллаҳи ба ҳам муқобил, амалиётҳои хиёнаткоронаву хатарнок, кӯшишу талошҳои ором кардани вазъияти ногувор ва мисли инро ироа медорад. Нависанда чун коршиноси иҷтимоӣ воқеаҳои замони муайянро таҳқиқу таҳлил намуда, дар маҷмуъ фазои саҳнавиеро ба намо гузоштааст, ки аз пирӯзии ақли солим, хиради воло ва дилу нияти пок дарак медиҳад.

Сарманшаи чунин пирӯзиҳо ақлу заковат ва ҷасорату матонати Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки хидматҳо ва саҳми ӯ дар расидан ба сулҳу вахдат, сохтмони нақбҳо, тармиму азнавсозии роҳҳои мошингард, бунёди нерӯгоҳҳо ва амсоли ин дар очеркҳои «Рисолати беназири таърихӣ» ва «Оғози барномаи давлатсозӣ» ба таври фишурда, аммо ҷозибу пурмуҳтаво ба тасвир гирифта шудааст. Нависанда дар тафсили воқеаҳо ва бозтоби рафти амалишавии Барномаи аввалини давлатсозии Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саросема нест, балки ӯ суханро аз дур оғоз намуда, бо ташреҳҳои маъниофар ба асли мақсад наздик мешавад. Ин сухани дур фабула аст, ки барои равшан гардидани мақсади нависанда сохта мешавад. Дар ин маврид сухани фабулавӣ мушоҳидаҳои муаллиф аз кишвари Афғонистон, аниқтараш аз суҳбат бо гурезаҳои «бадбахт» аст, ки дар охири солҳои 60 ва ибтидои даҳсолаи 1970-ум ҳосил шудааст. Ин гурезаҳо бекасу кӯйянд. Онҳо солҳои аввали Хукумати Шурої ба Афғонистон иҷборан гуреза шуда бошанд ҳам, касе аз роҳбарони замон аз ҳолашон пурсон нашудааст. Дар ёди кишвари азиз дилашон гум мезанад ва ҳануз ҳам бовар доранд, ки рӯзе ба Ватан бармегарданд.

Саҳнаҳои ҷолиб, ҳарчанд нақли воқеаҳои гузаштаанд, аммо бозгӯи воқеият мебошанд. Ба таъбири А. Саъдуллоев, «фаъолмандии эҷодии нависанда, пеш аз ҳама, аз тариқи тасвир» [12, с. 31]-и воқеаҳо намоён гардадидааст. Ба ин маънӣ, ин саҳна барои дарки дурусти моҳияти аввалин барномаи давлатсозии Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳадафаш бо тамоми ҳастии худ ба муқобили ҷанг муборизa бурда, муҳоҷиронро баргардонидан буд, ба хонанда ёрӣ мерасонад. Тасвири раванди иҷрои ин барнома образи Сарвари давлат муҳтарам Эмомал Раҳмонро ҳамчун «падари ғамхори

халқ» ва «шахсияти барҷаста, сиёсатмадори муваффақ [9, с. 78], «шахсияти асосии музокироти сатҳи олӣ» [8, с. 84] намудор мегардонад.

Ба хонандаи огаҳ маълум аст, ки Бахтиёр Муртазо чандин сол боз ба омӯзиши ҷараёни сохтмони неругоҳҳо, бахусус НБО-и «Роғун» ва ҳаёту фаъолияти қаҳрамононаи нурофарони он машғул аст. Як силсила очеркҳои ӯ, аз ҷумла «Садди сойи Оби Шӯр», «Оташи қалби инсон», «Роҳи «Нурафшон»», «Оғози сохтмонро дӯст дорам», «Бригадаи аввалини нақбканон» ва «Пирӯзии муҳандиси тоҷик» бевосита ба НБО-и «Роғун» ва сохтмончиёни он бахшида шудаанд. Ин асарҳо аз нигоҳи навъи жанрӣ очерки проблемавианд, ҳарчанд дар онҳо унсурҳои портретсозӣ кам нест. Муаллиф, чунончи А. Саъдуллоев навиштааст: «гоҳо ибора, сухан ва ҷумлаи ҷудогонаеро, ки лаҳза, вазъият ва ҳолати муайяни ҳассос ва муассирро ифода намояд, ба маънии образ ва образнок истифода мебаранд» [12, с. 43]. Образи қаҳрамонҳо бештар дар ҳалли проблемаҳо намоён мегардад. Проблемаҳо ба бунёди «Неругоҳи барқи обии «Роғун» иртибот доранд, ки тавассути неруи зеҳниву касбӣ, қобилияти ташкиливу роҳбарӣ, таҷрибаву малакаи кории қаҳрамонони асарҳо роҳи ҳалли худро пайдо мекунанд. Чунончи, агар дар очерки «Садди сойи Оби Шӯр» тамоми неруву тавони Директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» Сафарзода Хайрулло Амиралӣ ба «бастани дасту пойи Оби Шӯр», мустаҳкам намудани садди ин сой равона шуда бошад, дар «Пирӯзии муҳандиси тоҷик» масъалаи ташаккулу камолоти касбӣ ва хиради раҳбарии ӯ ҳамчун муҳандис таҳқиқу тавсиф шудааст. Нависанда дар ин ду очерк, ҳамчунин очерки «Оташи қалби инсон» бо таҳқиқи вазъи сохтмон, мушкилоту монеаҳои бунёди он ва тасвири кӯшишу талошҳои масъулин дар роҳи ҳалли ин масъалаҳо симои Сафарзода Хайрулло Амиралиро ҳамчун муҳандиси соҳибтаҷрибаву дақиқназар, роҳбари кордону таҳлилгар, мушоҳидакору дақиқсанҷ, ҷӯяндаву қолабшикан, ғамхору ҷиддӣ, масъулиятшиносу масъулиятхоҳ, хушмуомилаву суҳбаторо, ботамкину таҳаммулпазир, чораҷӯву соҳибтадбир, соҳибандешаву устувормавқеъ, қавиродаву ҷасоратманд ва хушбину дурандеш намо медиҳад. Муаллиф дар баробари ин «манзараҳои табиат, оби дарё ва кӯҳҳои атрофи Роғунро хеле моҳирона ба риштаи тасвир кашидааст» [11, с. 121].

Хайрулло Сафаровзода аз рӯзҳои аввали кор санадҳои марбут ба неругоҳро ҳамачониба таҳқиқу муоина карда, бо муҳандисони собиқадори муассиса суҳбатҳо намуда, ба ҳамин васила ҳам масъалаҳоро амиқан меомӯзад ва ҳам чун раҳбари гурӯҳи сафар ба Италия, ба баҳсу мунозираҳо бо коршиносони ноқиди НБО-и «Роғун» – намояндагони Бонки Умумиҷаҳонӣ омода мешавад. Дар суҳбат бо коршиносони Бонки Умумиҷаҳонӣ ӯ ва аҳли гурӯҳ эродҳои рақибонашонро ботаҳаммул гӯш карда, бо ҷавобҳои қотеъ беасос будани назари онҳоро исбот менамояд. Баҳсҳо тезу тунд ва тӯлонӣ сурат мегиранд. Намояндагони Тоҷикистон ба ҳар эрод розӣ, аммо собитсозиҳои илмиву амалиро мехоҳанд. Талаби онҳо ҳақиқатро гуфтан ва шаффофиятро талқин кардан аст. Нависанда баҳси коршиносонро, хусусан дар бораи ҷинси кӯҳии алевролит, ки дар деворҳои толори мошинҳои неругоҳ истифода шудаасту намояндагони Бонки Умумиҷаҳонӣ ба устувории он бовар надоранд, хеле дақиқ ва мушикофона ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидааст. Гурӯҳи Тоҷикистон аз баҳсҳои рақибони худ нисбати ин сурхсанг қаноатманд нашаванд ҳам, талабот ва

дархостҳои онҳоро ичро намуда, бо овардани далелҳои зиёд, намояндагони Бонки Умумиҷаҳониро ба мустаҳкамии ин санг бовар мекунонанд. Нависанда ба мавзуъ ва воқеиятҳои мавриди тасвир муносибати таҳқиқӣ намуда, аз «базаи фактҳои устувор» 10, с. 275] моҳирона кор мегирад ва ба ин минвол ҷанбаи публитсистии тасвироташро қавӣ мегардонад.

Ба ҳамин тариқ нависанда муқобилияти шадиди рақибони бунёди сохтмони Неругоҳи «Роғун», аз минбарҳои баланди байналмилалӣ иброз намудани эродҳо роҷеъ ба ин иншоот, кӯшишу талошҳои Пешвои миллат ва муроҷиати хирадмандонаву дурандешонаи эшон ба Бонки Умумиҷаҳонӣ, назари мутахасиссини ин муассисаи баландмартаба доир ба «Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дар ҳамин вазъият ҳамчун Директори генералии ҶСК «НБО-и «Роғун» ба фаъолият оғоз намудани Хайрулло Сафарзодаро хеле ба тафсил инъикос намудааст.

Хайрулло Сафарзода роҳбари қолабшикан аст, усули хоси сарварӣ ва коргузорӣ дорад, коргаронро ба хубу бад ҷудо намекунад, мехоҳад онҳо аз кори ҳамдигар воқиф бошанд, аз таҷрибаи ҳамдигар омӯзанд. Ӯ худшиносу худогоҳ аст, ҳисси баланди миллӣ дорад, аз тобеин талаб мекунад, ки тамоми муомилоту муросилоти таҳрирӣ, гуфтугузори шифоҳӣ байни ҳамкорон бояд ҳатман ба забони ноби давлатӣ сурат гирад, доир ба корҳои иҷрошуда иттилооти саҳеҳ пешниҳод гардад, пешниҳодҳои аҳли кор аввал аз тарафи роҳбар пазируфта, баъди баррасӣ қарори саҳеҳ бароварда шавад. Чунин муносибати нек ва сухану амали ошкорои ӯ кормандони ин неругоҳро хурсанд намуда, сарҷамъии онҳоро мустаҳкамтар мегардонад.

Ин силсилаи очеркҳо ҷанбаи пурқуввати таҳқиқиву таҳлилӣ доранд. Муаллиф натанҳо ба тавсифи чеҳраи воқеии қаҳрамони асосӣ кӯшидааст, балки вазъи мураккаби оғози кори сохтмон, мушкилоту монеаҳо, кӯшишу талошҳои ӯро дар ташкили дурусти кор, харидану овардани таҷҳизот аз кишварҳои гуногун ва амсоли ин бо назари таҳқиқӣ ва ҳунари нависандагӣ ба тавсир кашидааст. Тарзи эҷоди ин очеркҳо, хусусан очерки «Садди сойи Оби Шӯр», чунончи И. Усмонов дарёфтааст «тасвирӣ аст, нависанда гӯё ҳузур надорад, аммо аксе ва ё ҳатто расме, ки ӯ бо сухан кашидааст, хонанда равшан мебинад» [3. с. 16].

Дар очерки дигари ин силсила «Бригадаи аввалини нақбканон» масъалаи ба корҳои ин сохтмони азим ҷалб намудани ҷавонон маҳаллӣ, бахусус ҷавонони деҳоти Файзобод таҳқиқи бадеиву публитсистӣ шудааст. Ин очерк проблемавӣ буда, мавзуи ташаккули синфи коркар – сохтмончиёни Роғунро дар бар мегирад. Онро аз нигоҳи сохтор ба чор бахш метавон ҷудо кард: оғоз, муаррифии ташкилкунандаи бригардаи аввалини нақбкании комсомолону ҷавонон, корномаи ин бригада ва хулоса. Мулоқоти Директори генералии ЧСК «НБО Роғун» Сафарзода Хайрулло Амиралӣ бо аъзои бригадаи аввалини нақбкании комсомолону ҷавонон дар сохтмони ин неругоҳ аст, ки дар арафи Соли нав, 17-уми декабри соли 2013 баргузор шудааст, ба ин очерк ҳамчун фабула ҳусни оғоз мебахшад. Дар ин мулоқот сардори бригадаи аввалин Ғиёсиддин Сангалиевич Хокироев низ иштирок ва суханронӣ менамояд. Аз ҷумла ӯ бо ифтихор изҳор медорад, ки ҳамкоронаш ба қавлу ваъда вафо карда, душвориҳоро сарбаландона паси сар намуда, касбу ҳунарҳои барояшон тамоман нави нақбканӣ, бетонрезӣ, пармагарӣ, сементатсионӣ, таркишгарӣ ва амсоли инро омӯхтанд.

Пас аз ин саҳнаи ручуӣ, суҳбати нависанда ба Ғиёсиддин Хокироев оғоз меёбад ва ба ин минвол хонанда аз зиндагиномаи ӯ шинос мегардад. Иштироки Ғиёсиддин ҳамчун вакил дар Конференсияи комсомолии ноҳияи Фӣзобод, ки соли 1983 баргузор гардид, раванди зиндагиашро дигар мекунад. Суханронии муҳандиси сохтмони Неругоҳи Роғун Шулга доир ба ҷалб нашудани ҷавонони маҳаллӣ ба сохтмон, ки тезу тунд ва киноямез сурат мегирад, ба Ғиёсиддин сахт таъсир мекунад. Бахусус сухани Шулга – «Наход, ки тоҷикписарони дилу гурдадор набошанд» ба таъбири нависанда «маҒзи сари ӯро фаро гирифт» ва саволҳои зиёде дар сараш пайдо шуданд. Дар андешаи посух ба чунин саволҳо фикри ташкили бригадаи ҷавонон ҳосил мешавад.

Ҷамъ овардани аъзои бригада, ба расмият даровардани фаъолияти он, ҳавасмандгардонии коргарҷавонон, ташкили шароити хуби кор, таъмин бо хобгоҳ, маоши хуб, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати нақбканӣ, пармагарӣ, таркишгарӣ, бетонрезӣ, кафшергарӣ, дар шакли ройгон ба касбомӯзи ҷалб намудани аъзои бригада ва амсоли ин хатти ҳаракат ва доманаи воқеаҳои очеркро вусъат бахшида, дар маҷмуъ аз ташаккули қобилияи хуби ташкилӣ, раҳбарӣ ва коромӯзиву кордониии Ғиёсиддин дарак медиҳанд. Симои Ғиёсиддин дар муҳити ин сохтмони азим такмил ёфта, аз сарвари бригадаи нақбканон то устои корҳои кӯҳӣ, узви Раёсати КИМ ҲХДТ мерасад. Ба ин шавқи зиёди ӯ ба касбӣ нақбсозӣ ва ҳисси масъулиятшиносиву масъулиятхоҳияш боис гардидааст. Ин шавқ ба дараҷае баланд аст, ки Ғиёсиддин бародарону фарзандон ва ҷиянҳояшро ба кори сохмон ҷалб намуда, дар ин иншооти тақдирсози миллат, сулолаи нақбканонро ташкил мекунад.

Очерки мавриди назар банду басти хуби мантиқӣ дорад. Нақли лаҳзаи вохӯрӣ бо аъзои бригадаи аввалини комсомолону ҷавонон дар ин Неругоҳ, тасвири қобилияти ташкилотчигӣ, роҳбарӣ ва маърифати сиёсии Ғиёсиддин, нанги миллӣ талошҳои ӯ дар ҷалби ҳамдиёрон ва бародарон ба кори сохтмон, тарбияи фарзандон дар руҳияи меҳнатдӯстиву бунёдкорӣ аз рукнҳои сохтории очерк маҳсуб меёбанд, ки дар маҷмуъ, аз як тараф, аз қобилияту маҳорати кордониву корсозии Ғиёсиддин, аз сӯйи дигар, аз мубрамияти масъалаи омодагии кадрҳои маҳаллӣ (тоҷик) дарак медиҳад. Ин масъала, ба таъбири И. Усмонов «на танҳо барои он рӯзҳо, балки барои ҳамешагӣ ҳам мубрам» [3, с.18] аст. Муҳтавои очерк ва хатти ҳаракати воқеаҳо хонандаро мутмаъин месозад, ки меҳнати ҳалол ва азму иродаи қавӣ касро ҳам ба мартабаҳои баланд мебардораду ҳам иззатманд мегардонад.

Ҳам очерки «Садди сойи Оби Шӯр» ва ҳам очерки «Бригадаи аввалини нақбканон» ҷанбаи қавии проблемавӣ доранд. Агар дар очерки аввал мушкилоти садди роҳи об, яъне сохтани дарғот масъалаи асосӣ бошад, дар очерки дуюм мушкилоти ба кори сохтмон ҷалб намудани ҷавонони тоҷик нуқтаи меҳварӣ аст. Муаллиф моҳияти масъалаҳоро дуруст ва амиқ дарк намуда, роҳу василаи ҳалли онҳоро бо тасвири ҷузъиёти раванди воқеаҳо, баррасии азму ирода ва кӯшишу талошҳои қаҳрамонон (ҳам Хайрулло Сафарзода ва ҳам Ғиёсиддин Хокироев дорои ироаи қавӣ буда, дар пешаи худ муборизанд) бо маҳорат ва ҳунармандии хосса нишон додааст. Хоссатан дар очерки «Садди сойи Оби Шӯр» тасвири сой, чунончи Низом Косим дар Анҷумани XV Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қайд кардааст: «аз воқеият фаротар рафта, маънои маҷозӣ ва рамзӣ касб мекунад ва хонандаи хушманд дар мисоли он ҳама гуна монеъсозии ҳам табиӣ ва ҳам инсониро дар

муқобили бузургу тақдирсози Неругоҳи «Роғун» ташхис месозад ва шикастани зўъму саркашии он тимсоли муборизаи қатъии Давлату миллати Тоҷикистон ва хусусан Пешвои миллатро дар роҳи эъмори сохтмони аср ва умуман зиндагии шоистаи имрӯзӣ таҷассум менамояд» [3, с. 4].

Миёни асарҳои марбут ба неругоҳҳо очеркҳои «Оғози сохтмонро дӯст дорам» ва «Роҳи «Нурафшон» низ ҷолиб ва хонданианд. Бахусус очерки аввал, ки дар он корномаи қаҳрамони корзор, дорандаи нишони Байраҳи Сурхи Меҳнат Камол Ҳамсариев бо таассуроту тахайюлоти рангини муаллиф нақл карда шудааст. Зимнан доир ба корномаи сардори бригадаи бетонрезон Камол Ҳамсариев аксарияти нависандагони публитсист, аз ҷумла Михаил Табачников, Муҳиддин Хоҷаев, Рачаб Мардон асарҳо навиштаанд. Аммо очерки Бахтиёр Муртазо бо чанд ҷиҳат фарқ мекунад.

Якум, он бо фабулаи ҷолиб шуруъ мешавад. Ҳини тамошои суратҳои бинокорони варзидаи НБО-и «Норак», ки рассоми ороишгари рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») Муҳиддин Олимпур барои чоп ба рӯйи мизи котибот мегузорад, чашми нависанда ба акси бинокори номвари неругоҳҳои «Сарбанд»-у «Норак», сардори бригардаи машҳури бетонрезон Камол Ҳамсариев меафтад. «Ман ба акси ҷавонмарди нуроние диққат намудам, ки риши кӯтоҳмиқроззадае дошта, ба сар кулоҳҳӯд ниҳода буд ва дар рӯйи дилаш мукофоти олии даврони шуравӣ – нишони Ленин ҷилва менамуд» [8, с.87]. Ин лаҳза боиси тавлиди ғояи таълифи очерк шудааст.

Дуюм, нависанда, ҳарчанд бо супориши сардабири рузномаи мазкур ва мақсади навиштани мақола ба Норак ба сафари хидматӣ меравад, аммо мулоқот бо қаҳрамони ояндаи асараш муяссар намегардад. «Камол Ҳамсариевро бинокорони яке аз неругоҳҳои ҷумҳурии ҳамсоя даъват намуда будаанд, то ба онҳо сабақ омӯзад» [8, с.88]..

Сеюм, бо сафари нависанда ба мамлакати Афғонистон ва сабабҳои дигар ӯ бо ин қаҳрамон вохурда наметавонад, аммо ормонаш ором нагирифта, таҳқиқи мавзуъро идома медиҳад.

Чаҳорум, очерк пас аз фавти қаҳрамон навишта шудааст. Муаллиф бо эҳёи хотирот, суҳбату вохӯриҳо бо фарзандону шогирдон доир ба зиндагии «талху ширин»-и ин марди меҳнат маълумот ҷамъоварӣ намуда, раванди ташаккули хислати ӯро ҳамчун шахси заҳматпеша, меҳнатдӯст, ташкилотчӣ ва кордону коромӯз бо ҳунари волои нависандагӣ ба тасвир мегирад. Камол Ҳамсариев саргузашти ҷолиб, вале ҳузнангез дорад. Дар хурдӣ бо иллати бемории ҳасба падару модар ва бародарону хоҳаронаш мефавтанд, ӯ ва як бародараш ятим мемонанд. Дар оғози ЧБВ бародараш Чалол ба фронт даъват мешавад. Камол танҳо мемонад ва тасодуфан усто Миршукур Умарови самарқандӣ дар сари сероҳаи тарафи Сталинобод, «ҳамчун Хоҷаи Хизр» бо ӯ вохӯрда раҳнамову раҳкушои зиндагии минбаъдаи ӯ мегардад. Бо шарофати ин марди ғамхор Камол касб меомӯзад, соҳиби ҳунар мегардад, оила барпо мекунад. Бо шуруи сохтмони «Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» аз падархондаш дуо хоста, бо розигии ӯ дар ин ҷо ба сифати бетонрез ба кор қабул мешавад. Кор дар ин неругоҳ ва баъдтар дар неругоҳҳои «Норак»-у «Роғун» тақдири ӯро дигар мекунад, зиндагӣ ва кору пайкорашро ибратомӯз ва худашро соҳибэҳтиром мегардонад….

Дар ин очерк ду образ якдигарро пурра мекунанд. Миршукур баёнгари одамони хайрхоҳ ва инсондӯст аст, ки ба сахтиҳои зиндагии солҳои сиюм нигоҳ накарда, як навраси бекасу кӯйро ба хонааш меорад ва дар қатори чор

писараш парасторӣ мекунад. Образи Камол ифодагари ҷавонони некирода, қадрдон, заҳматпеша ва хушзеҳн аст, ки ба сахтиҳои зиндагӣ тоб оварда, рагу пайвандашон бо кор шах шудааст ва дар омӯхтани касбу кор завқи зиёд доранд.

Нависанда дар намои чехраи ин қаҳрамонҳо заҳмати эҷодӣ кашида, пайванди мантиқӣ ва инсонии хислатҳои онҳоро қавӣ ва ҳикматангез гардонидааст. Вақте подоши заҳматҳои Камол бо нишони Ленин сарфароз гардонида мешавад, ӯ онро назди усто Миршукур ниҳода мегӯяд:

«– Падари азиз, ин нишон ба шумо низ тааллуқ дорад. Сари ятими кулро сила намуда, ба вай роҳнамоӣ кардан ҳам корнамоист» [8, с. 97].

Агар дар таълифи очеркҳои «Вопасини умеди растагорӣ», «Рисолати беназири таърихӣ» ва «Оғози барномаи давлатсозӣ» нигоранда ба сифати фарди фаъоли иҷтимоӣ ба воқеаҳо муносибат намуда, ангезаҳои онҳоро бо музокираҳои публитситӣ ба тасвир гирифта бошад, дар силсилаи асарҳои ба неругоҳҳо бахшидашуда, ӯ ҳамчун мутахассиси соҳаи сохтмон, неругоҳшинос ва муҳандис нақш мебозад. Чунин муносибат ва нақш боис гардида, ки раванди бунёдкориву созандагиҳо дар неругоҳҳои кишвар, бахусус НБО-и «Роғун» ба таври воқеӣ, аммо ҳунармандона бо фаро гирифтани вижагиҳо ва нозукиҳои кору амали қаҳрамонон ба тасвир гирифта шавад. Каҳрамонони чунин очеркҳо шахсони дорои касбу кори гуногун бошанд ҳам, саъю талошашон дар роҳи омӯзиши нозукиҳои касб, аз худ кардани техникаи бинокорӣ, таҷрибаи пешқадам, сайқали маҳорат ва шавқи пешаи интихобнамудаашон ҳамгун аст. Бахусус қаҳрамонҳои очеркҳои «Пирӯзии муҳандиси тоҷик» Хайрулло Сафарзода, «Роҳи «Нурафшон» Амрулло Халилов ва «Бригадаи аввалини нақбканон» Ғиёсиддин Хокироев аз ҳар ҷиҳат фаъол офарида шудааст. Онҳо дар зиндагии иҷтимоӣ ва касбӣ муборизанд, асосҳои пешаи интихобнамудаашонро хуб медонанд, дар баҳсу мунозираҳо фаъоланд, ҳисси ватандӯстиву миллиашон баланд аст, барои тарбияи мутахассисони ватанӣ мекӯшанд. Дар маҷмуъ онҳо симои муҳандиси тоҷиканд, ки дар солҳои 80-90-уми садаи гузашта, зуҳур ёфта, дар бистсолаи аввали садаи XX1 шакл гирифтаанд ва имрӯз бори сохтмони иншоотҳои азимро ба дӯш доранд.

Дар очеркҳои дигари маҷмуаи «Нурофарин» таассуроти сафардидаҳои «Корвони маърифат» доир ба мавзеъҳои таърихии кишвар, манзараҳои зебову нотакрори он, зиёрати оромгоҳи Носири Хусрави Қубодиёнӣ, фаъолияти роҳбариву ташкилии фарзандони фарзонаи миллат Бобоҷон Ғафуров, Турсун Ӯлҷабоев, маҳорати адабии нависандаи маъруф Метеулло Наҷмиддинов, шоири машҳури тоҷик Лоиқ Шералӣ, устои оҳангар Ғайбуллои фалғарӣ, деҳқони пуртаҷриба, шоликор Шамсӣ Кобилови панҷӣ, занбӯриасалпарвар Истам Исломови хуҷандӣ, мутахассиси соҳаи кишоварзӣ, ихтироъкори навъҳои гуногуни хӯроки чорво Аврод Пӯлоди қубодиёнӣ, роҳбари оқил Раҳматулло Абдулло ва фазилатҳои инсониву касбии табиби ҷарроҳ Коммунар Ёқубович Тошматов васф ва тараннуму таҷассум гардидааст.

Ҳар яке аз ин қаҳрамонҳо бо вуҷуди хисоили хос доштан, дар шароит ва муҳити гуногун ба воя расидан, дар соҳаҳо ва вазифаҳои гуногун кору фаъолият намудан дар ҷодаи худ шуҳратёранд. Ин шуҳрат подоши дилу нияти пок, азму иродаи қавӣ, мушкилнописандӣ, меҳнати ҳалол, қобилияту маҳорати ташкиливу роҳбарӣ ва фикриву эҷодӣ аст, ки ба аглаби эшон хос мебошад. Кӯшишу талошҳои онҳо дар зиндагӣ натанҳо ба мақсади таъмини рӯзгор ва тарбияи фарзандон, балки ба хотири нафъ овардан ба дигарон низ

аст. Ин нафъ, пеш аз ҳама нур аст, ки зиндагии касбиву иҷтимоиро ба чашми дигарон равшантар мегардонад.

Бахтиёр Муртазо дар шинохти қаҳрамонҳо ва таҳқиқу тасвири кору пайкори онҳо сабурона ва бо таҷдид назар меафканад. Аксарияти очеркҳот ӯ қаблан дар матбуоти даврӣ интишор гардида, сипас бо таҷдиду иловаҳо ба маҷмуаҳояш ворид карда мешавад. Яъне дар бозчопи асарҳояш муаллиф заҳмат мекашад. Очеркҳои мавриди назари мо низ аз нигоҳи мавзуъ, моҳият ва иртиботи ҳамдигарӣ сара гардида, аз рӯйи дараҷаи аҳаммиятнокӣ ба низом даровардашуд, дар баъзе асарҳо ҷо-ҷо воқеа ва сужаҳо вусъат ёфтаанд. Унвони баъзе асарҳо таҳрир хӯрда, ҷолибтар гардонида шудаанд.

Бо вуҷуди ин, чун асарҳои маҷмуа дар мавридҳои гунонун ҳамчун асари алоҳида чоп шуда, баъдан дар як маҷмуа ҷой дода шудаанд, ҷо-ҷо нақл ва тасвирҳои такрор ба назар мерасад. Ба далели фикр раванди тарбияи касбии Хайрулло Сафарзод бо андаке тағйир дар очеркҳои «Оташи қалби инсон» ва «Пирӯзии муҳандиси тоҷик» мазмунан мошобеҳ аст. Ҳамчунин тасвири касбомӯзии Хайрулло Сафарзода, Амрулло Халилов ва Ғиёсиддин Хокироев, ки дар донишгоҳҳои шаҳрҳои Россия сурат мегирад, ба ҳам ҳамоҳанги пайдо кардааст.

Забон ва услуби нависанда хеле хуб ва содаву равон аст. Ӯ аз ибораву таъбирҳои халқӣ, амсоли «деви ҳафтодупанҷсараи занҷиргусехта», «осиёбони камгапи гаронгӯш», «сойи девонафеъл», «селоби хунмаст», «ноқиди беҳудасухан», «нерӯи аҳриманӣ», «як ғарам аснод» ва амсоли ин моҳирона кор мегирад, истилоҳоти соҳаи нақбканиву бетонрезиро ба мисли «сихи оҳанин» (арматура), «деворҳои бетонии сиҳдор», «оҳанмех», «тафреҳгоҳ» ба тоҷикӣ истифода мекунад. Унвони асарҳо низ ҷолибу эҷодкорона буда, ба худ рамз доранд. Амсоли «Оташи қалби инмон», «Оҳан механдад», «Бағали дарё», «Ҳикмати нодир» ва ғайра.

Қатъи назар аз ин дар маҷмуаи «Нурофарин» баъзе калимаҳо, ки бо таъсири шеваи дарӣ ҳосил шудаанд, дар забони ноби тоҷикӣ андаке сохта менамоянд. Ба монанди рафтагор мегардид, салламно, ақидаи мусбӣ (дурусташ мусбат), ҷанрол, сардӯшӣ, нурофарин (сахеҳтараш нурофарон) ва ғайра. Дар матн ҷо-ҷо ҳарфҳо афтода, қоидаи нави имлои забони тоҷикӣ риоя нашудааст.

Умуман очеркҳои Бахтиёр Муртазо, ки дар маҷмуаи «Нурофарин» интишор гардидаанд, саршор аз аносири публитсистиву бадеӣ буда, бо ғояву мазмуни баланд, дараҷаи таҳқиқу таҳлил ва усули нақлу тарзи тасвир диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунанд. Ин асарҳо, ки воқеиёти муҳими ҳаётиро дар иртибот бо кору пайкори одамони баруманд таҷассум карда, ҷанбаи қавии маърифативу тарбиятӣ доранд, барои омӯзиш ва пажуҳишҳои минбаъда судмандиҳо хоҳанд овард.

Адабиёт

1. Аграновский, А. Своего дела мастер / А. Аграновский. – М., 1980. – 416 с.
2. Гулов, С. Махсусияти очерки муосири тоҷик / С. Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012.– 116 с.
3. Дарахти умр (Маҷмуаи мақолаҳо, мусоҳибаҳо ва шеърҳо бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти ависандаи халқии Тоҷикистон Бахтиёр Муртазо). – Душанбе: Табъу нашр, 2023. – 256 с.

4. Колтсов, М. Писатель в газете / М. Колсов. – М.: Советский писатель, 1961.– 138 с.
5. Махсумзод, Р. Наср дар маҷаллаи «Садои Шарқ» / Р. Махсумзод // Садои Шарқ.– 2016.–№4.– С. 81-86.
6. Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ / М. Муродов.– Душанбе: Аржанг, 2016. – 480 с.
7. Муродӣ, М. Б. Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик /М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 304 с.
8. Муртазо Б. Нурофарин / Б.Муртазо.–Душаебе:Адиб, 2022.–258 с.
9. Охунзода Н. Образи Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ / Н. Охунзода. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 254 с.
10. Прохоров, Е. П. Искусство публицистики: Размышления и разборы / Е. П. Прохоров. М., 1984. – 359 с.
11. Салим, М. Жанри ҳамқадами ҳаёт / М. Салим // Садои Шарқ. – 2017. – №4. –С.120-122.
12. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
13. Усмонов, И. К. Журналистика. Ҷилди. 3 / И. К. Усмонов. – Душанбе: 2008. – 448 с.
14. Шарипов С. Место очерка в публицистике Бахтиёра Муртазо / С. Шарипов. – Бохтар, 2021. – 180 с.

Муроди Мурод

ИССЛЕДОВАНИЕ И ИЗОБРАЖЕНИЕ В ОЧЕРКАХ БАХТИЕРА МУРТАЗО
(На примере сборника «Нурофарин»)

В статье исследованы очерки, связанные с подвигами строителей крупномасштабного строительства, в том числе гидроэлектростанций, Народного писателя Таджикистана Бахтиера Муртазо.

Бахтиер Муртазо является одним из писателей, которые проявляют особый интерес к процессу строительства крупных строек страны, именно гидроэлектростанций. Его очерки, в том числе «Садди сойи Оби Шӯр» («Барьер речки Оби Шӯр»), «Оташи қалби инсон» («Огонь человеческого притяжения»), «Роҳи «Нурафшон» (Путь «Нурафшон»), «Оғози сохтмонро дӯст дорам» («Люблю начало строительства»), «Бригадаи аввалини нақбканон» (Первая бригада проходчиков») и «Пирӯзии муҳандиси тоҷик» («Победа таджикского инженера») посвящены непосредственно Рогунской ГЭС и ее строителям.

Эта серия, а также другие очерки Бахтиера Муртазо, несмотря на существование портретного характера, являются проблемными. В решении проблем и описании трудового подвига героев автор грамотно работал над исследованием и анализом.

В связи с этим, в очерках описывается не только реальный мир персонажей, но и также исследуется положение и состояние строительной работы, проблемы и препятствия, усилия героев – ответственных за правильную организацию работ, обеспечение условий, привлечение к строительной работе местных специалистов, трудолюбие и созидательный труд инженеров, проходчиков и т.п.

Большинство очерков наполнены особым образом, публицистическими и художественными нюансами, высоким содержанием, уровнем исследований и анализа, простым и плавным способом повествования. В них были изучены важные жизненные события в связи с работой и преемственностью ведущих людей, что стоит изучить и исследовать.

Ключевые слова: Бахтиер Муртазо, публицистика, очерк, анализ, исследование, изображение, крупномасштабное строительство, ГЭС «Рогун», образ, фабула.

Murodi Murod

RESEARCH AND IMAGE DESCRIPTION OF THE ESSAYS OF BAKHTIYAR MURTAZO

(on the materials of the collection "Nurofarin")

The article surveys the essays related to the exploits of builders of large-scale construction, including hydroelectric power stations, by the People's Writer of Tajikistan Bakhtiyar Murtazo.

Bakhtiar Murtazo is one of the writers who take a special interest in the construction process of the Tajikistan's major instructions, such hydroelectric power plants. His essays, including “Saddi soyi Obi Shur”, (“Barrier of the Obi Shur River”), “Otashi qalbi inson”, (“Fire of human heart”), “Rohi “Nurafshon” (“Path of “Nurafshon”), “Oghozi sokhtmonro dust doram”, (“I love the beginning of construction”), “Brigadai avvalini naqbkanon” (The first brigade of tunnelers) and “Piruzi muhandisi Tojik” (“Victory of the Tajik engineer”) are dedicated directly to the Rogun hydroelectric power station and its builders.

This series, as well as other essays by Bakhtiar Murtazo, despite the existence of a portrait character, are included local problems. In solving problems and describing the labor feat of the heroes, the author competently worked on research and analysis.

In this regard, the essays describe not only the real world of the characters, but also explore the situation and state of construction work, problems and obstacles, the efforts of the characters - those responsible for the correct organization of work, ensuring conditions, involving local specialists in construction work, hard work and creative labor of engineers, concrete workers, etc.

Most of the essays are filled with journalistic and artistic nuances, high content, level of research and analysis, a simple and smooth way of storytelling, and a special way. They have examined important life events in relation to the work and succession of leading men, which are worth studying and exploring.

Keywords: Bakhtiyar Murtazo, journalism, essay, collection "Nurofarin", analysis, research, image, large-scale construction, Roghun hydroelectric power station, image, plot.

ТДУ: 03тоҷик+8тоҷик+001(092)+002+07+05+008

Зарипова Шаҳноза,
Самадова Дилбар

ВИЖАГИҲОИ ЖАНРИИ ОСОРИ БАДЕИЮ ПУБЛИТСИСТИИ ҲИЛОЛИЁН АСКАР

Дар мақола асарҳои публитсистию бадеии нависанда ва публитсисти маъруф Ҳилолиён Аскар аз нигоҳи жанрӣ ва арзишҳои ҳунарӣ таҳқиқ шудааст.

Муаллифон дар такя ба мулоҳизаҳои арзишманди муҳаққиқон доир ба жанрҳои публитсистиву бадеӣ асарҳои публитсистии Ҳилолиён Аскарро таҳлил намуда, вижагиҳои жанрии онҳоро муайян намудаанд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки жанрҳои публитсистию бадеии очерк, лавҳа ва фелетон дар эҷодиёти Ҳилолиён Аскар ҷойгоҳи хос дошта, ҳамчун василаи инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ ва таъсирпазир гардидани чанбаҳои ахлоқӣ ва фарҳангии асарҳо хидмат кардаанд.

Хусусияти жанрии ин осорро, пеш аз ҳама, низоми мундариҷавӣ, шаклӣ ва таъсиргузории зебоишинохтӣ ва ахлоқию равонии онҳо муайян ва мушаххас месозад.

Мақола дар муаррифӣ ва шинохти шахсияти адабӣ ва эҷодиёти Ҳ. Аскар маълумоти фаровон дошта, шаҳодат медиҳад, ки публитсистикаи нависанда аз нигоҳи анрӣ шоистаи таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *Ҳилолиён Аскар, анвои адабӣ, публитсистика, жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ, лавҳа, очерк, фелетон, очерки сафарӣ, сафарнома, тасвир, образ, характер.*

Омӯзиш ва мухтассоти осори ин ё он нависанда дар шинохти ҳунари нависандагӣ ва корномаи эҷодии ӯ нақши муассир дорад. Аз ин лиҳоз, ба риштаи таҳқиқ пазируфтани гуногунрангии жанрӣ ва хусусиятҳои осори бадеию публитсистии Ҳилолиён Аскар муҳим маҳсуб мешавад. Навъҳои мухталифи образҳои публитсистикаи бадеии Ҳилолиён Аскарро таҳлил карда, метавон образҳои хабаррасон (образҳои аснодӣ) ва назарии тасвириро ҷудо кард. Г. Н. Поспелов дар шарҳи иттилооти образнок ва назарию тасвирӣ чунин навиштааст: «ин маълумот дар бораи чунин далелҳои ҷудогона ва ҳодисаҳои ҳаёти ҷомеа ва табиат аст, ки бо ин ё он сабаб аҳамияти ҷамъиятӣ пайдо карда, таваҷҷуҳи умумро ҷалб мекунад, вале дар ҳодисаҳои фардӣ умумият, хусусияти асосии онҳо ва ин зуҳуротро дарк карда, муаллифон чизи муҳимеро инъикос мекунанд, ки онро аз воқеият дармеёбанд. Онҳо фардияти ҳодисаи коркарди эҷодиро барои баёни дарк ва арзёбии он рад намекунанд… Фақат интихоби далелҳои муҳим ва инъикоси тасвирии онҳо метавонанд воқеиятҳоро тафсир кунанд» [5, с. 261-262].

Ба ин тартиб, тавсифи образҳои ёрирасон дар осори бадеию публитсистии Ҳилолиён Аскар, ки аз назарияи Г. Н. Поспелов берун меояд, хусусияти хоси ин навъи осори ӯро мушаххас месозад. Илова ба ин дар чунин навъи публитсистика наметавон нақши ёрирасони образҳои бадеиро низ ба ҳисоб нагирифт. Ҳамчунин осори бадеию публитсистии Ҳилолиён

Аскар аз нигоҳи жанр ва сифат гуногунанд. Ин ба истеъдод ва талаботи сиёсати адабии шоеъ сахт вобаста мебошад, бинобар ин мафҳуми публитсистию бадеиро ба ҳамон асарҳое метавон нисбат дод, ки ба талаботи назарии ёдшуда ҷавобгӯ бошанд. Таҷрибаи рӯзноманигорӣ ва нависандагии Ҳилолиён Аскар дар таълифи очерки бадеию публитсистӣ қобили мулоҳиза буда, дар ин равиш вай анъанаҳои мусбати қаламкашони тоҷик, аз ҷумла А. Мирзоев «Очеркҳои агрономӣ», М. Миршакар «Вахши азим», Алӣ Хуш «Дар бағали кӯҳҳо», Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон», «Раиси нав», «Фаттоҳ ва Музаффар», М. Начмиддинов «Якраҳа», А. Сидқӣ «Ҷӯраи деринаи ман» ва дигаронро идома дода таҳаввул бахшидааст. Дар эҷодиёти ӯ мо се навъи очерки бадеию публитсистӣ – очеркҳои портретӣ, проблемавӣ ва сафариро мушоҳида мекунем.

Солҳое, ки Ҳилолиён Аскар ба очеркнависӣ шуруъ кард, дар адабиёт ва матбуоти тоҷик очерки портретӣ ё худ чеҳранигорӣ ҷойгоҳи хос доштааст. Хусусияти муҳими ин гуна очеркҳо аз он иборат буд, ки қаҳрамонони асосии онҳо шахсиятҳои шинохта, мардони меҳнат, фидоиёни соҳаи хоҷагиву фарҳанг буданд. Дар маркази диққат гузаштани сифатҳои фардӣ ва умумии каҳрамонони кор хусусияти фарқкунандаи чунин очеркҳо буд.

Ҳилолиён Аскар дар ҳамин шароит аввалин очеркҳои портретии худро офарид. Очеркҳои «Қаҳрамони майдони меҳнат» [1948], «Аз майдони ҷанг ба майдони меҳнат» [1948], «Депутати қаҳрамон» [1948], «Саркори бағайрат» [1949], «Муҳаббати касбу кор» [1952], «Тоҷи кӯҳсор» [1963], «Дар талоши номи нек» [1967], «Аз Яғоноб ба Мирзочул» [1970], «Гули саҳна» [1972], «Кӯҳ ва мӯй» [1991] ва ғайра хусусиятҳои муҳими мундариҷавӣ ва сохтории ин навъи очеркро ифода мекунанд. Дар очеркҳои зикршуда чеҳраи қаҳрамонон дар матни воқеият офарида шуда, муаллиф тавонистааст, ки аҳамияти хоси шароит, ҳодисаҳо ва ашёҳоро дар офаридани чеҳраи ҷомеи қаҳрамонаш нишон диҳад.

Дар очерки «Қаҳрамони майдони меҳнат» [Тоҷикистони сурх. – 1948. – 25 март] сарнавишти пурвоқеа ва ибратбахши «қаҳрамони ҷанг ва меҳнат» Санг Муҳиддинов тасвир шудааст. Муаллиф ҳамчун иҷтимоъшинос амал карда, чеҳраи ҷомеи иҷтимоии қаҳрамонашро офаридааст, ки аз унсурҳои тасвири бадеӣ ва воқеӣ ба ҳам омадааст.

Е. П. Прохоров «ташаккули ҳадафманди шахсият, ба даст овардани ваҳдат ва ҷомеияти ҳамаи паҳлӯҳои он (амалӣ, ҳиссӣ, иродатмандӣ) дар асоси андешаи пешқадам»-ро маънии тарбия медонад [6, с.71-72]. Очерки ёдшуда ҳангоми барқароркунии хоҷагии халқ дар солҳои баъди ҷанг таълиф шуда, ҳамин гуна вазифаи таълимиро адо кардааст, ки ҷанбаи хоси публитсистии он ва бисёре аз дигар черкҳои портретии муаллифро ташкил медиҳад. Созмони хоси публитсистию бадеии очеркҳои Ҳилолиён Аскар, аз ҷумла очеркҳои портретии «Тақдири Арбоб», «Гули саҳна», «Тоҷи кӯҳсор», «Кӯҳ ва мӯй», «Дар талоши номи нек» ва ғайраро, пеш аз ҳама, ҳадафҳои иҷтимоиву таълимӣ ва ҳунарӣ ташаккул ва таҳаввул бахшидаанд. Масалан, дар очерки «Тақдири Арбоб» нависанда тавонистааст, ки чеҳраи воқеии инсонӣ ва иҷтимоии қаҳрамони меҳнат Саидхоҷа Ӯрунхоҷаевро офарад. Муаллиф фаъолияти қаҳрамонашро дар ҷараёни меҳнат, муқовимат,

мухолифат ва муқобилат бо афроди носазовор нишон дода, таваҷҷуҳи хонандаро ба саҳнаҳои фидокорӣ ва ободкорӣ ҷалб мекунад.

Ба ифодаи Е. П. Прохоров «забони ҳис, пеш аз ҳама, забони образ аст» [6, с. 77]. Бисёре аз очеркҳои портретии нависанда ин хулосаи муҳаққикро тасдиқ мекунанд. Ин амал ҷанбаи ибратпазирии публитсистикаи бадеии ӯро ташаккул ва таҳаввули хос бахшидааст.

Ҳилолиён Аскар дар очерки «Гули саҳна», ки аввалин таълифоти чеҳранигории ҳунарпеша Сайрам Исоева аст, сарнавишт ва корномаи ҳунарии ӯро бо камоли ҳунар воқеӣ ва таъсиргузор офаридааст. Ёде, ки чеҳраи қаҳрамонро месозад, амалу кирдори ӯро собит намуда, муаллифро низ дар тарҳ додани чеҳраи ҷомеъ ва навъии ҳунарманд шарик месозад. Ин ёд василаи пайванди қаҳрамон бо муҳит, одамони алоҳида ва воқеиятҳои тақдирсоз низ ҳаст, ки ҳунармандона корсозӣ шудааст. Пораи зер далели ҳунармандии муаллиф буда, яке аз унсурҳои сохтории очеркҳои портретии ӯст:

«Ба ёди Сайрам соли 1960 омад, ки ӯ таҳсили худро дар мактаби миёна тамом карда, мехост ба институти тиббӣ дохил шавад. Дар ҳамин вақт хоҳари калониаш Марям, ки дар институти театрии Москва мехонд, барои гузаронидани таътил ба Тоҷикистон омад. Марям дар дили хоҳараш оташи меҳри санъатро афрӯхт. “Ҳарду ҳунарпеша мешавему дар як ҷо кор мекунем. – мегӯяд Марям, – олами санъат чӣ ҷаҳони зебост. «Охир ман ақаллан аъзои кружоки ҳаваскорони мактабамон ҳам набудам,» – изҳор меварзад Сайрам, вале Марям аз мақсад даст намекашад: «Ту барои ҳунарпешагӣ офарида шудаӣ. Ман аз ҳар як калому рафтори ту инро мефаҳмам…» [Тоҷикистони советӣ. – 1972. – 9 апрел].

Дар очеркҳои портретиаш Ҳилолиён Аскар ба инъикоси хислатҳои қаҳрамонон эътибори хос дода, шахсияти онҳоро аз нигоҳи одобу ахлоқ, амалу кирдор, масъулиятнокӣ, ба эътибор гирифтани манфиати ҷомеа ва аъзои он, ширкат дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ, пешоҳангӣ ва ташаббускорӣ тасвир ва арзёбӣ мекунад. Ба ин далел, қаҳрамонони очеркҳои портретии нависанда «инсони кору пайкор, бунёдгузор ва созанда ва инсони инсонпарвар» [8, с. 50] буда, муаллиф дар ин гуна асарҳои бадеии публитсистӣ лаҳзаҳое аз зиндагии қаҳрамонони худро интихоб мекунад, ки ҳар ҷузъи он чеҳракушои қаҳрамон аст. Яке аз ҳамин гуна очеркҳои ҷолиби портретии ӯ «Дар талоши номи нек» [Тоҷикистони советӣ.– 1967.– 6-уми август] буда, чеҳраи инсонӣ ва иҷтимоиву ахлоқии қаҳрамони меҳнат – Носир Аюбовро падид овардааст. Чеҳраи инсон дар ин очерк на фақат «субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ, балки мавзуи хоси санъат буда, мавзуи донишҳои иҷтимоӣ низ ҳаст» [80, с. 229] ва хусусияти сохтории очеркҳои чеҳранигории нависандаро мушаххас месозад.

Дигар аз намуди очерк, ки дар эҷодиёти нависанда мақоми хос дорад, очерки проблемавӣ ё худ масъалагузор, мебошад. Дар ин радиф аз очеркҳои «Аз Масчоҳ ба Масчоҳ», «Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад», «Сохтакорӣ дар сохтмон», «Орзу ҷомаи амал мепӯшад» ва ғайра метавон ёд кард, ки хусусиятҳои жанрии ин навъи очеркро дар худ таҷассум сохтаанд. Ин гуна очеркҳои Ҳилолиён Аскар масъалагузор буда, муаллиф «онро барои ҷомеа бо сухан ва тасвир нишон медиҳад ва бо ташреху ироаи кори душвор ё шеваи амали қаҳрамонон ва иштироки онон дар арзёбии масъала

ба ҳалли он қадам мегузорад» [8, с.47]. Очеркҳои – «Ду Оббурдон», «Полдоракиҳо», «Шаъну шараф ба баҳодурон», «Бобо Сафар», «Инженери об боз пайдо мешавад», «Ӯ дар куҷост?», «Шаккокӣ», «Замини ҳазориспанддор», «Дар колхозҳои ҳамсоя», «Халқ қарор мекунад», «Чӣ қадар инҳо аз онҳо фарқ доранд» ва «Дар оинаи на он қадар дур» низ ҳар кадоме масъалаҳоеро, ки ҳалли онро вақт тақозо дорад ба миён гузоштаанд. Дар очерк муаллиф ба проблемаҳои иҷтимоӣ, хоҷагӣ, муҳоҷират ва ахлоқӣ таваҷҷуҳ карда, ҳалли якҷояи онҳоро муҳим медонад. Дар очерк масъалаи омили инсонӣ ба миён гузошта шуда, ҳалли бисёре аз мушкилот вобастаи он дониста шудааст [3, с. 198].

Очерки дигари проблемавии нависанда «Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад» ном дошта, муаллиф масъалаҳои «сустии кори пахта», «беаҳамиятии роҳбарон», «куҳнакорӣ»-ро ҷиддан ба миён гузоштааст.

Очеркҳои проблемавии Ҳилолиён Аскар дар мавзуъҳои гуногун навишта шуда, масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқиро ба миён гузоштаанд. Масалан, муаллиф дар очерки дигараш – «Орзу ҷомаи амал мепӯшад» масъалаҳои тараққӣ додани чорводорӣ, бахусус моли майда, обшор кардани заминҳои беоб, ташкили хоҷагиҳои нав ба кори доимӣ ҷалб кардани табақаҳои гуногуни аҳолиро ба миён гузашта, ба таври мушаххас роҳи ҳалли мушкилоти мавҷудро низ нишон медиҳад [Тоҷикистони советӣ. – 1960. – 19 май].

Дигар аз намуди очерк дар эҷодиёти адиб – очерки сафарист. Агар андешаи муҳаққиқонро дар бораи хусусияти очерки сафарӣ ба эътибор гирем, баъзе очеркҳои Ҳилолиён Аскар низ тасвири сафари ӯро аз ҷое ба ҷое ифода менамоянд. Аз ин ҷиҳат ин гуна очеркҳои ӯ «як навъ маҳсули таассуроти сафари нигорандааш» [3, с.199] буда, дахолати муаллиф ба масъалаҳои ҳаёт ҷанбаи публитсистии онро таъйид мекунад.

Яке аз ҳамин гуна очеркҳои ҷолиби ӯ «Сафар ба Моғиён» [Ҳақиқати Ленинобод. – 1958. – 2 ноябр] унвон дошта, хати ҳаракати муаллиф то Моғиён ва бардоштҳояшро аз ин сафар дар бар мегирад. Аввалин чизе ки дар ин сафар нависандаро ба андеша бурдааст, масъалаест, ки унвони фасли нахустини очерк – «Муғиён ё Моғиён?» матраҳ кардааст.

Ба ин тартиб, фаслҳои дигари очерк – “Филмандар”, «Дуоб», «Ағбаи Вахачна», «Канори пули гирдоб» ва «Қалъаи вайрона» ҳар кадоме мавзуъ ё масъалаеро оид ба таърих, вазъи иҷтимоӣ, гузаштаву онрӯзаи ин диёр ва натиҷагириҳои муаллифро фаро гирифтаанд, ки арзиши таърихӣ ва маънавӣ доранд. Ҷиҳати ҷолиби ин очерк мушоҳидаҳо ва ҷустуҷӯҳои мӯшикофонаи нависанда аз гузашта ва имрӯзи ин диёр мебошад, ки маънавиёти хонандаро афзун месозад [ниг. 7, с. 55].

Дигар аз жанрҳое, ки нависанда дар фаъолияти рӯзноманигориаш истифода кардааст, лавҳа мебошад. Лавҳа, ба ифодаи М. С. Черепахов «жанри бадеию публитсистӣ буда, дар он ҳодисаи ибратбахш, таклиди арзишманд, амали шахсият, гурӯҳҳо, ки дар ҷой ва лаҳзаи муайян воқеъ шудааст, инъикос мешавад» [12, с. 253].

Муҳаққиқ М. Муродов лавҳаро нигоштае донистааст, ки «дар асоси лаҳзаи ягона, гуворо ва муассиру ибратбахш эҷод гардидааст» [3, с. 181].

Дигар аз лавҳаҳои ҷолибе, ки Ҳилолиён Аскар офаридааст “Муъҷиза” ном дошта, муаллиф онро бо нияти “сохтани симои хоси қаҳрамон” [3, с. 126] эҷод кардааст. Лавҳа бо сатрҳои зер, ки ҳадафи ҷалби таваҷҷуҳи

хонандаро дорад, оғоз мешавад: “Муъҷиза ду хел мешавад: муъҷизаи афсонавӣ ва ҳақиқӣ. Дар афсонаҳо мешунавед ва ё мехонед, ки чи тавр паҳлавоне ҳазорон нафар душманони худро маҳв месозад, ҳайрон мешавед..., аммо муъҷизаҳои ҳақиқӣ доимо касро ба ҳаяҷон меоваранд, руҳбаланд мекунанд, ба эҷодкорӣ ва бунёдкорӣ даъват менамоянд. Чунин муъҷизаҳо дар ҳаёти халқи қаҳрамони советӣ бисёранд. Яке аз онҳо имсол пахтакорони диловари Масчоҳ нишон доданд” [Тоҷикистони советӣ .– 1964 .– 15 декабр].

Лавҳаи “Муъҷиза” проблемавӣ буда, масъалаи муҳими афзудани ҳосилнокӣ ва беталаф ғундоштани пахтаро мавриди тасвир ва арзёбӣ қарор додааст [3, с. 184. Ҳ. Аскар дар ин лавҳа дар бораи шахсе сухан мегӯяд, ки “фаъолияти холисонаву софдилона” дошта, “амалу рафтораш ба дигарон намунаи ибрат аст” [2, с. 182] ва ин аз вежагиҳои ин жанр дар эҷодиёти адиб аст.

Дар лавҳаи дигар, ки «Бунёдкорон» [Тоҷикистони советӣ. – 1967. – 20 декабр] номида шудааст, воқеа ва муносибати инсон ба ҳақиқати воқеӣ бо камоли ҳунар тасвир шудааст. Нависанда воқеаи ибратангез – беэътиноии инсонро ба имрӯзу ояндааш тасвир карда, ба василаи таҳлил ва қаринаҳои образнок аз воқеият натиҷа мегирад. Барои таъсиргузор шудани лавҳа муаллиф аз ангезаҳои муҳит, манзараҳо ва ёди худ кор мегирад. Лавҳаро тасвирҳои ботаании бадеӣ ҷаззоб карда, таъсири бадеию публитсистии онро афзудааанд. Лавҳаи зикршуда бо фарогирии “ҳиссиёти нигоранда” нисбат ба ҳодисаҳои табиат [3, с. 184], бо тарзу шеваи тасвир диққатангез аст. Лавҳаи ёдшударо воқеият, шахсият ва тасвир «ҷон» бахшида, тавоноии нависандаро дар шинохти моҳияти масъала ва нақши тафаккури пешрафта дар инкишофи ҷомеа равшан ифода мекунад. Лаҳзаҳои гуворои пораҳое аз ҳаёти шахсияти лавҳа – Дадобоев хеле муъҷаз тасвир шуда, ба андешаи хонанда таъсир мегузорад, ки далели маҳорати муаллиф дар корбурди ин жанрҳои публитсистию бадеӣ мебошад.

Ҳилолиён Аскар аз жанрҳои ҳаҷвии публитсистӣ низ фаровон истифода кардааст, ки фелетон намунаи он аст. Муаллиф дар фелетонҳояш шахсиятҳоеро фош мекунад, ки амалу кирдорашон «хоси мафкураи ҷамъияти сотсиалистӣ» [4, с.147] набуда, бо рафтори нодурусти худ монеаи пешрафти ҷомеа мешаванд. Аз ин ҷиҳат аксари фелетонҳои нависанда «дар асоси факту далоил навишта» ва ҳаматарафа таҳқиқ шудаанд. М. Муродов моҳияти мабдаи ҳаҷвии фелетонро дар он дидааст, ки “ба хотири намакин ва созанда гардонидани матлаб ба мазмуну шакли жанр унсурҳои танзу зарофат”-ро [3, с. 222] шомил менамоянд.

Дар ин замина яке аз аввалин фелетонҳои нависандаро, ки «Зарафшон дар куҷост?» [Тоҷикистони советӣ.– 1967.– 5 феврал] унвон дорад, аз назар мегузаронем. Сужети он одист: «Идораи хоҷагии гази минтақаи Ленинобод» Зарафшон ном дорад. Ин ном ба Зарафшони маҳал ҳеҷ рабте надорад. Сардори ин идора, ки шахси воқеист, аз ин ном танҳо бо ҳадафи «гӯр сӯзаду кабоби қаландар пазад» истифода мекунад. Яъне моликияти давлатиро ҳар қадар ки метавонад, тороҷ мекунад». Муаллиф ҳадафи асосии худро дар ин фелетон ба воситаи ҳаҷву истеҳзо ва таъриз ба воситаи типикунонии ҳодиса ва таҳлил ба ичро мерасонад. Дар фелетон аз

воситаҳои омехтаи тасвири бадеӣ ва публитсистӣ ҳунармандона истифода шудааст.

Дар ин ва фелетонҳои дигари нависанда, аз ҷумла, «Шарм дар бозори чарм» [Тоҷикистони советӣ. – 1967.– 24 июл], «Ҳар чӣ бодо бод» [Тоҷикстони советӣ. – 1967. – 24 декабр], «Мандарин» [10, с.130-134] ва ғайра факти фелетонӣ «неруи муҳимми ҷамъиятии ҳаҷвӣ» [13, с.181] дошта, ҷонибдорӣ аз он имконияти ичрои ҳадафи публитсистии маводро дорад.

Муаллиф дар навиштаҳояш образи қаллобону фиребгаронро, ки бо амалу кирдори музҳиқ ва зиёноварашон ҷомеаро бадном мекунанд тасвир карда, дар замина аз мафҳум ва маъниҳои гуногун истифода мебарад. Ҳилолиён Аскар дар таълифи фелетон ҳамеша шакл ва василаҳои тоза ҷуста, чеҳраи аслии одамони ба истиллоҳ «садоқатманд»-ро фош месозад. Дар ин равиш фелетони «Ҳарчӣ бодо бод!» [Тоҷикистони советӣ. – 1967. – 24 декабр] ҷолиб буда, он беҳтарин намунаи ба тарзи типи офаридани образи одамони манфиатҷӯ ва худхоҳ мебошад.

Дар фелетон нависанда аз воқеаи рухдода ва сарнавишти шахсиятҳои мушаххас – Нуриддин Мунавваров (сартароши камгап) ва “ронандаи таксӣ” Ҳоҷӣ Аҳмадов барин одамони худхоҳ бо танз сухан мегӯяд ва чеҳраи аслии «интиқоқдиҳандаи бадӣ»-ро [1, с. 231] ба хонанда менамояд. Фелетонҳои ёдшуда дар натиҷаи омӯзиши воқеияти ичтмоӣ, таҳқиқ ва қиёси далелҳо эҷод гардида, истифодаи ҳунармандонаи воситаҳои бадеии тасвир, ангезаҳои ҳиссӣ ҷанбаи публитсистӣ ва бадеии онҳоро тақвият додааст.

Дар тарзи нигориши Ҳилолиён Аскар яке аз унсурҳои сохтори мундаричавии фелетон – тахайюл нақши хос дошта, василаи муҳимми умумиятдиҳӣ низ мебошад. Матни фелетонҳои нависандаро калимаю образҳои таҳдор, мисли «арақи ҷабин», «қувваи номаълум», «коркуни идораи дахлдор» ва ғайра оро дода, ботин ва зоҳири «сартароши камгап» барин одамони серҷоғ ва худкомаро фош месозанд. Махсусияти дигари фелетонҳои Ҳилолиён Аскарро тарзи истеҳзоомез ва нақизагунаи тасвир, муколамаи танзомези шахсиятҳо ва маъниҳои тамасхӯромези вожаҳо мушаххас месозанд, ки далели ҳунар ва огоҳиҳои касбии муаллиф мебошад. Риояи сабки рӯзномаӣ низ аз хусусияти хоси ин навъи эҷодиёти нависанда буда, таъсири публитсистии навиштаҳояшро афзоиш додааст.

Ба ин тартиб, жанрҳои публитсистию бадеии очерк, лавҳа ва фелетон дар эҷодиёти Ҳилолиён Аскар ҷойгоҳи хос дошта, василаи шаклии инъикос ва эҳёи афкори ичтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ будаанд ва дар шаклгирии афкори умум таъсири созанда доштаанд. Хусусияти жанрии ин осорро, пеш аз ҳама, низоми мундаричавӣ, шаклӣ ва таъсиргузории зебоишинохтӣ ва ахлоқию равонии онҳо муайян ва мушаххас месозад.

Адабиёт

1. Ворошилов, В.В. Журналистика. Базовый курс. Учебник. 5-е издание / В.В. Ворошилов.– СПб: Издательство Михайлова В.А., 2006.– 640 с.

2. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2010. – 294 с.

3. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / Китоби дарсӣ // М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 236 с.

4. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродов.– Душанбе: Ирфон, 1989. –176 с.

5. Поспелов, Г.Н. Целостно – системное понимание литературных произведений / Г. Н. Поспелов // Вопросы литературы. – 1982. – №3. – С. 21-28

6. Прохоров, Е.П. Публицистика в жизни общество / Е. П. Прохоров.– Издательство Московского Университета, 1968.– 101 с.

7. Саъдуллоев, А., Гулмуродзода, П. Жанрҳои таҳлилии матбуот / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1994. – 60 с.

8. Саъдуллоев, А., Гулмуродзода, П. Ҳамосаи инсони кор / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1995. – 64 с.

9. Тертичный, А. А. Жанры периодической печати. Учеб. пособие для студентов вузов / А. А. Третичный. 3-е изд. Испр. И доп.– Москва: Аспект Пресс, 2006.– 320 с.

10. Усмонов, И. Журналистика ва публитсистика // Журналистика. Ҷ.4. – Душанбе, 2011. – С. 53-65.

11. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И. Усмонов.– Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.

12. Черепахов, М.С. Проблемы теории публицистика / М.С. Черепахов. – Москва: Мысль, 1973. – 271 с.

13. Якушин, Н. Живой голос эпохи / Н. Якушин // Публицисты «Современника». Сост. выступит. стат. библиографич. очерки и примеч. Н. И. Якушин. – Москва: Детская литература, 1985. – С. 3-41

Зарипова Шахноза,
Самадова Дилбар

ЖАНРОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ХУДОЖЕСТВЕННО-ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ХИЛОЛИЁНА АСКАРА

В статье подвергнуты исследованию и анализу некоторые художественно-публицистические жанры, используемые известным писателем и публицистом Хилолиёном Аскаром, также автором на основе конкретных фактов проиллюстрированы ценность и особенности творчества писателя. Более того, на основе ценностных соображений отечественных и зарубежных ученых о художественно-публицистических жанрах, исследователь высказал свои мысли об особенностях творчества Хилолиёна Аскара, что способствует повышению научной значимости статьи. В статье подчеркивается, что особое место в творчестве Хилолиёна Аскара занимают художественно-публицистические жанры: очерк, зарисовка и фельетон, ставшие средством отражения социальных, нравственных и культурных мыслей и оказавшие конструктивное влияние на формирование общественного мнения. Жанровая характеристика этих произведений, прежде всего, определяется и конкретизируется их содержанием, формой и эстетическим, нравственно-психологическим воздействием.

Данная статья имеет большое значение в представлении творческой личности Х. Аскара и удостоверяет в том, что публицистическое наследие писателя достойно исследования и научного изучения.

Ключевые слова: Хилолиён Аскар, литературный жанр, публицистика, художественно-публицистические жанры, зарисовка, очерк, фельетон, путевой очерк, путевой образ, персонаж.

Zaripova Shahnoza,
Samadova Dilbar

GENRE FEATURES OF ARTISTIC AND PUBLICISTIC WORKS OF HILOLIYON ASKAR

This article dedicated to the research and analysis of some artistic and journalistic genres used by the famous writer and publicist Hiloliyon Askar, also the author, based on specific facts, illustrates the value and features of the writer's work. Moreover, based on the value considerations of domestic and foreign scientists about artistic and journalistic genres, he expressed his thoughts about the features of Hiloliyon Askar's work, which contributes to increasing the scientific significance of the article. The authors emphasize that a special place in the work of Hiloliyon Askar is engaged by artistic and journalistic genres: essay, sketch and feuilleton, which have become a means of reflecting social, moral and cultural thoughts and have had a constructive impact on the formation of public opinion. The genre characteristics of these works are, first of all, determined and specified by their content, form and aesthetic, moral and psychological impact.

This article is of great importance in the presentation of the creative personality of H. Askar and certifies that the journalistic heritage of the writer is worthy of research and scientific study.

Keywords: Hiloliyon Askar, literary genre, journalism, artistic and journalistic genres, sketch, essay, feuilleton, travel essay, travel image, character.

ТДУ: 8тоҷик+ 82тоҷик+008+001(092)+002+05+07

Маҳкамзода Дилором,
Шарипов Сангимурод

ВОҚЕИЯТИ ИҶТИМОӢ ДАР “САФАРНОМА”-И НОСИРИ ХУСРАВ

Дар мақола муаллифон хусусият ва ҷанбаҳои публитсистии “Сафарнома”-и Носири Хусравро мавриди омӯзиш қарор дода, иртиботи онро бо жанри очерки сафарӣ ва сафарнома муайян карда, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои публитсистии онро зикр кардаанд. Муаллифон зимни баррасии масъалаи мавриди таҳлил ба хулосае омадаанд, ки дар “Сафарнома” истифодаи факту арқом, номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, шахсиятҳои маъруфи давр, анъана ва расму оин, фарҳангу шуғли мардум, адолати иҷтимоӣ ва давлатдории ҳокимон асоси воқеӣ доранд. Дар баробари тасвири таассуроти сафар Носири Хусрав ба мушкилиҳои иҷтимоии ҷомеа, дар муқоиса ба кишварҳои мутараққӣ ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии

Мовароуннаҳру Хуросон бо диди интиқодӣ нигаристааст. Асари мазкур барои ташаккули жанри сафарнома ва очерки сафарӣ боис гардидааст.

Калидвожаҳо: *Носири Хусрав, "Сафарнома", очерк, публитсистика, ҷанба, факт, воқеияти иҷтимоӣ, бадеият, интиқод, ташаккул, жанр, сафарнома.*

Воқеияти иҷтимоӣ дар асарҳои публитсистию бадеӣ аз чигунагии муносибати муаллиф ба баррасии он алоқаманд аст. Ҳамин аст, ки аксари адибон дар осори худ аз тасвири воқеии ҳодисаҳо ва қаҳрамонҳо фаровон истифода кардаанд. Новобаста аз тахаюли бадеӣ доштани асари бадеӣ, он дар заминаи ҳақиқати воқеӣ таълиф мегардад.

Омилҳои пайдоиши публитсистикаи тоҷик бо осори адибони классикии тоҷику форс иртиботи қавӣ дорад, зеро аввалин ҷанбаҳои публитсистиро метавон дар ин осор ба мушоҳида гирифт. Вижагии асари бадеӣ образнокӣ ва тахаюли муаллиф бошад ҳам, дар воқеаҳои давр, вазъи давлатдорӣ, аҳволи иҷтимоии мардум, ахлоқ низ аз равзанаи ҳақиқат таҷассум меёбад.

"Сафарнома" дар адабиёти тоҷик таърихи хеле қадима дорад. Асари мазкур дар соли 1922 дар Берлини Олмон дар асоси нусхаи асл интишор шудааст. Соли 1970 аз тарафи Камол Айнӣ ва Салоҳат Айнӣ "Сафарнома" бо хатти кирилӣ аз чоп баромад.

Адибони тоҷику форс пеш ва баъд аз замони Носири Хусрав низ асарҳое офаридаанд, ки маҳсули сафарҳояшон буданд. Оид ба "Сафарнома"-и Носири Хусрав муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Э. Бертелс, А. Эделман, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, И. Қосимов, А. Девонақулов, Р. Қубодиёнӣ, Х. Шарифов, Х. Асозода, Н. Сайфиев, А. Абдуллоев, С. Атобуллоев ва дигарон андешаҳои худро иброз намуда, онро гоҳ асари ёддоштӣ, гоҳо бадеӣ ва баъзеи онҳо илмӣ гуфтаанд.

А. Эделман "Сафарнома"-ро натанҳо ҳамчун хотираи адабӣ, балки ба сифати манбае, ки маълумоти ҷуғрофӣ ва таърихӣ медиҳад, арзёбӣ мекунад. И. Қосимов бошад, онро ёддошт дониста, хусусияти тарҷумаиҳолӣ доштанашро таъкид менамояд. Р. Қубодиёнӣ илова ба қимати илмӣ доштани асар ҷанбаҳои бадеии онро низ зикр мекунад. А. Абдуллоев "Сафарнома"-и Носири Хусравро очерки сафарӣ гуфтааст, ки то андозае моҳияти асарро ифода мекунад.

Дар Энсиклопедияи советии тоҷик "Сафарнома"-и Носири Хусрав чунин шарҳ дода шудааст: "Сафарнома" "... зоҳиран нахустин асарест, ки дар адабиёти форс-тоҷик дар жанри сафарнома навишта шудааст. "Сафарнома" қайдҳои хотироти сафари ҳафтсолаи Носири Хусравро (аз 5 марти 1046 то 23 октябри 1052) дар бар мегирад. Вай дар муддати ин сафар 2220 фарсанг (17 ҳ.км) масофаро тай намуда, шаҳру вилоятҳои мамлакатҳои Шарқи Миёнаю Наздик (Афғонистон, Эрон, Озорбойҷон, Осиёи Хурд, Сурия, Ҳиҷоз, Миср, Яман, Тунис, Фаластин, Ироқ ва ғайра)-ро саёҳат намуда, ранҷу машаққати зиёде аз сар гузаронидааст" [12, с. 321].

Муҳаққиқ Х. Асозода андешаҳои худро нисбат ба истилоҳи "сафарнома" ва "сиёсатнома" иброз дошта, таъкид месозад, ки "саёҳатномаҳои Шарқи мусулмонӣ дар зери таъсири "Сафарнома"-и Носири Хусрав ва дигар сафарномаҳо арзи вуҷуд кардааст" [1, с. 70].

Таъсири мутақобилаи осори адабӣ ва публитсистӣ падидаи табиӣ аст, зеро ин ду соҳаи эҷод дар инъикоси воқеият ҳамоҳангӣ доранд. Ба таъкиди муҳаққиқи публитсистика А. Саъдуллоев “Воқеият ин олами предметӣ, олами табиист, ки мо онро ҳар рӯз мебинем ва бо он во мехӯрем. Воқеият муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва воқеаҳои ҷамъиятиро фаро мегирад” [9, с. 39].

Ин хусусиятро олимони соҳаи публитсистикашиносии тоҷик чун “оҳанги публитсистӣ”, “ҷанбаи публитсистӣ”, “насри мустанад” ва амсоли ин ёдовар шудаанд. Ба андешаи олимон ва публитсистони рус бошад, публитсистика “руҳи замон”, “шакли дарки сиёсӣ ва инъикоси воқеият дар шаклу намудҳои гуногун”, “як шакли омӯзиши эстетикии ҷаҳон ва инсон” буда, дар публитсистика “ғоянокӣ, устувории мавқеъ, ҷасорати андешаронӣ” муҳим мебошад.

Солҳои охир дар муҳити илмии кишвар таҳқиқи ҷанбаҳои публитсистии осори адибону публитсистони классику муосири тоҷик бештар гардида, дар ин замина мақолаву рисолаҳои зиёде интишор шудаанд. Таваҷҷуҳ ба осори публитсистии Носири Хусрав, бахусус “Сафарнома”-и ӯ аз ҷониби муҳаққиқон А. Саъдуллоев, И. Усмонов, М. Муродӣ, Н. Бозоров, С. Шарипов ва дигарон мушоҳида мешавад. Зимни баррасии ҷанбаҳои публитсистика муҳаққиқони мазкур ба “Сафарнома” ишора кардаанд. Аксари онҳо бо олимони адабиётшинос ҳамақидаанд, ки ин асар яке аз омилҳои асосии пайдоиши очерки сафарӣ аст.

Дар китоби “Назарияи публитсистика”-и И. Усмонов таъкид шудааст, ки эҷоди публитсистии Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, Аҳмади Дониш: “Сафарнома”, “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Наводир-ул-вақоеъ” ба ҳайси китобҳои сафарӣ, ахлоқию тарбиявие ба амал омадаанд ва имрӯз ҳам иддае аз муҳаққиқин натавонистанд равия ва хислати онҳоро ба таври бояду шояд муайян намоянд. Чунин навиштаҳои публитсистӣ, ки дур аз журналистика ё дар паҳлӯи журналистика инкишоф ёфтаанд, на танҳо барои гузаштаи дуру наздик, балки барои имрӯз ҳам хос мебошанд” [10, с. 50].

Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродӣ пешомадони публитсистикаи тоҷик дар радифи таҳлили осори Абулқосим Фирдавсӣ, Низомулмулки Тусӣ, Убайди Зоконӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Аҳмади Дониш, Тошхӯҷаи Асирӣ, Аҷзии Сиддиқӣ, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё номи Носири Хусравро низ зикр карда, доир ба “Сафарнома”-и ӯ маълумот додааст. Ӯ менависад, ки “Мавҷудияти руҳи иҷтимоӣ дар осори намояндагони адабиёти классики тоҷику форс ва ба публитсистика бештар гаравидани адибони муосир нишони он аст, ки дар ҳар давру замон таваҷҷуҳ ба воқеиёти муҳимми рӯз ва маърифати иҷтимоии он барои аҳли қалам маҳаки асосӣ маҳсуб меёфтааст” [7, с. 3]. Дарвоқеъ, осори адабии ниёгони мо ба ғайр аз ифодаи орзуву омол ва тахаюли бадеӣ бозгӯкунандаи вазъи ҳаёти мардум, ҳокимон, муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давраҳои гузашта мебошад. “Зеро адабиёт, хоҳем нахоҳем, ин тасвири зиндагиномаи инсон аст” [9, с. 14].

“Сафарнома” ҳамчун жанри мустақили публитсистика аз тарафи муҳаққиқони тоҷику рус мавриди баррасию таҳлили ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Ин асар бо вижагиҳои худ аз очерки сафарии муосири публитсистӣ аз ҷиҳати сохт, забон ва ҳаҷму масъалагузорӣ тафовут дорад.

Аммо тасвири воқеъгароёнаи Носири Хусрав дар “Сафарнома” муассиру ҷолиб мебошад.

Муҳаққиқи рус Н.М. Маслова сафарномаҳоро дар тақсимбандии худ аз ҷиҳати шакл ба чор гурӯҳ ҷудо намудааст. “Сафарнома”-и Носири Хусравро ҳамчун китоби публитсистӣ ба гурӯҳи сеюм мутааллиқ донистааст. Ӯ менависад, ки “Сафарнома”-и Носири Хусрав асарест, ки “пурра ҷавобгӯйи талаботи сафарнома буда, дар шакли китоб ба табъ расидааст” [5, с. 13].

Муҳаққиқи дигар А. Абдуллоев зикр мекунад, ки “Сафарнома” китоби тарҷумаиҳолӣ, таърихӣ, ахлоқӣ ва ҷуғрофист. Аз мутолиаи он мо бо аҳвол ва ҳаёти нависанда, ки аксар дар хорию зиллат ва азоб гузаштааст, шинос мешавем. Факту санадҳои муҳимми таърихию адабиро меомӯзем, урфу одатҳои гуногунро дониста мегирем, вазъи ҳамонвақтаи шаҳру ноҳияҳои гуногунро мефаҳмем” [2, с. 15].

Ин андешаро М. Муродӣ низ таквият медиҳад, ки “Сафарнома” “... аз як тараф, барои омӯхтани лаҳзаҳои ҳаёту фаъолияти илмӣ - адабӣ, доираи дониш, ақида, ҷаҳонбинӣ ва муносибати Носири Хусрав, аз ҷониби дигар, дар шинохти фарҳанги кишварҳои гуногун маълумоти хубу ҷолиб медиҳад” [6, с. 7]. Н. Бозоров қайд менамояд, ки “... ин асар очерки сафари холис набуда, балки тавсифи худи сафар аст, ки ба ин васила чаҳорчӯби жанр андаке шикаста мешавад. Таъсири идеологӣ ва иҷтимоии асар, қаҳрамони он шинохта шудани худи Носири Хусрав, одамони воқеӣ будани персонажҳо, типпӣ будани воқеа ва образҳо, ба шакли воқеӣ истифода шудани факту рақамҳо, таҳлили публитсистии факту рақамҳо гувоҳи хислати публитсистӣ-очеркии ин асар аст” [2, с. 17].

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки “Сафарнома” “ ... на дар асоси анъанаи адабӣ, балки дар заминаи воқеаҳои муайяни адабиву иҷтимоӣ, ки муаллиф бевосита шоҳиди онҳо будааст, эҷод гардидааст ва аз ҷиҳати тасвири сафар хеле пурҳикмату аҳамиятнок мебошад” [7, с. 14].

Б. Қутбиддин низ қайд мекунад, ки «… барои публитсист образи бадеӣ як гунаи муошираті зиндаву шавқовар бо хонанда буда, ӯро ба андешапарварӣ водор месозад» [4, с. 3].

Аз таҳлили мавзуъ бармеояд, ки эҷоди “Сафарнома”-и Носири Хусрав бо мақсади ташаккули маърифат сурат гирифтааст. Нигоранда тамоми ҷузъиёти хатти сайёҳаташро бо қайди замону макон, воқеаҳо, одамон ва таассуроти хеш тасвир кардааст, ки хонанда на танҳо аз он бардошти маънавӣ мегирад, балки бо таъриху рӯзгори давраи зиндагии мутафаккир ва адиб ошно мешавад.

Ба андешаи олим Х. Шарифов, ки барои эҷодкор “Дар муҳити иҷтимоӣ, рӯзгори пурҳаводис моҳияти ҳодисаҳоро дидану пай бурдан кори осон нест. Нависанда ҳамон вақт нисбат ба ҳамқаламону ҳамзамонони худ бузургу тавонотар аст, ки ба ҷузъ имкониятҳои касб, қобилияту фитрати диди моҳияти ҳаводисро дошта бошад” [11, с, 156]. Чунин маҳорати баланди эҷодиро Носири Хусрав соҳиб буд ва тавонист, ки бо таълифи асарҳояш, бахусус “Сафарнома” инро собит созад.

Носири Хусрав сабаби навиштани “Сафарнома”-ро чунин шарҳ додааст: “Масофати роҳ духазору дувисту бист фарсанг буд ва ин саргузашт он чӣ дида будам, ба ростӣ шарҳ додам. Ва баъзе, ки ба ривоятҳо шунидам, агар дар он ҷо хилофе бошад, хонандагон аз ин заиф надонанд ва накӯҳиш

накунанд” [8, с. 4]. Бояд зикр намуд, ки адиб воқеият доштани таассуроти сафарашро таъкид карда, хонандаро бовар мекунонад, ки нақлу тасвираш ҳақиқӣ аст. Ин яке аз хусусиятҳои асари публитсистӣ аст, ки дар асоси факту арқом, қаҳрамонҳои реалӣ, рухдодҳои воқеӣ ва мушоҳидаҳои муаллиф эҷод мешавад.

“Сафарнома”-и Носири Хусрав аз мундариҷа ва бисту як қисмат таркиб ёфтааст. Қисматҳои асар, “Сифати қуббаи Сахра”, “Сифати дараҷоти роҳи дӯкон, ки бар соҳати ҷомеа аст”, “Сифати Халил саллавотуллоҳу алайҳ”, “Сифати шаҳри Миср ва вилояташ”, “Сифати шаҳри Қоҳира”, “Шаҳри Қоҳира”, “Сифати фатҳи халиҷ”, “Сифати шаҳри Миср”, “Сифати хони Султон”, “Сияри Султони Миср”, “Сифати шаҳри Макка шарафаҳуллоҳу таоло”, “Сифати замини Араб ва Яман”, “Сифати Масҷидилҳаром ва байти Каъба”, “Сифати дари Каъба”, “Сифати андаруни Каъба”, “Сифати кушудани дари Каъба шаррафаҳуллоҳу таоло”, “Умраи ҷаърона”, “Сифати Лаҳсо”, “Сифати мадду ҷазри Басра ва ҷӯйҳои он” ва “Сифати аъмоли Басра”-ро дар бар мегирад. Ҳар як қисмат мушаххас дар бораи шаҳру кишварҳо, ҳокимони он иттилоъ дода, тасвири муаллиф бо ҷузъиёти ҷуғрофӣ, сохтмону меъморӣ, маданият, эътиқод, урфу одат ва касбу ҳунари аҳолӣ бисёр ҷолибу хонданӣ омадааст. Тасвири ҳар як сафар дар китоб бо калимаи “сифати...” оғоз шуда, баъд муаллиф ба шарҳи мавзуъ мегузарад. Азбаски Носири Хусрав ҳангоми сафар бо ашхоси гуногун, аз ҷумла донишмандону шоирон, орифон вохӯрда буд, дар бораи мавзуъҳои баҳс, мубодилаи афкор, андешаву таассуроти худро батафсил баён намудааст.

Носири Хусрав дар “Сифати аъмоли Басра” аз сафараш ба Қоин, ки дар наздикии Ҳирот ҷойгир аст, қисса карда, дар бораи як баҳси илмиаш бо олими “аз ҳар илме бохабар: аз тиб ва нуҷум ва мантиқ” Абӯмансур Муҳаммад бинни Дӯст ёдовар мешавад. “Чизе аз ман пурсид, ки чӣ гӯйӣ беруни ин афлок ва анҷум чист? Гуфтам: “Номи чиз бар он афтад, ки дохили ин афлок аст ва бар дигар на”. Гуфт: “Чӣ гӯйӣ аз ин гунбадҳо маънӣ аст ё на?” Гуфтам: “Чора нест, ки олам маҳдуд аст ва ҳадди ӯ фалак ул афлок ва ҳад онро гӯянд, ки аз ҷуз ӯ ҷудо бошад ва чун ин ҳол дониста шуд воҷиб кунад, ки беруни афлок на чун андарун бошад”. Гуфт. “Пасон маъниро, ки ақл исбот мекунад, ниҳоят ҳаст аз он ҷониб? Агар ниҳояташ ҳаст то куҷост. Ва агар ниҳоят нест номутаноҳӣ чӣ гуна фано пазирад?” Ва аз ин шева сухане чанд мерафт ва гуфт, ки: “Бисёр таҳайюр дар ин хӯрдаам”. Гуфтам: “Кӣ нахӯрдааст?” [8, с. 103].

Дар қисмати “Шаҳри Қоҳира” бошад, Носири Хусрав дар бораи яке аз зеботарин шаҳрҳои давлатҳои араб чунин менигорад: “Панҷ дарвоза дорад: Бобуннаср, Бобулшутӯҳ, Бобулқантара, Бобуззувайла, Бобулхалиҷ. Ва шаҳр бору надорад, аммо биноҳо муртафеҳ аст, ки аз бору қавитар ва олитар аст ва ҳар сарой ва кӯшке ҳисорест ва бештар иморот панҷ ишкӯб ва шаш ишкӯб бошад ва оби хӯрданӣ аз Нил бошад, саққоён бо шутур нақл кунанд ва оби чоҳҳо ҳар чӣ биравад, Нил наздиктар бошад, хуш бошад. Ва ҳар чӣ дур аз Нил бошад, шӯр бошад. Ва Миср ва Қоҳираро гӯянд панҷоҳ ҳазор шутур ровиякаш аст, ки саққоён об кашанд ва саққоён, ки об бар пушт кунанд, худ ҷудо бошанд ба сабӯҳҳои биринҷин ва хикҳо дар кӯчаҳои танг, ки роҳи шутур набошад. Ва андар шаҳр дар миёни сароҳо боғчаҳо ва

ашҷор бошад ва об аз чоҳ диҳанд ва дар ҳарами султон ҳарамбӯстонҳост, ки аз он некутар набошад ва дӯлобҳо сохтанд, ки он басотинро об диҳад ва бар сари бомҳо ҳам дарахт нишонда бошанд ва тафарруҷгоҳҳо сохта ва дар он таърих, ки ман он ҷо будам, хонаи ки замини вай бист газ дар дувоздаҳ газ буд ба понздаҳ динори мағрибӣ ба иҷорат дода буд дар як моҳ” [8, с. 50].

Носири Хусрав дар ин қисмат дар бораи як сол дар ин ҷо зиндагӣ карданаш ва зебоиҳои шаҳри Қоҳира, дар бораи Халиҷ, муқоиса бо Миср қисса карда, оид ба масоҷиди ин шаҳр навиштааст: “Ва Қоҳираро чаҳор ҷомеъ аст, ки рӯзи одина намоз кунанд, якеро аз он Азҳар гӯянд ва ҷомеи Нур ва ҷомеи Ҳоким ва ҷомеи Муиз. Ва ин ҷомеъ беруни шаҳр аст бар лаби Нил” [8, с. 51]. Имрӯз низ Қоҳира аз ҷумлаи шаҳрҳои зеботарини олам ба ҳисоб меравад ва тасвири Носири Хусрав нисбати ин шаҳр ҳақиқат дорад.

Мақсади дигари саёҳати Носири Хусрав ба сарзамини араб адои ҳаҷ буд. Ӯ дар баробари адои ҳаҷ дар “Сафарнома”-и худ аз вазъи Макка ва Мадина, ки марказҳои ибодати мусулмонон мебошад, маълумот медиҳад. “Шаҳри Макка андар миёни кӯҳҳо ниҳодааст баланд ва аз ҳар ҷониб, ки ба шаҳр раванд то ба Макка нарасанд, натавон дид ва баландтарин кӯҳе, ки ба Макка наздик аст, кӯҳи Абӯқубайс аст ва он чун гунбаде гирд аст, чунонки аз пои он тире бияндозанд бар сар расад ва дар машриқии шаҳр афтодааст, чунонки чун дар Масҷиди Ҳаром бошанд. Ба даймоҳ офтоб аз сари он барояд ва бар сари он миле аст аз санг бароварда. Гӯянд, Иброҳим алайҳисаллом баровардааст ва ин арса, ки дар миёни кӯҳ аст шаҳр аст ду тирпартоб дар ду беш нест ва Масҷиди Ҳаром ба миёнаи ин фарохной андар аст ва гирд бар гирди Масҷиди Ҳаром шаҳр аст ва кӯчаҳо ва бозорҳо ва ҳар кӯҷо рахнае ба миёни кӯҳ дар аст, девори бора сохтаанд ва дарвоза бар ниҳода ва андар шаҳр ҳеҷ дарахт нест, магар бар дари Масҷиди Ҳаром, ки сӯи мағриб аст, ки онро Боби Иброҳим хонанд” [8, с. 72].

Дар қисмати “Сифати аъмоли Басра” Носири Хусрав дар бораи сафараш ба Басра тавассути шаҳри Меҳрубон нақл карда, ёдовар мешавад, ки мушкилиҳои сафар ва ноамнии вазъият ӯро водор кардааст то ба ҳокимону шайхони он минтақаҳо муроҷиат кунад. Яке аз ин сафарҳои адиб ба шаҳри Арғон рост меояд, ки ҳолати ногувори худро чунин ба қалам додааст: “Ва ман дар ин шаҳри Меҳрубон бимондам ва ба сабаби он ки гуфтанд: “Роҳҳо ноэмин, аст аз он ки писарони Абоколинҷорро бо ҳам ҷангу хусумат буд ва ҳар як саре мекашиданд ва мулк мушавваш гашта буд”. Гуфтанд: “Ба Арғон марде бузург аст ва фозил, ӯро шайх Садид Муҳаммад бинни Абдулмалик гӯянд. Чун ин сухан шунидам, азбаски аз мақом дар он шаҳр малул шуда будам, руқъае навиштам бад-ӯ ва аҳволи худ эълон намудам ва илтимос кардам, ки маро аз ин шаҳр ба мавзее расонад, ки эмин бошад. Чун руқъа бифиристодам, рӯзи сеюм сӣ марди пиёда дидам ҳама бо силоҳ, ба наздики ман омаданд ва гуфтанд: “Моро шайх фиристодааст то дар хидмати ту ба Арғон равем ва моро ба дилдорӣ ба Арғон бурданд” [8, с. 98]. Аз ин пораи “Сафарнома” маълум мегардад, ки обрӯю манзалати Носири Хусрав ҳамчун шоир, ориф ва донишманди замон дар доираҳои илмиву адабӣ ва аҳли дин баланд будааст. Ин мақом барои аз мушкилоти сарбастаи сафар раҳо ёфтани ӯ мусоидат кардааст.

Ҳар як қисмати “Сафарнома” бо чунин услубу забон нигошта шуда, манзараҳои рангини дидаи муаллифро пеши назари хонанда ҷилвагар мекунад.

Аз таълифи ин асари пурмуҳтавои адабию публитсистии Носири Хусрав беш аз 950 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, он ҳанӯз аҳамияти сиёсиву иҷтимоӣ, бадеию эстетикӣ, фарҳангию ахлоқии худро гум накардааст. Ҷанбаи публитсистии “Сафарнома” дар он ифода меёбад, ки ҳаёти мардуми на танҳо Мовароуннаҳру Хуросон, балки кишварҳои арабро бозгӯ карда, бар замми таърихномаҳо, асарҳои илмию бадеӣ маълумоти фаровони дақиқ медиҳад. Омӯзиши ин асар, аз як тараф, саҳифаҳои норавшани замони Носири Хусрав – қарни XI-ро инъикос намояд, аз тарафи дигар маҳорати нигориши хосса ва таҷассуми воқеъиятро нишон медиҳад.

Адабиёт

1. Асозода, Х. Становление крупных жанров / Х. Асозода. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 198 с.

2. Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултаи журналистика) / Н. Бозоров. – Душанбе: Пойтахт, 2014. – 184 с.

3. . Бозоров, Н. Сафарноманигорӣ воқеанигорист / Н. Бозоров. – Душанбе, 2008. - С. – 18-30.

4. Қутбиддин,Б. Воқеияти тасвир / Б. Кутбиддин. – Душанбе, 2014. – 124 с.

5. Маслова, Н.М. Путевые записки как публицистическая форма / Н. Маслова. – М.: Изд-во Моск. Ун.-та, 1977. – 154 с.

6. Муродов, М. Аз замон то замон (Нигоҳе ба публитсистикаи тоҷик) /М. Муодов. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 248 с.

7. Муродӣ, М. Публитсистикаи тоҷик (аз оғоз то имрӯз) / М. Муродӣ. –Душанбе: Аржанг, 2021. – 576 с.

8. Носири Хусрав Сафарнома (Ба чоп тайёркунандагон: Камол Айнӣ, Салоҳат Айнӣ). – Душанбе: Ирфон, 1970. – 117 с.

9. Саъдуллоев, А. Хосияи адабиёт (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ) / А Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.

10. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.

11. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.

12. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе, 1980. – С. 321.

Махкамзода Дилором,
Шарипов Сангимурод

СОЦИАЛЬНАЯ ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ В «САФАРНАМЕ» НОСИРА ХУСРАВА

В данной статье авторы рассмотрели свойства и публицистические аспекты «Сафарнаме» Носира Хусрава, выявили её связь с путевым очерком и отметили важность изучения её публицистических свойств. Авторы в

процессе исследования данной темы приходят к выводу, что в «Сафарнаме» использование фактов, географических названий, традиций, культуры и народных ремесел, социальной справедливости и правления государством имеет реальную основу. Изображая свои впечатления Носир Хусрав критически относился к социальным проблемам общества, сравнивает с политической, экономической, социальной и культурной жизнью Мавероуннахра и Хорасана. Данное произведение способствовало формированию путевых заметок и путевого очерка как отдельного жанра.

Ключевые слова: Носир Хусрав, «Сафарнаме», очерк, публицистика, аспект, факт, социальная действительность, образность, критика, формирование, журналистика, путевые заметки.

Mahkamzoda Dilorom
Sharipov Sangimurod

SOCIAL REALITY IN “SAFARNAMA” BY NOSIR KHUSRAV

In this article, the authors examined the properties and journalistic aspects of “Safarnama” by Nosir Khusrav, identified its connection with the travel essay and noted the importance of studying its journalistic properties. In the process of researching this topic, the authors come to the conclusion that in “Safarnama” the use of facts, geographical names, traditions, culture and folk crafts, social justice and government has a real basis. Depicting his impressions, Nosir Khusrav critisized the social problems of society and compares the political, economic, social and cultural life of Movarounnahr and Khorasan. This work contributed to the formation of travel notes and travel sketches as a separate genre.

Keywords: Nosir Khusrav, “Safarnama”, essay, journalism, aspect, fact, social reality, imagery, criticism, formation, journalism, travel notes.

МУАЛЛИФОН

Зарипова Шаҳноза – саромӯзгори кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Каримзода Саъдулло – дотсенти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов.

Комилзода Шариф – номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи фаъолияти китобдории ПИТФИ.

Мамадазимова Майрам – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи осорхонашиносии ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода.

Мадимарова Гулҳаё – ходими пешбари илмии шуъбаи иҷтимоию фарҳангии ПИТФИ

Маҳкамзода Дилором – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

Муродӣ Мурод – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ходими пешбари илмии шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашри ПИТФИ.

Назаров Холназар – ходими калони Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Одиназода Бахтиёр – номзади илмҳои таърих, муовини ректор оид ба илм ва корҳои эҷодии ДДСТДТ, дотсенти кафедраи санъатшиносӣ.

Раҳимов Баҳодур – ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ

Рачабова Назира – муаллими калони кафедраи китобхонашиносва феҳристнигории ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода

Раҳимӣ Дилшод – номзади илмҳои филологӣ, мудири Маркази мероси фарҳанги тоҷикони ПИТФИ

Саидзода Савриддин – сармутахассиси шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёнаи Осорхонаи миллӣ.

Самадова Дилбар – номзади илмҳои филологӣ, Директори китобхонаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Шарипов Сангимурод – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

Шарифзода Фирдавс – номзади илмҳои таърих, докторанти ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

АВТОРЫ

Зарипова Шахноза – старший преподаватель кафедры информации и коммуникационных технологий ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова».

Каримзода Саъдулло – доцент Таджикской национальной консерватории имени Т. Сатторова.

Комилзода Шариф – кандидат педагогических наук, ведущий научный сотрудник отдела библиотечной деятельности НИИКИ.

Мамадазимова Майрам – кандидат исторических наук, доцент, заведующая кафедрой архивоведения ТГИКИ имени Мирзо Турсунзаде.

Мадимарова Гулхаё – ведущий научный сотрудник отдела социально-культурной деятельности НИИКИ.

Махкамзода Дилором – кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики ГОУ «БГУ имени Носира Хусрава».

Муроди Мурод – доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета, ведущий научный сотрудник НИИКИ.

Назаров Холназар – старший сотрудник Управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

Одиназода Бахтиёр – кандидат исторических наук, проректор по науке и творчеству Государственного института изобразительного искусства и дизайна Таджикистана, доцент кафедры искусствоведения.

Раджабова Назира – старший преподаватель кафедры библиотековедения и библиографоведения ТГИКИ имени Мирзо Турсунзаде.

Рахими Дилшод – кандидат филологических наук, заведующий отделом Центра культурного наследия таджиков НИИКИ.

Рахимов Баходур – ассистент кафеды иностранных языков Технического колледжа ТТУ имени академика М. Осими.

Саидзода Савриддин – главный специалист отдела древней и средневековой истории Национального музея.

Самадова Дилбар – кандидат филологических наук, директор библиотеки ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова».

Шарипов Сангимурод – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой журналистики ГОУ «БГУ имени Носира Хусрава».

Шарифов Фирдавс – кандидат исторических наук, докторант ТГПУ имени С. Айни.

AUTHORS

Karimzoda Sa'dullo – Docent of the Tajik National Conservatory named after T. Sattorov.
Komilzoda Sharif – Candidate of pedagogical sciences, Leading scientific worker at the Department of Library activities of the RICI.
Madimarova Gulhayo – Candidate of philological sciences, Senior researcher of the of the Department of the Culture and Leisure issues of the RICI.
Mahkamzoda Dilorom – Candidate of philological sciences, Docent, Docent of the Department of journalism of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav.
Mamadaziova Mayram – Candidate of hisotircal sciences, Docent, Head of the Department of Archive studies of the Tajik State Institute of Arts named after M. Tursunzoda.
Murodi Murod – Doctor of philological sciences, Professor of Department of Publishing issues of the Tajik National University, Leading scientific worker of the RICI.
Nazarov Kholnazar – Senior worker of the Department of Science and Innovation of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Odinazoda Bakhtiyor – Candidate of historical sciences, Vice–rector for science and creativity issues of the Tajikistan State Institute of Arts and Design, Docent of the Department of Art History.
Radzhabova Nazira – senior Lecturer of theDepartment of Library Science and Bibliography Tajik State Institute of Culture and Art named after Mirzo Tursunzoda.
Rahimi Dilshod, Candidate of philological sciences, Head of the Centre for Cultural Heritage of Tajiks of the RICI.
Rahimov Bahodur – Assistant of the Department of foreign languages of the Technical Colledge of the TTU named after M. Osimi.
Saidzoda Savriddin – Senior Specialist of the Department of Ancient and Medieval History of the National Museum.
Samadova Dilbar – Candidate of philological sciences, Director of the Library of the Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov.
Sharifzoda Firdavs – Candidate of historical sciences, doctoral student of S. Aini TSPU.
Sharipov Sangimurod – Candidate of philological sciences, Docent, Head of the Department of journalism of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav.
Zaripova Shahnoza – Assistant of the Department of information and communication technologies of the Khujand State University named after academician Bobojon Ghafurov.

МУНДАРИҶА

Мероси фарҳангӣ

Шарифзода Ф. Бозтоби масъалаҳои мероси фарҳангӣ дар паёмҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон .....
Раҳимӣ Д. Шинохти рубоӣ ва рамз дар таҳқиқоти Академик Раҷаб Амонов .....
Назаров Х., Раҳимов Б. Ҷанбаҳои ахлоқӣ ва тарбиявии ҳамосаи «Гӯрғулӣ» .....
Саидзода С. Элементҳои мудофиавии ёдгориҳои кушонии Тоҷикистон....
Мадимарова Г. Чанд сухан перомуни ҷойгоҳи мадҳия ва фалаксароӣ дар Бадахшон.....

Фаъолияти иҷтимоиву фарҳангӣ

Комилзода Ш.Худкорсозии (автоматонии) равандҳои китобдорӣ-библиографӣ .....
Раҷабова Н. Масъалаи менеҷменти инноватсионӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон.....

Санъатшиносӣ

Одинаев Б. Таърихи пайдоиши техникаи ороиш ва рамзҳои нақшу нигор дар санъати ороиши амалӣ.....
Мамадазимова М. Муаррифгари хореографияи тоҷик.....
Каримзода С. Мавқеи сози мусиқӣ дар суннатҳои фалакхонӣ: анъанаи фалаки помирӣ .....

ВАО ва табъу нашр

Муродӣ М. Таҳқиқ ва тасвир дар очеркҳои Бахтиёр Муртазо.....
Зарипова Ш., Самадова Д. Вижагиҳои жанрии осори бадеию публитсистии Ҳилолиён Аскар.....
Маҳкамзода Д., Шарипов С. Воқеияти иҷтимоӣ дар “Сафарнома”-и Носири Хусрав.....

Муаллифон …….....

СОДЕРЖАНИЕ

Культурное наследие

Шарифзода Ф. Отражение вопросов культурного наследия в Посланиях Президента страны Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан……

Рахими Д. Изучение рубаи и их символы в исследованиях академика Раджаба Амонова.....

Назаров Х., Рахимов Б. Нравственные и воспитательные аспекты эпоса «Гуругли».....

Саидзода С. Оборонительные элементы кушанских памятников Таджикистана.....

Социально-культурная деятельность

Комилзода Ш. Автоматизация библиотечно-библиографических процессов.....

Раджабова Н. Проблемы инновационного менеджмента в библиотеках Таджикистана…….

Искусствоведение

Одиназода Б. История возникновения, техника нанесения и символы орнамента в декоративно-прикладном искусстве……

Мамадазимова М. Ознакомитель таджикской хореографии ……..

Каримзода С. Положение музыкальных инструментов в традициях исполнения фалака: традиция памирского фалака……

СМИ и издательское дело

Муроди М. Исследование и изображение в очерках Бахтиера Муртазо……..

Зарипова Ш., Самадова Д. Жанровые особенности художественно-публицистических произведений Хилолиёна Аскара.....…

Махкамзода Д., Шарипов С. Социальная действительность в «Сафарнаме» Носира Хусрава..... ……

Авторы ……...…….……

CONTENTS

Cultural heritage

Sharifzoda F. Reflection of cultural heritage issues in the messages of the President of the country Emomali Rahmon to Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan……..
Rahimi D. Studying the rubai and their symbols in researches Academician Rajab Amonov…….
Nazarov K., Rahimov B. Moral and educational aspects the epic "Gurugli"……
Saidzoda S. Defensive elements of the kushan monuments of Tajikistan……..
Madimarova G. A few words about the place of madhia (eulogistic songs) and falaк in Badakhshan…….....

Social and cultural activities

Komilzoda Sh. Automation of processes library-bibliography……
Radzhabova N. Some aspects of studying the problem of intonation management in Tajikistan…….

Art studies

Odinazoda B. History of origin, application technique and symbols of ornament in decorative and applied arts……
Mamadazimova M. Introductor of the tajik choreography……..
Karimzoda S. Role of musical instruments in the traditions of falak performance: the tradition of badakhshani falak ……

Mass Media and publishing issues

Murodi M. Research and image description of the essays of Bakhtiyar Murtazo…..
Zaripova S., Samadova D. Genre features of artistic and publicistic works of Hilolyon Askar……
Mahkamzoda D., Sharipov S. Social reality in "Safarnama" by Nosir Khusrav……

Authors …….....

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳа анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла доир ба мундарича ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд. Норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд. Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳа (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳо мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбат дода шуда, чопи он аз тарафи ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро сурат намегирад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифодаи он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода карда наметавонанд. Тақризҳо дар идораи маҷалла ба муддати то 5 сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора.

Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд. Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в ВАК Республики Таджикистан при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёмномаи фарҳанг» пешниҳод мегарданд

Дар маҷаллаи «Паёмномаи фарҳанг», асосан, мақолаҳои фарогирандаи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба соҳаҳои фарҳанг, санъат, китобдорӣ, ахбори омма ва табъу нашр, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра, ки дар худ навгонӣ доранд, чоп карда мешаванд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мувофиқати сохти мақолаи илмӣ ба талаботи муқаррарнамудаи маҷалла; б) натиҷаи таҳқиқоти илмӣ будани мақола; в) мувофиқат намудани мавзӯи мақола ба яке аз самтҳои илмии маҷалла.

Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи муаллифони дигар бе ишораи иқтибос истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошанд.

Ҳаҷми умумии мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Зубайдӣ А.М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– номи мақола;

– матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯй ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 8 то 10 адад бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, манбаи иқтибос адабиёти №4 ва саҳифаи 25 мебошад.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

Сурогаи мо: ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 17 (ошёнаи 2), ПИТФИ, шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашр. Тел.:(+992 37)233–84–58, murodi@mail.ru

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ
Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник культуры»

В научном журнале «Вестник культуры» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по гуманитарным наукам: культуре, искусству, библиотековедению, СМИ и печатным изданиям, народные ремеслам и другим, имеющим новизну.

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например: Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 8 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на трех языках (таджикском, русском и английском). Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), занимаемая должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

Наш адрес: г. Душанбе, проспект Н. Карабаева, 17 (2 этаж), НИИКИ, отдел средств массовой информации и издательского дела. Тел.: (+992 37)233–84–58; murodi@mail.ru

ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ

Нашрияи илмию таҳлилӣ
2024, № 1 (65)

ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ

Научно – аналитическое издание
2024, № 1 (65)

HERALD OF CULTURE

Scientific and analytical edition
2024, № 1 (65)

Сармуҳаррир
номзади илмҳои филологӣ
Аминов Абдуфаттоҳ

Муҳаррири масъул
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Муродӣ Мурод

Муҳаррири техникӣ
Қузиев Ҷумъабой

Ба чоп 00.04.2024 имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/8.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 16.
Адади нашр 200 нусха. Супориши № 11 /24

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг»
ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ – 21